Т.Н. Зиёев

# ТАЪРИХИ УМУМӢ











10





# АВРУПО ва ОСИЁ



ББК 74.26Я72
М80

Зиёев Т.Н. ТАЪРИХИ УМУМӢ: ТАЪРИХИ МУОСИРИ ҶАҲОН. Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ. -- Душанбе: «Собириён», 2005. -- 208 саҳифа.

Хонандаи азиз!

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва эҳтиёт намоед. Кӯшиш намоед, ки соли хониши оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додару хоҳарчаҳоятон гардад ва ба онҳо ҳам хизмат кунад.

Ҷадвали истифодаи иҷоравии китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли хониш | Охири соли хониш |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

ББК 74.26Я72
ISBN 9965-05-032-5

М $\frac{4306020600-114}{418(05)-2000}$ Инф. Письмо-99 © «Собириён», 2005.

# МУҚАДДИМА

Шумо, хонандагони гиромӣ, дар тӯли солҳои қаблӣ таърихи умумиро омӯхтед. Ба ин васила аз зиндагии одамон дар марҳалаҳои гуногуни таърихи гузашта хуб бохабар шудед. Аз фаъолияти меҳнатӣ ва тарзи зиндагии одамон иттилоъи зарурӣ ҳосил кардед. Фаҳмидед, ки инсоният кай ба вуҷуд омада, марҳалаҳои ташаккули худро чӣ тавр тай намудааст. Ин донишҳо ба шумо имконият дод бифаҳмед, ки симои асосӣ ва бунёдкори ягонаи таърих инсон мебошад. Ҳамаи тарафу риштаҳои ҳаёти ҷомеа аз инсон сарчашма мегиранд. Маҳз тавассути меҳнати бунёдкорона ва ақлу заковати инсон арзишҳои моддӣ ва фарҳангии ҷаҳони имрӯза офарида шудаанд.

Дар синфи 9-ум Шумо аллакай давраи аввали таърихи муосири ҷаҳонро омӯхтед. Дар маркази диққати ин давра масъалаҳои марбут ба таърихи баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва вазъи тезу тунди муносибатҳои байналхалқии баъдиҷангӣ инъикос гардидаанд, ки дар ниҳояти кор ба сарзании Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сабаб шуданд. Аз ин давра натанҳо дар бораи пешравӣ ва муваффақиятҳои инсон, инчунин дар бораи мушкилоти зиндагии ӯ ҳам маълумот ҳосил намудед. Мутаассифона, инсон на ҳама вақт қодир аст, ки мушкилоти худро бе талафоти ҷонию моддӣ бартараф намояд. Аз ҳамин сабаб, Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба сари инсоният бадбахтиҳои мудҳиштарин овард. Ин ҷанг тақдири тамоми башарият ва тамаддуни инсониро ба зери хатар гузошт.

Инак, Шумо ба омӯзиши давраи дуюми таърихи муосири ҷаҳон шурӯъ мекунед. Ин марҳала аз давраи ба анҷом расидани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ то имрӯзро дар бар мегирад. Аз рӯи хусусиятҳояш мо ин давраро ба ду марҳалаи алоҳидаи бо ҳам робитаи зичдошта тақсим намудем. Дар синфи 10 марҳалаи аз соли 1945 то соли 1970 ва дар синфи 11 марҳалаи аз соли 1970 то соли 2005 омӯхта мешавад.

Даврал дуюми таърихи муосири ҷаҳон хусусиятҳои хоси худро дорад. Аз ин китоби дарсӣ Шумо хоҳед фаҳмид, ки оё ҷомеаи ҷаҳонӣ аз оқибатҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сабақ бардоштааст? Оё вай бар зидди сар задани ҷанги нави ҷаҳонӣ чорае андешидааст? Оё муносибат дар байни миллату давлатҳои гуногуни ҷаҳони муосир ба сӯи беҳбудию ваҳдат, ҳусни тафоҳуму бунёдкорин осоишта пеш рафтааст? Дар ин ва ё он мамлакат вазъи иҷтимоии мардум дар кадом ҳолат қарор дорад? Хоҳед фаҳмид, ки ин ва ё он давлат ва ё режими сиёсӣ барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа чӣ корҳоро ба ҷо овардааст. Инсон ва шахс дар ҷомеа ба кадом мақому мартаба сазовор гардонида шудааст?

Барои самаранок омӯхта тавонистани таърихи муосири ҷаҳон мавзӯъҳо дар китоб тарзе таҳия ва оро дода шудаанд, ки ба Шумо дастрас бошанд. Ҳангоми омӯхтани мавзӯъҳо аз матни муаллифону сарчашмаҳои таърих, саволу супоришҳою суратҳо ва ҳоказо самаранок истифода бурда, маърифати таърихӣ ва ҷаҳонбинии худро ташаккул медиҳед.

Мо, муаллифони китоби дарсӣ, хоҳони онем, ки дар ҷараёни омӯзиши таърих Шумо озодандеш ва кунҷков бошед. Маводи таълимро аз назари танқид омӯхта, аз он барои худ хулоса бароред. Дар ин роҳ ба Шумо барор ва самара мехоҳем.



БИБЛИОТЕКА

# БОБИ I. ТАҒЙИРОТ ДАР ҶАҲОН

## §I.ТАВЛИДИ НИЗОМИ НАВИ ҶАҲОНӢ

**ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба аҳли башар харобӣ ва талафоти бузурги моддию ҷонӣ оварда, муносибатҳои давлатҳои бузургро ба масъалаи ҷанг ва сулҳ ба куллӣ тағйир дод. Онҳо хуб дарк карданд, ки дар муносибатҳои байналхалқӣ бояд низоми ҳамкорӣ, баробарҳуқуқӣ, эҳтироми соҳибихтиёрию соҳибистиқлолии давлатҳо, эътирофи манфиатҳои миллӣ ва риояи ҳуқуқҳои инсон ҳукмрон бошад. Давлатҳои ҷаҳон ва неруҳои сиёсии миллии онҳо минбаъд бояд аз усулҳои ваҳшиёнаи ҳалли масъалаҳои байналхалқӣ даст кашида, онҳоро бо тарзи осоиштаю мусолиҳатомез ва дар сари мизи музокирот ҳаллу фасл намоянд.



*Расми 1. Мурофиаи суди Нюрнберг.*

Замина барои ба вуҷуд омадани низоми нав дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳанӯз дар рафти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ гузошта шуд. Солҳои 1941-1942 намояндагони Иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ борҳо ҷамъ омада, роҳҳои ҳалли масъалаҳои гуногуни, дохили иттиҳод ва умумиҷаҳониро ҳамоҳанг мекарданд. Аз ин ҷиҳат вохӯриҳои роҳбарони давлатҳои бузурги Иттиҳоди зиддифашистӣ махсусан дорои аҳамияти калон буданд. Чунин вохӯриҳо соли 1943 дар Теҳрон ва соли 1945 дар Қрим ва Потсдам баргузор гардиданд. Роҳбарони Иттиҳоди Шӯравӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Британияи Кабир низоми нави муносибатҳои байналхалқиро ба вуҷуд оварда, онро ташаккул медоданд. Сталин, Рузвелт ва Черчилл маҳз дар ин конфронсҳо ба хулоса омаданд, ки барои ба роҳи мутамаддин даровардани муносибатҳои байналхалқӣ созмони бонуфузи умумиҷаҳонӣ лозим аст.



*Расми 2. **У Черчилл, Г. Трумэн ва И. Сталин**, ки баъди конфронси байналхалқии Потсдам дар ду тарафи сангари бо ҳам душман қарор гирифтанд.*



*Расми 3. Кароргоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Нию Йорки ИМА.*









1.Ба фикри Шумо, Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ кадом сохтори байналхалқиро ба вуҷуд овард?
2.Зарурати пайдоиши низоми муносибатҳои байналхалқиро асоснок кунед.

**СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД.** Яке аз қисматҳои асосии низоми нав дар муносибатҳои байналхалқии баъдиҷангӣ таъсиси Созмони Милали Муттаҳид буд. Он дар Конфронси байналхалқии дар шаҳри Сан-Франсискои ИМА, ки аз 25 апрел то 26 июни соли 1945 баргузор гардида буд, таъсис ёфтааст. Муассисони СММ ҳамаи 51 давлати аъзои Иттиҳоди зиддифашистӣ буданд. Дар рӯзи охирини конфронс - 26 июн Оинномаи СММ қабул карда шуд, ки он 24 октябри соли 1945 ба эътибор даромад. Ҳамин рӯз ҳамчун Рӯзи ташкилёбии Созмони Милали Муттаҳид қайд карда мешавад.



*Расми 4. Маросими ба имзо расидани Оинномаи СММ дар Конференсияи Сан-Франсиско 26.06.1945.*

Созмони Милали Муттаҳид моҳи январи соли 1946 ба кор шурӯъ кардааст.

Алҳол қароргоҳи СММ дар шаҳри Нйю-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико воқеъ гардидааст.

То соли 1966 аъзои ғайридоимии Шӯрои Амният аз 6 давлат иборат буданд. Ҳамон сол шумораи онҳо ба 10 расонида шуд. Ин аъзо баъди ҳар ду сол иваз карда мешаванд.

1.Созмони Милали Муттаҳид барои ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ аҳамият дорад?
2.Ҷадвалҳои мавзӯъро шарҳу эзоҳ диҳед, оид ба онҳо бо ҳамдарсон саволу-ҷавоб кунед.

**КОНФРОНСИ СУЛҲИ ПАРИЖ.** Баъди ҷанг бо давлатҳои Иттиҳоди зидди фашистӣ созишномаи сулҳ ба имзо расонида ва масъалаҳои дигари баъдиҷангиро ҳаллу фасл намудан лозим буд. Барои ҳамин мақсадҳо сардорони Иттиҳоди Шӯравӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Британияи Кабир дар конфронси байналхалқии Потсдам бори дигар усулҳои ҳалли осоиштаи масъалаҳои баъдиҷангии Аврупо ва тамоми ҷаҳонро муайян карданд.

Давлатҳои ғолиб қарор доданд, ки конфронси байналхалқии сулҳ даъват карда шавад. Намояндагони ИҶШС ва Британияи Кабир лоиҳаи ҳуҷҷатҳои конфронсро дар нишастҳои қариб якуним сол таҳия намуданд. Инак, ин конфронс аз 29 июл то 15 октябри соли 1946 дар шаҳри Париж баргузор гардид. Дар он

намояндагон аз 21 давлати ҷаҳон - Австралия, Англия, Белгия, Бразилия, Голландия, Зеландияи Нав, ИМА, ИҶШС, Канада, Норвегия, Полша, Фаронса, Чехословакия, Чин, Югославия, Юнон, Ҳабашистон, Ҳиндустон, ҶШС Белоруссия, ҶШС Украина, Ҷумҳурии Африкои Ҷанубӣ ширкат варзиданд.

Сарфи назар аз ҷидду ҷаҳди вакилони конфронс тахия ва имзои созишномаҳои сулҳ аз сабаби мушкилии ин масъала хеле тӯл кашид. Ба намояндагони ИҶШС ва ИМА лозим омад, ки моҳи декабри ҳамон сол дар шаҳри Нйю-Йорк ҷамъ омада, баъзе нуктаҳои ин аҳдномаҳоро дақиқтар кунанд.

Ҳамин тариқ, 10 феврали соли 1947 бо Италия, Финляндия, Булғория, Венгрия ва Руминия ва 15 майи соли 1955 бо Австрия созишномаҳои сулҳ ба имзо расонида шуданд. Бо ҳамин ин давлатҳо аз ҳолати ҷанг бо давлатҳои Иттиҳоди зиддифашистӣ баромаданд. Созишномаҳо масъалаҳои ҳудудҳои баъзе давлатҳоро дарбар гирифтанд. Масалан, Италия ба ҳудудҳои то оғози ҷанг доштаи худ баргардонида шуда, як қисми минтақаҳои шимолии он ба Фаронса ва Юнон дода шуд ва қисми дигари Италия - Триест дар байни Италия ва Югославия тақсим карда шуд. Сарҳадҳои Олмон ва Чехословакия низ ба давраи пешазҷангӣ баргардонида шуданд. Ҷопон аз мамлакатҳои забткардааш маҳрум шуд. Дар ҳудудҳои ИҶШС Норвегия, Венгрия ва Булғория ҳам тағйиротҳо ба миён омаданд. Албания ва Ҳабашистон бошанд, истиқлолият ба даст оварданд. Бо Ҷопон бастани сулҳ тӯл кашид. Моҳи сентябри соли 1951 дар шаҳри Сан-Франсиско конфронс оид ба бастани созишномаи сулҳ бо Ҷопон баргузор гардид. ИҶШС, Полша ва Чехословакия ба ин конфронс омада бошанд ҳам, ба зери созишномаи тахияшуда имзо нагузоштанд.

?

1. Ниҳоятан Олмон ва Италия пеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва дар рафти он [illegible] кишварҳоро ишғол карда буданд.
2. Конфронси сулҳи Париж кадом масъалаҳоро [illegible] ва онҳо чи тавр ҳал карда шуданд?

**ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР.** Созмони Милали Муттаҳид, давлатҳои мутамаддин ва аҳли пешқадами ҷаҳон муносибати фашизмро нисбат ба инсон хуб дарк карданд ва фаҳмиданд, ки одам дар назди қудрат ва қонунҳои зиддиинсонии давлатҳои низоми сиёсиашон фашистӣ ва бо онҳо монанд оҷиз аст. Фашистони Олмон ва шарикони онҳо дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ миллионҳо одамони бегуноҳро нест карданд. Онҳо ҳатто ҷойҳои одамкушкунии оммавӣ - лагерҳои консентратсионӣ доштанд. Бухенвалд аз калонтарини онҳо буд. Дар ин ҷо ҳатто кӯдаконро ҳам ба қатл мерасониданд. Одамонро зинда дар оташдон месӯзониданд.

Аз ин рӯ, ҳифзи ҳуқуқи инсон яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид. Ин буд, ки 10 декабри соли 1948 Маҷлиси Кулли Созмони Милали Муттаҳид "Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башар"-ро қабул кард. Он ҳуқуқу озодиҳои асосиро барои ҳар як шаҳрванди давлатҳои ҷаҳон инъикос намудааст. Ҳамаи 30 моддаи Эъломия пур аз ғояҳои инсондӯстона мебошанд. Давлатҳои ҷаҳон бояд ҳуқуқу озодиҳои инсонро, ки дар ин санади ҳуқуқи байналхалқӣ омадааст, ҳамаҷониба ҳифз намоянд, ҳуқуқи инсонро поймол накунанд.

## ИҚТИБОСҲО АЗ «ЭЪЛОМИЯИ УМУМИИ ҲУҚУҚИ БАШАР»

**Моддаи1.** Тамоми одамон озод ва аз нигоҳи шаъну шарафу ҳуқуқҳо баробар ба дунё меоянд. Ҳамаи онҳо ақлу виҷдон доранд ва бояд нисбат ба ҳамдигар бародарвор муносибат кунанд.

**Моддаи 3.** Ҳар инсон ҳаққи зиндагӣ, озодӣ ва дахлнопазири (масуният) шахсӣ дорад.

**Моддаи 5.** Ҳеҷ кас набояд мавриди шиканҷа ё рафтори бераҳмона, ғайриинсонӣ, ё ба шаъну шарафи ӯ таҳқиромез ва ҷазо қарор гирад.

**Моддаи 9.** Касро худсарона дастгир, зиндонӣ ва бадарға кардан мумкин нест.

**Моддаи 17.** Ҳар инсон ҳақ дорад, ки ба танҳоӣ ва ё муштарак бо дигарон соҳиби моликият бошад. Ҳеҷ кас набояд худсарона аз моликият маҳрум карда шавад.

**Моддаи 19.** Ҳар инсон ба озодии ақида ва изҳори озодонаи он ҳақ дорад; ин ҳуқуқ - озодии доштани ақидаҳо бидуни ҳеҷ мамонина, озодии ҷустуҷӯ кардан, дарёфтан ва густариши иттилооту ақидаҳо аз тариқи ҳар василае ва новобаста аз марзҳои давлатиро фаро мегирад.

Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башар яке аз санадҳои муҳим ва аввалинест, ки онро СММ барои дифоъи ҳуқуқу озодиҳо ва шаъну шарафи инсон қабул кардааст. Эъломияи мазкур мақому мартабаи фитрии инсонро ба ҷаҳониёни ҳуқуқ ва қонуни умумибашарӣ ворид сохт. Аз он вақт сар карда масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон мавриди таваҷҷӯҳи доимии Созмони Милали Муттаҳид қарор гирифтааст.

1. Мақсади Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башар аз чӣ иборат аст?
2. Яке аз моддаҳои Эъломияи Умумии Ҳуқуқи Башарро шарҳ диҳед.

**ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДИИ БАЙНАЛХАЛҚӢ.** Давлатҳои Ғарб дар марҳалаи охирини Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва баъди он ҳамкории иқтисодиро вусъат доданд. Соли 1944 дар шаҳри Бреттон-Вудси ИМА дар Конфронси Милали Муттаҳид намояндагони 44 давлати ҷаҳон "низоми асъории Бреттонвуд"-ро таъсис намуданд. Муассисони ин низом дар бораи муайян намудани қурби тиллоии доллари амрикоӣ аҳду паймон карда, ҳуҷҷати лаҳҳдор ба имзо расониданд. Ин созмон соли 1995 ба Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат мубаддал гардида, имконият дод, ки давлатҳои аъзо боҷи кам пардозанд ва савдои озодро васеъ кунанд.



*Расми 5. **Жан Моне** (1888-1874) иқтисодчӣ молиинноси Фаронса, ташаббускори ба имзо расидани қарордоди иттифоқи аврупоии ангиштсанг ва пӯлод.*

Дар асоси ин низом ҳамгироии иқтисодии давлатҳои Аврупо оид ба саноати филизот, ангиштсанг ва маъдани оҳан ташкил карда шуд, ки ба он Белгия, Италия, Люксембург, Нидерландия, Фаронса ва Олмон дохил буданд. Соли 1957 ҳамин давлатҳо Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо, ё худ "Бозори умумӣ"-ро таъсис намуданд. Баъдтар ба ин созмони иқтисодӣ чандин давлати дигари Аврупо низ дохил шуданд, аз он ҷумла, Британияи Кабир ва Испания. Бозори умумӣ ба ҳаракати озоди мол,

хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи корӣ шароити мусоид фароҳам овард. Аз он давлатҳои аъзо фоидаи калони иқтисодӣ ба даст меоварданд шуданд.

Шаклҳои нави ҳамкории иқтисодӣ на танҳо мамлакатҳои Аврупо, инчунин баъзе мамлакатҳои қитъаҳои дигари ҷаҳонро низ фаро гирифт. Ин ҳамкорӣ имконият дод, ки мамлакатҳои пешқадами ҷаҳон ба зинаҳои баланди тараққиёти иқтисодӣ соҳиб шаванд.

1. Дар муносибатҳои иқтисодии баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ кадом навгонӣ ба вуҷуд омад ва он чи аҳамият дошт?
2. Давлатҳои муассиси Иттиҳоди Иқтисодии Аврупоро номбар кунед ва аз харита нишон диҳед.

## § 2 ҶАНГИ САРД

**БАЛАНДШАВИИ НУФУЗИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ИҶШС.** Баъди ба итмом расидани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Иттиҳоди Шӯравӣ ба он муваффақ шуд, ки Иттиҳоди давлатҳои иттифоқчиистӣ шартҳои созишномаи соли 1939 бо Олмонро оид ба дар ғарби мамлакат васеъ карда шудани худудҳояш дастгирӣ намояд. Ғайр аз ин, ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ Сахалини Ҷанубӣ ва ҷазираҳои Курилл дохил карда шуданд. Шимолу Ғарбии Чин ба минтақаи манфиатҳои ИҶШС табдил ёфт. Вилояти Печенегаи то ин вақт ба Финляндия тааллуқдошта ва Украинаи Закарпат, ки аз соли 1918 боз дар ҳайати Чехословакия буд ва як қисми Пруссияи Шарқӣ (ҳамчун вилояти Калининградӣ РСФСР) ба ҳайати ИҶШС дохил карда шуд. Ғайр аз ин, ИҶШС талаб кард, ки мақоми гулӯгоҳҳои баҳри Сиёҳ тағйир дода шавад, то ки дар Дарданел пойгоҳи ҳарбӣ сохта тавонад. Гарчанде мувофиқи созишномаи мутгарики соли 1941 бо Эрон Британияи Кабир ва ИҶШС баъди 6 моҳи анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бояд қушунҳояшонро аз хоки Эрон мебароварданд, ин корро Британияи Кабир ба иҷро расонид, вале ИҶШС кашол дод. Гузашта аз ин, дар шимоли Эрон ҳукумати тарафдорон мухтор ташкил дод. Барои ҳамин Иёлоти Муттаҳидаи Америко ва Британияи Кабир маҷбур шуданд, ки ба Иттиҳоди Шӯравӣ фишор оваранд, то ки қушунҳояшро аз Эрони соҳибистиқлол бароранд.



*Расми 6.* ***Уинстон Черчилл*** *(1874-1965).*

Ба ҷамми ин, ИҶШС дар Маҷлиси машваратии вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои доимии Шӯрои Амнияти СММ, ки дар ш.Лондон баргузор гардид, талаб кард, ки ҳуқуқи Иттиҳоди Шӯравиро барои протекторат (пуштибонӣ) бар Триполитания, яъне Либия тасдиқ кунанд, то ки ҳузури вай дар ҳавзаи баҳри Миёназамин таъмин карда шавад.

Чи тавре ки дидед, Иттиҳоди Шӯравӣ нуфузи худро дар тамоми ҷаҳон пахн мекард. Аз ин ҳолат давлатҳои Ғарб ва махсусан Иёлоти Муттаҳидаи Америко ва Британияи Кабир ба ташвиш афтоданд.

1. Далелҳоеро баён кунед, ки дар бораи баландшавии нуфузи байналхалқии ИҶШС шаҳодат медиҳанд.
2. Кадом давлатҳо аз нуфузи байналхалқии ИҶШС ба ташвиш афтоданд ва барои чӣ?

Аврупо онҳо дод. Ҷавобан ИҶШС ба ҳукуматҳои давлатҳои Аврупои Шарқӣ фишор овард, ки ёрии аз рӯи "нақшаи Маршалл"-ро қабул накунанд. Дар баробари ин Иттиҳоди Шӯравӣ кӯшиши зиёд ба харҷ дод, то дар ин давлатҳо ҳокимият ҳар чӣ тезтар ба ихтиёри ҳизбҳои коммунистӣ (марксистӣ) гузарад.

Мувофиқи "Нақшаи Маршалл" 16 давлати Ғарб бо Амрико созишнома ба имзо расониданд. Ин давлатҳо дар зарфи 4 сол аз ИМА 17 млрд доллар ёрӣ гирифтанд. Дар баробари ин, дар назди роҳбарони давлатҳои аз Амрико ёригиранда шарти пешакӣ гузошта шуд, ки онҳо бояд коммунистонро аз ҳайати ҳукуматҳои худ бароранд. Давлатҳои фарогири "нақшаи Маршалл" ин шарти Амрикоро ба иҷро расониданд.

Ҳамин тариқ, соли 1948 тақсимшавии давлатҳои Аврупо ба капиталистӣ (сармоядорӣ) ва сотсиалистӣ (коммунистӣ) амри воқеӣ гардид.

1.Сабабҳои ба миён омадани "нақшаи Маршалл"-ро баён намоед.
2.Мақсади асосии "нақшаи Маршалл"-ро шумо дар чӣ мебинед?

**ТАЪСИСЁБИИ ПАЙМОНҲОИ ҲАРБӢ.** Иёлоти Муттаҳидаи Амрико танҳо ба расонидани ёрии ҳарбию иқтисодӣ маҳдуд нашуд. Он дар Аврупо ва Осиё якчанд паймони ҳарбӣ ҳам таъсис дод. Иттиҳоди Шӯравӣ низ дар ин муқовимат ба Амрико ва давлатҳои дигари Ғарб ҷавоби муносиб дода, Паймони Варшаваро таъсис намуд.

Паймонҳои НАТО, АНЗЮС, СЕАТО, Паймони Бағдод (аз соли 1959-СЕНТО) дар муқобили нерӯҳои ҳарбии давлатҳои сотсиалистӣ ташкил карда шуда буданд. Нерӯҳои ҳарбии 8 давлати сотсиалистӣ дар созмони Паймони Варшава муттаҳид шуданд. Бояд гуфт, ки то охири солҳои 70-ум бо сабабҳои гуногун ғайр аз паймонҳои НАТО ва Варшава паймонҳои дигари ҳарбӣ барҳам хӯрданд.



*Расми 7. Таркиши силоҳи ҳастаӣ.*

1.Чӣ сабаб шуд, ки паймонҳои ҳарбӣ таъсис дода шуданд?
2.Оид ба паймонҳои ҳарбӣ саволнома тайёр кунед. Онҳоро дар саволу ҷавоб бо ҳамдарсонатон истифода баред.

**МУСАЛЛАҲШАВИИ БОШИТОБ.** Баъди таъсисёбии паймони НАТО мусаллаҳшавии бошитоби Ғарбу Шарқ оғоз ёфт. Соли 1949 инҳисории бомбаи ҳастаии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вайрон карда шуд. Мутахассисони Иттиҳоди Шӯравӣ низ чунин бомба сохтанд. Баъди чанде Фаронсаю Англия низ соҳиби бомбаи ҳастаӣ шуданд.

Васвасаи ҷанг дар давлатҳои сарвари паймонҳои ҳарбӣ сол то сол вусъат меёфт. ИМА, ИҶШС, Англия ва Фаронса истеҳсоли аслиҳаи ҳастаиро беандоза зиёд карданд. Мушакҳои ихтироъкардаи балластикию байниқитъавии Иттиҳоди

Аврупо бахо дод. Ҷавобан ИҶШС ба ҳукуматҳои давлатҳои Аврупои Шаркӣ фишор овард, ки ёрии аз рӯи "нақшаи Маршалл"-ро қабул накунанд. Дар баробари ин Иттиҳоди Шӯравӣ кӯшиши зиёд ба харч дод, то дар ин давлатхо хокимият хар чӣ тезтар ба ихтиёри ҳизбҳои коммунистӣ (марксистӣ) гузарад.

Мувофиқи "Нақшаи Маршалл" 16 давлати Ғарб бо Амрико созишнома ба имзо расониданд. Ин давлатхо дар зарфи 4 сол аз ИМА 17 млрд доллар ёрӣ гирифтанд. Дар баробари ин, дар назди роҳбарони давлатҳои аз Амрико ёригиранда шарти пешакӣ гузошта шуд, ки онхо бояд коммунистонро аз ҳайати ҳукуматхои худ бароранд. Давлатҳои фарогири "нақшаи Маршалл" ин шарти Амрикоро ба ичро расониданд.

Ҳамин тариқ, соли 1948 тақсимшавии давлатҳои Аврупо ба капиталистӣ (сармоядорӣ) ва сотсиалистӣ (коммунистӣ) амри воқеӣ гардид.

1.Сабаби ба миён омадани "нақшаи Маршалл"-ро баён намоед.
2.Мақсади асосии "нақшаи Маршалл"-ро шумо дар чӣ мебинед?

**ТАЪСИСЁБИИ ПАЙМОНҲОИ ҲАРБӢ.** Иёлоти Муттаҳидаи Амрико танхо ба расонидани ёрии ҳарбию иктисодӣ маҳдуд нашуд. Он дар Аврупо ва Осиё якчанд паймони ҳарбӣ хам таъсис дод. Иттиҳоди Шӯравӣ низ дар ин муқовимат ба Амрико ва давлатҳои дигари Ғарб ҷавоби муносиб дода, Паймони Варшаваро таъсис намуд.

Паймонҳои НАТО, АНЗЮС, СЕАТО, Паймони Бағдод (аз соли 1959-СЕНТО) дар муқобили нерӯҳои ҳарбии давлатҳои сотсиалистӣ ташкил карда шуда буданд. Нерӯҳои ҳарбии 8 давлати сотсиалистӣ дар созмони Паймони Варшава муттаҳид шуданд. Бояд гуфт, ки то охири солҳои 70-ум бо сабабҳои гуногун ғайр аз паймонҳои НАТО ва Варшава паймонҳои дигари ҳарбӣ бархам хӯрданд.



*Расми 7. Таркиши силоҳи ҳастаӣ.*

1.Чӣ сабаб шуд, ки паймонҳои ҳарбӣ таъсис дода шуданд?
2.Оид ба паймонҳои ҳарбӣ саволнома тайёр кунед. Онҳоро дар саволу ҷавоб бо ҳамдарсонатон истифода баред.

**МУСАЛЛАҲШАВИИ БОШИТОБ.** Баъди таъсисёбии паймони НАТО мусаллаҳшавии бошитоби Ғарбу Шарқ оғоз ёфт. Соли 1949 инҳисории бомбаи ҳастаии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вайрон карда шуд. Мутахассисони Иттиҳоди Шӯравӣ низ чунин бомба сохтанд. Баъди чанде Фаронсаю Англия низ соҳиби бомбаи ҳастаӣ шуданд.

Васвасаи ҷанг дар давлатҳои сарвари паймонҳои ҳарбӣ сол то сол вусъат меёфт. ИМА, ИҶШС, Англия ва Фаронса истеҳсоли аслиҳаи ҳастаиро беандоза зиёд карданд. Мушакҳои ихтироъкардаи баллистикию байниқитъавии Иттиҳоди




Шӯравӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар масофаи ҳазорҳо километр ба-иншон мерасиданд. Ин мамлакатҳо ва Англияю Фаронса ҳар сол дар озмоишгоҳҳои сершумор, аз он ҷумла дар Невада, Семипалатинск, Замини Нав, ҷазираҳои укёнуси Ором ва ғайра аслиҳаи ҳастаии худро дар зери замин, дар рӯи замин ва дар фазо муттасил санҷида, тарафи муқобилро аз силоҳи қатли ом метарсониданд.

Силоҳи аз ҳама ҷиёдро Амрико ва Иттиҳоди Шӯравӣ истеҳсол мекарданд. Пойгоҳҳои ҳарбии аз ҳама зиёдро дар ҷаҳон низ маҳз ҳамин давлатҳо доштанд. Пойгоҳҳои ҳарбии Амрико дар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ, Шарқи Наздик, Шарқи Миёна, Шарқи Дур, Осиёи Ҷанубӣ ва қаламрави давлатҳои аъзои НАТО мавҷуд буданд. Иттиҳоди Шӯравӣ пойгоҳҳои ҳарбии сершумори худро дар Полша, ҶДО, Чехословакия, Венгрия, Руминия, Булғория, Албания ва баъзе минтақаю мамлакатҳои дигар ҷой дода буд.

Мусаллаҳшавии бошитоб аз мамлакатҳои аъзои паймонҳои ҳарбӣ ва махсусан аз ИҶШС ва ИМА маблағҳои беандоза бузургро талаб мекард. Ин давлатҳои ду низоми сиёсӣ-сармоядорӣ ва сотсиалистиро дар муқобили ҳамдигар гузошт. Мусаллаҳшавии бошитоб тайёрии ин ду низоми ҷаҳонии сиёсӣ ба ҷанги муқобили якдигар буд.

1. Мусаллаҳшавии бошитоб дар чи ифода ёфтааст? Бо далелҳо исбот намоед.
2. Дар гурӯҳҳои хурд дар бораи оқибатҳои мусаллаҳшавии бошитоб ба ҳамдигар баҳс кунед.

**ЗИДДИ ШИДДАТИ ВАЗЪИЯТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ** Сарфи назар аз мусаллаҳшавии бошитоб ва фаъолияти паймонҳои ҳарбӣ тарафҳои бо ҳам муқобил барои паст кардани шиддати вазъияти байналхалқӣ кам бошад ҳам, ҳаракат мекарданд.

Бо ҷидду ҷаҳди пешвоёни сулҳҷӯй Маҷлиси машваратии сардорони [illegible] ИМА, Англия ва Фаронса, ки барои паст кардани шиддати вазъияти байналхалқӣ равона карда шуда буд, аз 18 то 23 июли соли 1955 дар шаҳри Женева баргузор гардид. Масъалаи маҳдуд кардани аслиҳа, манъи силоҳи ҳастаӣ ва масъалаи тақдири ду Олмон дар маркази диққати ин маҷлис истода буданд. Мутаассифона, ҳарду масъала ҳам аз тарафи роҳбарони чор давлати бузург дастгирии якдилона наёфт. Вале дар баробари ин онҳо таъкид карданд, ки бояд робитаи доимии байниҳамдигарӣ дошта бошанд.



*Расми 8. Қарордоди байналхалқии манъи озмоиши аслиҳаи ҳастаӣ дар кайҳон, фазо ва об (соли 1963).*

Минбари Созмони Милали Муттаҳид махсусан барои паст кардани шиддати вазъияти байналхалқӣ хуб истифода бурда мешуд. Ин буд, ки соли 1946 Иҷлосияи Кулли он якдилона қарор қабул кард, ки Шурои Амният оид ба танзими лоиҳаи санади даҳлдор ва маҳдуд кардани аслиҳа чораҳои амалӣ андешад. Давлатҳои алоҳида оид ба ин масъала ба Иҷлосияи Кулли СММ лоиҳаи "Эъломия дар бораи бартараф кардани хавфи ҷанги нав ва мустаҳкам кардани сулҳ ва амнияти халқҳо" ва "Эъломия дар бораи чораҳо бар зидди хавфи ҷанги нави ҷаҳонӣ ва мустаҳкам кардани сулҳ ва дӯстии халқҳо"-ро пешниҳод кард. ИҶШС зарурати ба имзо расидани аҳдномаи оид ба аслиҳа ва манъи истеҳсоли аслиҳаи ҳастаӣ ва масъалаи яроқпартоии умумиро низ ба миён гузошт. Давлатҳои бузурги Ғарб бо баъзе ҳам оид ба масъалаи паст кардани шиддати вазъияти байналхалқӣ пешниҳодҳои муфид баромад карданд. Вале дар шароити "ҷанги сард" нобоварӣ дар байни давлатҳои Ғарб ва Шарқ чунон афзуда буд, ки онҳо дигар ба ҳамдигар бовар намекарданд. Бинобар ҳамин сабаб, тарафҳои муқобил пешниҳодоти ҳамдигарро рад менамуданд. Ин буд, ки кӯшишҳои аввалини баҳри паст кардани шиддати вазъияти байналхалқӣ он қадар самарабахш набуданд. Бурди ягона он буд, ки соли 1963 оид ба манъи озмоиши силоҳи ҳастаӣ дар кайҳон, фазо ва об Қарордоди байналхалқӣ ба имзо расид.

**1. Ба фикри шумо чаро кӯшишҳо баҳри паст кардани шиддати вазъияти байналхалқӣ самараи дилхоҳ намедоданд?**
**2. Дар солҳои "ҷанги сард" оё хатари сар задани ҷанги нави ҷаҳонӣ вуҷуд дошт?**

# §3. МУБОРИЗА БАҲРИ СУЛҲ ДАР ҶАҲОН

**ҲАРАКАТИ УМУМИҶАҲОНИИ ҶОНИБДОРОНИ СУЛҲ.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мардуми оламро ташнаи сулҳ ва ваҳдат гардонид. Вале аз анҷоми ҷанг якчанд сол нагузашта хатари ҷанг аз нав ба миён омад. Барои ҳамин нерӯҳои сулҳпарвари ҷаҳон фаъолияти худро пурзӯр намуданд. Моҳи августи соли 1948 дар шаҳри Варшава Конгресси умумиҷаҳонии арбобони фарҳанг баҳри ҳифзи сулҳ баргузор гардид, ки он ташаббускори даъват кардани Конгресси умумиҷаҳонии ҷонибдорони сулҳ шуд. Ин конгресс моҳи апрели соли 1949 якбора дар ду шаҳр - дар Париж ва Прага баргузор гардид. Сабаби дар ду шаҳр баргузор гардидани конгресси ҷонибдорони сулҳ он буд, ки ҳукумати Фаронса ба як қисми вакилон барои ба Париж омадан рухсатнома надод. Дар Эъломияи муҳофизони сулҳ, ки Конгресс қабул кард, аз ҳамаи халқҳои ҷаҳон даъват карда мешуд, ки бар зидди ҷанг мубориза бурда, тамоми ҷидду ҷаҳди худро ба он равон кунанд, ки амнияти халқҳо ва ҳамкории байналхалқӣ мустаҳкам карда шавад.



*Расми 9.* ***Фредерик Жолио-Кюрӣ****, аввалин раиси Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ*

Баъди конгресси мутазаккира ҳаракати ҷонибдорони сулҳ қариб тамоми мамлакатҳои ҷаҳонро фаро гирифт. Дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ҷонибдорони сулҳ мақомоти миллии муҳофизони сулҳро ташкил намуда, корҳои таблиғотию тарғиботиро вусъат медоданд.

Моҳи марти соли 1950 Кумитаи доимии Конгресси умумиҷаҳонии ҷонибдорони сулҳ дар иҷлосияи дар шаҳри Стокголм баргузоргардидаи худ бар зидди хавфи ҷанги ҳастаӣ даъватнома қабул кард. Дар ин ҳуҷҷати муҳим гуфта мешуд, ки мардуми сулҳдӯст барои манъи аслиҳаи ҳастаӣ бархеста, аз болои истеҳсол ва озмоиши он назорати қатъӣ ҷорӣ намоянд. Ҳамон ҳукумате, ки ин аслиҳаи қатли омро аввалин шуда ба кор мебарад, бояд ҷинояткори ҳарбӣ эълон карда шавад. Барои дастгирии Даъватномаи Стокголм дар тамоми ҷаҳон ба имзоҷамъкунӣ шурӯъ карда шуд. Дар зери ин даъватнома дар зарфи қариб ним сол зиёда аз 500 миллион нафар одамони Сайёра имзо гузоштанд.



*Расми 10.* ***Ромеш Чандра****, Раиси Шӯрои умумиҷаҳонии сулҳ*

Конгресси дуюми умумиҷаҳонии ҷонибдорони сулҳ, ки дар шаҳри Варшава аз 16 то 22 ноябри соли 1950 баргузор гардид, намояндагони 81 давлат "Эъломия ба халқҳои ҷаҳон"-ро қабул карданд. Дар асоси қарори ин конгресс Шӯрои Умумиҷаҳонии Сулҳ таъсис дода шуд. Он ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳонро даъват намуд, ки дар бораи манъи таблиғоти ҷанг ва ҳифзи сулҳ қонунҳо қабул кунанд. Инчунин ба "Паймони Сулҳ" имзо гузошта, аз ҷанг даст кашанд. Барои дастгирии лоиҳаи

ин аҳднома дар як муддати кӯтоҳ наздики 600 миллион нафар ҷонибдорони сулҳ имзо гузоштанд.

Шӯрои Умумиҷаҳонии Сулҳ дар тӯли солҳои 50 ва 60 барои пойдории сулҳ, манъи истеҳсол ва озмоиши аслиҳаи ҳастаӣ ва ҳалли осоиштаи низоъҳои байналхалқӣ саҳми сазовор гузоштааст.

Ба Шӯрои Умумиҷаҳонии Сулҳ муддати тӯлонӣ аввал Фредерик Жолио-Кюри ва баъд Ромеш Чандра роҳбарӣ мекарданд.

1.Сабаби таъсиси ҳаракати умумиҷаҳонии ҷонибдорони сулҳро бо далелҳо исбот намоед.
2.Шӯрои Умумиҷаҳонии Сулҳ дар фаъолияти худ ба кадом муваффақият ноил шуд?

**ҲАРАКАТИ ДАВЛАТҲОИ ҲАМРОҲНОШУДА.** Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ шумораи давлатҳои соҳибистиқлол сол то сол зиёд мешуд. Вале хатари аз нав ба зулми мустамликавӣ гирифторшавӣ ва ё аз ҷониби давлатҳои абарқудрат мавриди таҷовузи ҳарбӣ қарор гирифтани онҳо ба миён омад. Таъсиси паймонҳои ҳарбӣ ба истиқлолияти ин давлатҳо ва давлатҳои дигари ҷаҳон таҳдид мекард. Сиёсати геополитикии давлатҳои абарқудрати аъзои паймонҳои ҳарбӣ қаламрави давлатҳои соҳибистиқлол ва навакак аз зулми мустамликавӣ озодшударо ҳам дар бар мегирифт. Онҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ин давлатҳоро ба доираи манфиатҳои худ ворид созанд ва ҳатто ба ҳайати паймонҳои ҳарбӣ қабул кунанд. Давлатҳое, ки ба ягон паймони ҳарбӣ дохил набуданд, дар танҳоӣ дар муқобили сиёсати таҷовузкоронаи паймонҳои ҳарбӣ истодагарӣ карда наметавонистанд. Барои ҳамин баҳри пурзӯршавии мақоми истиқлолияти худ бо ҳам наздик шуда, ба хулоса омаданд, ки ҳаракати умумиҷаҳонии давлатҳои ба паймонҳои ҳарбӣ ҳамроҳношударо таъсис бидиҳанд.

Ҳаракати умумиҷаҳонии давлатҳои ҳамроҳношуда дар Конфронси байналхалқии соли 1961 дар шаҳри Белгради Югославия аз тарафи намояндагони ваколатдори 25 давлати ҷаҳон таъсис дода шуд. Ин ҳаракат яке аз нерӯҳои бонуфузи сулҳдӯсту истиқлолиятхоҳ ва зидди мусаллаҳшавии бошитоб буда, то соли 1970 ба ҳайати он қариб 80 давлати ҷаҳон дохил шуда буд. Баъдтар шумораи ҳамроҳношудагон боз ҳам зиёдтар шуда, ба 99 давлат расид. Ҳиндустон, Индонезия, Югославия ва Миср бари давлатҳои калону бонуфузи ҷаҳон аъзои ҳаракати ҳамроҳношудагон буданд.

1.Ҳаракати давлатҳои ҳамроҳношуда чӣ хел созмони байналхалқӣ буд?
2.Ҷой ва соли таъсисёбии ҳаракати давлатҳои ҳамроҳношударо баён кунед.

**ЭЪЛОМИЯИ КОНГРЕССИ УМУМИҶАҲОНИИ ҶОНИБДОРОНИ СУЛҲ**

(Прага, Париж, 25 апрели соли 1949)

*(Иқтибосҳо)*

**Мо, намояндагони халқҳое, ки аз 72 давлат ҷамъ омадаем, мо, занҳо ва мардҳои тамаддунҳо, динҳо, эътиқодҳо ва ранги пӯстамон гуногун,**

Мо хавфу хатари дахшатноктарини аз нав ба олам тахдидкунандаи ҷангро дарк намудем.

Аз рӯзи фоҷеаи ҷаҳонӣ чор сол сипарӣ шуд ва халқҳо аз нав ба ярокнокшавии бошитоби марговар кашида мешаванд.

Илмро, ки бояд ба инсоният бахту саодат биёварад, аз рисолати аслии худ дур карда, маҷбур месозанд, ки ба мақсадҳои ҷанг хизмат кунад.

Дар ҳар гӯшаю канори ҷаҳон то ҳол манбаҳои ҷангҳое фурӯзонанд, ки бо дахолати давлатҳои хориҷӣ ва амали бевоситаи нерӯҳои ҳарбии онҳо барангехта ва дастгирӣ карда мешаванд.

Дар ин Конгресси бузурги умумиҷаҳонии ҷонибдорони сулҳ ҷамъ омада, бо овози баланд изҳор менамоем, ки мо озодии ақидаҳоямонро нигоҳ медорем ва таблиғоти ҷанг мафкураи моро ягон зарра банду баст накардааст.

Ба мо маълум аст, ки аҳдномаи аз тарафи давлатҳои бузург ба имзорасидаро, ки имконияти ҳамзистии давлатҳои сохти иҷтимоиашон гуногунро тасдиқ мекунад, шикаста шудааст.

Ба мо маълум аст, ки онҳое созишномаҳои баҳри нигоҳ доштани сулҳ дар байни халқҳо ба имзорасидаро аз пораи коғаз бештар намедонанд, онҳое пешниҳодот дар бораи музокирот ва ярокпартоиро рад мекунанд, онҳое аз сар то по мусаллаҳ мешаванд, худашонро ҳамчун таҷовузкор фош мекунанд.

Бомбаи ҳастаӣ аслиҳаи дифоӣ нест.

Мо ба нафъи онҳое кор нахоҳем кард, ки мехоҳанд як паймонро бо паймони дигар муқобил гузоранд.

Мо муқобили сиёсати паймонҳои ҳарбӣ ҳастем, зеро он даҳшатнок будани худро исбот намуд.

Вале Конгресси умумиҷаҳонии ҷонибдорони сулҳ бо овози баланд эълон медорад, ки халқҳо дигар ғайрифаъолу хотирҷамъ набуда, изму иродаи қавӣ доранд, ки дар ин ҷода мақоми фаъол ва созанда дошта бошанд.

Халқҳои дар ҳайати Конгресси умумиҷаҳонии ҷонбидорони сулҳ аъзобуда эълон мекунанд:

Мо ҷонибдори Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва муқобили ҳамаи паймонҳои ҳарбӣ ҳастем, зеро онҳо ин оинномаро шикаста, ба сӯи ҷанг мераванд.

Мо зидди хароҷоти аз ҳад гарони ҳарбӣ ҳастем, ки он халқҳоро камбоқ мегардонад.

Аз номи намояндагони 600 миллион нафар занону мардони дар ин ҷо ҳузурдошта Конгресси умумиҷаҳонии ҷонибдорони сулҳ ба ҳамаи халқҳои Курраи Замин муроҷиат карда мегӯяд: "Ҷуръат ва боз ҳам ҷуръат!"

Мо муттаҳид шуда тавонистем.

Мо ҳамдигарро фаҳмида тавонистем.

Мо изҳор менамоем, ки тайёрем дар набард барои сулҳ - баҳри ҳаёт дастболо шавем.

1. Эъломияи Конгресси умумиҷаҳонии ҷонибдорони сулҳро омӯхта, бо ҳамдигар дар бораи он баҳсу мунозира кунед. Мавқеи худро нисбат ба ин санад муайян созед.

# §4. БАРҲАМХӮРИИ НИЗОМИ МУСТАМЛИКАДОРӢ

**ҲАРАКАТИ МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲӢ.** Халқҳои мазлуми мамлакатҳои мустамлика ва тобеъ бар зидди режимҳои мустамликадорӣ мубориза мебурданд. Ба баъзе халқҳо муяссар мешуд, ки аз зулми мустамликавӣ нисбатан ба осонӣ халос шаванд. Лекин аксарияти халқҳои дар зери зулми мустамликавӣ буда муддати дуру дароз дар ҳамон ҳолат монда гирифтанд. Масалан, Индонезия 400 сол, мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ зиёда аз 300 сол, Ҳиндустон ва Алҷазоир зиёда аз 100 сол, аксарияти мамлакатҳои қитъаи Африқо асрҳои зиёд мустамлика буда, қисми онҳо аз дасти як давлати мустамликадор ба дасти давлати мустамликадори дигар мегузаштанд.

Низоми мустамликадорӣ ҳар қадаре, ки ба давраи муосир наздиктар мешуд, муборизаи миллию озодихоҳии халқҳои мустамликаҳо ҳамон қадар шадидтар ва самаранoктар сурат мегирифт. Сабабаш он буд, ки зулму гораткунии мустамликаҳо ваҳшиёнатар мешуд. Дар миёнаи асри XX ҳаракати миллию озодихоҳии мустамликаҳо ба нерӯи бузург табдил ёфта, ба ғалаба ниҳоронида шуда буд.

1. **Ба фикри шумо оё баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ низоми мустамликавӣ метавонист умри дароз бинад?**
2. **Империяҳои мустамликавии баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ арзи вуҷуддоштаро номбар кунед. Мустамликаҳои онҳоро аз харита нишон диҳед.**

**ҚАРОРДОДИ ОЛАМШУМУЛ.** Бахри барҳам задани низоми мустамликадорӣ, аз як тараф, худи халқҳои мустамликаҳо ва, аз тарафи дигар, Созмони Милали Муттаҳид ва давлатҳои алоҳида саҳм мегузоштанд. Дар байни онҳо Иттиҳоди Шӯравӣ ба мақоми шоёни таъриф соҳиб буд. Намояндагони ин давлат аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид борҳо зарурати барҳам задани низоми мустамликадориро ба миён гузошта буданд. Ҷонибдорони ин андеша дар байни аъзои ин созмони бонуфузи байналхалқӣ сол то сол зиёдтар мешуданд ва ниҳоят Созмони Милали Муттаҳид масъалаи барҳам задани низоми мустамликадориро ба рӯзномаи Маҷлиси Кулли худ дохил намуд.

Моҳи сентябри соли 1960 Маҷлиси XV Кулли СММ лоиҳаи "Эъломия дар бораи додани истиқлолият ба давлатҳо ва халқҳои мустамлика"-ро, ки аз номи Иттиҳоди Шӯравӣ Котиби Якуми КМ ҲКИШ Н.С.Хрущов пешниҳод карда буд, мавриди муҳокима қарор дод. Эъломияи мазкурро аксарияти намояндагони давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид пазируфтанд.

НЭҲЁИ БУЗУРГИ ХАЛҚҲОИ ДАР ЗЕРИ АСОРАТБУДА

*Иқтибосҳо*

...Акнун ҳеҷ кас гуфта наметавонад, ки халқҳои Осиё, Африқо ва Америкаи Лотинӣ давлати худро идора карда наметавонанд. Нерӯҳои бузург барои бунёди ҳаёти нави мустақилона бедор шуда, илҳом гирифтанд, фаъолан иҷрои корҳои байналхалқӣ бе ширкати халқҳои озодшудаи Ҳиндустон, Индонезия, Бирма, Сейлон, Ҷумҳурии Муттаҳидаи Араб, Гана, Гвинея ва давлатҳои дигари хурду калон имконнопазир аст.

Акнун касе гуфта наметавонад, ки озод кардани халқҳои дар зери юғи



БИБЛИОТЕКА
Средней школы № 57
г. Душанбе Инв. №

истисмори мустамликавибуда ба афзоиши низоъхо ва бархурдхои байни халкхо сабаб мешавад. Баракс, озодии миллӣ ба васеъшавии минтакаи сулх мусоидат мекунад, вале зулми мустамликавӣ ва сиёсати мустамликадорӣ ба вартаи чанг мебуранд ва мебаранд.

Акнун касе гуфта наметавонад, ки гӯё озодшавии халкхо ба таназзули хочагӣ, тичорат, косибӣ ва ё кишоварзӣ мебарад. Баракс, тачриба нишон медихад, ки озодии сиёсии халкхои мустамликахо ва таъсиси давлатхои нави сохибистиклол ба тараккиёти хаккониии иктисоди миллӣ рох мекушояд.

Акнун касе чуръат карда гуфта наметавонад, ки аз зери зулми мустамликавӣ озодшавии халкхо ба пастшавии маданият сабаб мешавад. Хаёт нишон медихад, ки баъди озодшавӣ эхёи маданияти хоси миллӣ, пахншавии маорифи халк, бехдошти хифзи саломатӣ, тайёркунии кадрхои миллӣ огоз ёфта, имконияти афзоиши боигарии маданӣ чахониро зиёдтар мекунад.

Аз озодшавии халкхои дар гузашта тобеъ натанхо мамлакатхои Шарк, балки мамлакатхои Ғарб хам бурд мекунанд. Озодии халкхо, муносибатхои баробархукуки онхо ва хифзи чахон асоси боэътимод пайдо менамояд.

## 2.ЭЪЛОМИЯ ДАР БОРАИ ДОДАНИ ИСТИКЛОЛИЯТ БА ДАВЛАТХО ВА ХАЛКХОИ МУСТАМЛИКА

Бигузор сухани моро хамаи сокинони Сайёра бишнаванд!

Хамаи мо сокинони як сайёраем, дар он таваллуд шудаем, мехнат мекунем, кӯдаконамонро ба воя мерасонем ва ба онхо хамаи он чиро медихем, ки дар зиндагӣ ба даст овардаем. Гарчанде дар Кураи Замин давлатхои гуногун вучуд доранд, хамаи одамон баробар таваллуд шудаанд.

Тамоми рафти тараккиёт масъалаи бархам додани режими мустамликадориро дар хамаи шаклу зухурот ба миён гузоштааст, на ягон вакту замони дигар, балки бетаъхир, худи хозир ва бечуну чаро!

Мувофики ин андешахо давлатхои аъзои Созмони Милали Муттахид бо тантана эълон мекунанд:

1.Ба хамаи мамлакатхои мустамлика, тобеъ ва мулкхои худидорашаванда дар сохтмони мамлакатхои миллӣ мувофики райъи худи онхо бетаъхир истиклолияти комил дода шавад. Режимхои мустамликадорӣ бояд пурра бархам дода шаванд, то ки ба халкхои чунин мулкхо имконият фарохам оянд, ки таклири худ ва шакли идораи давлатхояшонро худашон муайян кунанд.

2. Хамчунин хамаи нуктаю пойгоххои мустамликадорӣ дар каламрави бегона ба ичорагирифташуда бархам дода шаванд.

3. Хукуматхои хамаи мамлакатхо даъват карда мешаванд, ки дар муносибатхои байнидавлатӣ катъиян ва хамеша нишондодхои Оинномаи Созмони Милали Муттахид ва Эъломияи мазкур дар бораи баробарӣ ва эхтироми хукуки истиклолият ва якпорчагии каламрави хамаи мамлакатхоро бидуни истисно риоя кунанд, ба хеч гуна зухуроти мустамликадорӣ ва додани ягон хел хукуки фавкулоддаи як давлат бар зарари давлати дигар рох дода нашавад.

Давлатхои аъзои Созмони Милали Муттахид мукаррароти пачиби Оинномаи ин созмонро ба назар гирифта, бархам задани низоми мустамликадориро хамчун мархалаи мухимтарин дар хаёти байналхалкӣ

мешуморанд. Ин иқдом аллакай худаш яке аз асосҳои муҳим дар муносибатҳои дӯстонаи ҳамаи давлату халқҳо ва татбиқи вазифаи бузург - таъмини сулҳи боэътимод ва дуру дарозро дар Кураи Замин иҷро менамояд.

Вазифаи муқаддаси ҳар як давлат ва ҳар як ҳукумат аз фавран ва пурра дар амал татбиқ кардани Эъломияи мазкур иборат аст.

**1. Эъломия дар бораи додани истиқлолият ба давлатҳо ва халқҳои мустамлика аз тарафи СММ кай қабул карда шудааст?**
**2. Санадҳои додашударо таҳлил намуда, бо ҳамдарсон саволу ҷавоб кунед.**
**3. Дар бораи истиқлолият ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот диҳед.**

**ОЗОДШАВИИ МУСТАМЛИКАҲО.** Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва то соли 1960 бӯҳрони империяҳои мустамликавӣ боз ҳам пурзӯртар шуд. Акнун соҳибони мустамликаҳо дигар садди роҳи эълони истиқлолияти онҳо шуда наметавонистанд. Ин буд, ки Ҳиндустон, Покистон, Индонезия, Бирма, Сейлон, Марокаш, Тунис ва баъзе давлатҳои дигари собиқ мустамлика истиқлолияти давлатӣ эълон карданд. То соли 1960 шумораи ин давлатҳо қариб 20-торо ташкил намуд. Эълони истиқлолият то моҳи сентябри ҳамон сол суръати боз ҳам бештар касб кард. Камерун, Того, Мадагаскар, Конго, Сомалӣ, Дагомея, Нигер, Конгои Фаронса, Ҷумҳурии Габон аз ҷумлаи ин мастамликаҳо буданд.

Ҷараёни пурра барҳам хӯрдани низоми мустамликадорӣ аз рӯи Эъломияи моҳи сентябри соли 1960 оғоз ёфта, он дар соли 1974 асосан ба охир расид.

Чӣ тавре ки ба шумо маълум аст, мустамликаҳои аз ҳама зиёд дар китъаи Африқо буданд. Дар ин китъа дар амал ҳамагӣ як давлат - Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ соҳибистиқлол буду бас. 48 давлати дигари ин китъа мустамликаҳои Британияи Кабир, Фаронса, Испания, Италия, Белгия ва Португалия буданд.

Соли 1974 империяи мустамликадории охирин - Португалия пароканда шуд. Вале дар Африқо мустамликаи охирин - Намибия буд, ки он 1 апрели соли 1989 истиқлолият ба даст овардааст. Мустамликаҳо дар дигар китъаҳо низ истиқлолият ба даст оварданд. Вале баъзе мулкҳои "он тарафи баҳр"-и баъзе империяҳои мустамликавии маъмулан ҷазираги то ҳол вуҷуд доранд. Вале бо вуҷуди ин мақоми ҳуқуқии онҳо дар ҳайати метрополияҳо тағйир ёфтааст.

**1. Дар бораи ҷараёни барҳам хӯрдани низоми мустамликадорӣ мухтасар маълумот диҳед.**
**2. Кадом мустамликаҳоро номбар карда метавонед, ки онҳо дар солҳои 1945-1989 истиқлолият ба даст овардаанд?**

# БОБИ II. МАМЛАКАТҲОИ ҒАРБ

## §5.ТАМОЮЛОТИ НАВ ДАР РУШДИ МАМЛАКАТҲОИ ҒАРБ

**АЗНАВБАРҚАРОРКУНИИ ИҚТИСОДИЁТ.** Рушди баъдичангии иктисодии мамлакатҳои Ғарб ду марҳаларо тай намудааст. Марҳалаи аввал - солҳои 1945-1950, ки давраи азнавбаркароркунии баъдичангии иктисодиёт мебошад ва марҳалаи дуюм - солҳои 1950-1970-ро, ки давраи тараккиёти суравчи он аст, дар бар гирифтааст.

Дар замони чанг иктисоди ин мамлакатҳо бо такозои давраи чанг мутобик карда шуда буд. Аз тарафи дигар, дар каламрави аксарияти мамлакатҳои Аврупо амалиётҳои чангӣ сурат гирифта буданд. Дар натичаи ин инфраструктураи иктисодии ин мамлакатҳо зарари калон дид. Дар тӯли марҳалаи аввали баъдичангӣ иктисоди онҳо аз нав баркарор карда шуд.

Ба ин муваффакият шароити нави байналхалкӣ имконият фароҳам оварл. Дар солҳои Ҷанги дуюми чаҳонӣ ва баъди он дар молияю асъори мамлакатҳои Аврупо бенизомии маҳз ҳукмрон гардид. Барои пешгирӣ кардани ин зуҳуроти номатлуб ИМА ҳанӯз соли 1944 чораҳои таъчилӣ андешид. Ҳамон сол дар шаҳри Бретон-Вуди ИМА бо иштироки намояндагони 44 давлат Конфронси Миллатҳои Муттаҳид (давлатҳои Иттиҳоди зидлифашистӣ) баргузор гардид. Конфронси мазкур бо номи "Бретонвуд" низоми асъорро таъсис дод. Ширкаткунандагони конфронс арзиши тиллоии воҳиди доллари амрикоиро мукаррар карданд. Аз он вакт сар карда асъори миллии давлатҳои Ғарб бо назардошти курби феълии доллари амрикоӣ муайян карда мешавад. Конфронс чораҳои дигар ҳам андешид, аз он чумла Хазинаи байналхалкии асъор ва Бонки байналхалкии азнавсозӣ ва рушдро таъсис намуд. Ин бонк ба бонкҳои давлатҳои иштирокчии конфронс карз медод ва дар рушди иктисодии онҳо саҳм мегирифт.



*Расми 11. Ба имзо расидани қарордод дар бораи таъсиси «Иттиҳоди иқтисодии Аврупо». Соли 1957.*

Соли 1947 23 давлати аз ҷиҳати саноатӣ пурзӯри Ғарб Карордоди Куллиро дар бораи тиҷорат ва нархҳо (ҚКТН) ба имзо расониданд. Ин карордод дар масъалаҳои кам кардани боҷи гумрукӣ ва озодии тиҷоратӣ дар байни давлатҳои Ғарб марҳалаи муҳиме буд. Дар натиҷаи ин тадбир имконият фароҳам омад, ки тиҷорати байнидавлатӣ рушду нумӯъ ёбад. Дар тӯли қариб ним аср давлатҳои ба карордоди "Бретонвуд" имзокарда ва давлатҳои баъд ба ин карордод ҳамроҳшуда дар доираи созмони ҚКТН фаъолият карданд. Чӣ тавре ки дар мавзӯи "Таваллуди низоми нави ҷаҳонӣ" ҳам зикр ёфт, соли 1995 ба ҷои ҚКТН Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат (СУТ) таъсис дода шуд. Ба ин созмони бонуфузи байналхалқии тиҷоратӣ аксарияти давлатҳои ҷаҳон дохил шуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон алҳол узви ин созмон нест, вале кӯшиши ба он дохилшавиро дорад.

Соли 1957 мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ «Иттиҳоди иктисодии Аврупо»-ро таъсис намуданд, ки онро «Бозори умумӣ» низ меноманд. Он дар рушду нумӯи давлатҳои Аврупои Ғарбӣ нақши бузург гузошт.

**1. Ба андешаи шумо кадоме аз ин тадбирҳо барои рушди иктисодии мамлакатҳои Ғарб бештар заминаи бозътимод шуда метавонад? Бо далелҳо исбот намоед.**

**2. Дар бораи пешрафти иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон фикри худро иброз доред.**

**НАВКУНИИ ИҚТИСОД.** Чораҳои дар марҳалаи аввали баъдиҷангӣ андешидашуда барои навсозии истеҳсолоти мамлакатҳои Ғарб замина гузоштанд. Лекин омилҳои дигари бозътимод низ вуҷуд доштанд, ки бе онҳо дар рушди иктисод ба муваффакият ноил шудан ғайриимкон буд.

**1. Дар истеҳсолот ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав.** Техника ва технологияи нави саноатӣ кӯҳна ва фарсуд шуда буд. Он намудҳои техника ва технологияи пешқадам, ки дар баъзе корхонаҳои саноатӣ ва соҳаҳои дигар истифода бурда мешуданд, алҳол ба ҳамаи мамлакатҳои пешқадами Ғарб дастрас нашуда буданд. Дар истеҳсолот татбиқ кардани онҳо қимат бошад ҳам, зарур ва яке аз омилҳои муҳимтарини пешрафти саноат буд. Аз ин рӯ, дар солҳои 50-ум ва 60-ум асри XX дар корхонаҳои саноатӣ ва соҳаҳои дигари инфраструктураи иктисодӣ васеъ татбиқ намудани дастовардҳои илмию техникӣ ба амал омад. Дар соҳаи кишоварзӣ низ навгониҳои илмию техникии замон ҷорӣ карда шуданд.

**2. Сӯзишворӣ.** Маълум аст, ки саноат, техника ва технология бе маводи сӯхт ҳаракат карда ва маҳсулот истеҳсол карда наметавонад. Аз ин рӯ, омили энергетикии асосии баъдиҷангии тараккиёти иктисодӣ нафт буд. Истеҳсоли нафт дар солҳои 1950-1970 дар мамлакатҳои Ғарб (барои Ғарб дар Шарк) қариб 6 баробар афзудааст. Дар минтақаҳои Шарқи Наздик, Халиҷи Форс, Африкои Шимолӣ ва минтақаҳои шарқии Шӯравӣ манбаҳои калони ин ашёи хом барои саноат ва нақлиёт зарур кашф карда шуданд. Дар ин давра истеҳсоли намуди дигари сӯзишворӣ - ангиштсанг кам шуд. Бо шарофати истифодаи сӯзишвории нафтӣ саноати кимиё ва коркарди аввалияи ашёи хом пеш рафт. Мамлакатҳои Ғарби аз ҷиҳати саноатӣ пуриқтидор бо техникаи мотордор ва механизатсия таъмин гардиданд. Ин раванди пешқадам то як дараҷа мамлакатҳои рӯ ба тараккиро низ дар бар гирифт.

**3. Иттиҳодияҳои иқтисодии давлатҳои Ғарб.** Соли 1951 ба Иттиҳоди аврупоии ангишт ва маъдани оҳани Белгия, Италия, Люксембург, Нидерландия, Фаронса ва ҶФО дохил шуданд. Ин иттиҳод ба мамлакатҳои номбурда имконият дод, ки барои тараққиёти саноати вазнин маҳсулоти заруриро бе пардохти андози боҷ харида гиранд.

Соли 1957 давлатҳои номбурда Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо - "Бозори умумӣ"-ро таъсис намуданд. Аз байн бардоштани монеаҳои гумрукӣ дар Аврупои Ғарбӣ имконият дод, ки бозори калони умумии тиҷоратӣ тавлид ёбад.

**4. Интихоби роҳи "иқтисоди омехта".** Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мамлакатҳои пурзӯри саноатӣ бояд як масъалаи хаётан муҳимро ҳал мекарданд - танзими давлатии иқтисод нигоҳ дошта шавад ва дар кадом ҳаҷм ва ё ба шароити механизми бозоргонии танзими иқтисод баргашта шавад. Шароити навро ба назар гирифта, ин давлатҳо роҳи миёна - иқтисоди омехтаро интихоб карданд, ки он аз унсурҳои таркибии танзими давлатии иқтисодиёт, моликияти давлатӣ, моликияти хусусӣ ва соҳибкорӣ иборат аст.

**5. Танзими давлатии иқтисод.** Бӯҳрони умумиҷаҳонии иқтисодии солҳои 1929-1933 нишон дод, ки бе танзими давлатӣ дар давлатҳои сармоядорӣ (дорои иқтисоди бозоргонӣ) иқтисод мӯътадил фаъолият карда наметавонад. Таҷрибаи давраи аввали баъдиҷангӣ низ ин далелро тасдиқ намуд. Аз ҳамин сабаб танзими давлатии иқтисод аввал дар ИМА ва мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва баъд дар давлатҳои дигари Ғарбу Шарқ мавриди истифода ва бахрабардорӣ қарор гирифт. Иқтисоди ИҶШС ва давлатҳои дигари баъд аз ҷанг ба роҳи сотсиалистӣ даромада, пурра аз тарафи давлат танзим мегардид. Танзими давлатӣ дар мамлакатҳои Ғарб натанҳо дар иқтисод, инчунин дар мӯътадил гардонидани вазъи иҷтимоии ҷомеа низ ба кор бурда мешуд.

Барои танзими давлатии иқтисод асоси назарӣ мавҷуд буд. Асосгузори ин назария иқтисодчии машҳури англис Д.М.Кейнс мебошад. Ӯ хануз пеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ назарияи "ҷойҳои кори самаранок"-ро кор карда баромад. Татбиқи амалии ин назария самараи иқтисодӣ ва беҳбудии иҷтимоии мамлакатҳои Ғарбро таъмин намуд.

**1.Кадом омилҳо барои пешрафти иқтисодии баъдиҷангии мамлакатҳои Ғарб сабаб шуданд?**
**2.Дар бораи моҳияти назарияи иқтисодии Д.М.Кейнс чиҳо гуфта метавонед?**
**3.Иттиҳодияҳои иқтисодӣ ва "иқтисоди омехта"-ро маънидод кунед.**
**4.Маънӣ ва зарурати танзими давлатии иқтисодро шарҳ диҳед.**

**БА ВУҶУД ОМАДАНИ "ҶОМЕАИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА".** Бунёди "ҷомеаи истеъмолкунанда" ба рушду нумӯи иқтисоди мамлакатҳои Ғарб зич алоқаманд аст. Дар солҳои 50-ум ва 60-уми асри XX дар ин мамлакатҳо дар амал бӯҳронҳои иқтисодӣ ба амал наомаданд. Болоравии саноати мамлакати пуриқтидортарини Ғарб - ИМА 1,5 баробарро ташкил намуд. Даромади воқеии аҳолӣ бо назардошти беқурбшавии асъори миллӣ дар Аврупои Ғарбӣ 2 баробар афзуд, дар ИМА бошад, аз ин ҳам зиёдтар. Дар ин давра истеҳсоли молҳои истеъмолии халқ афзуд. Масалан, истеҳсоли автомобил дар ИМА 2 баробар зиёд шуд. Таносуби сатҳи зиндагии табақаҳои дороию миёна (осудаҳол), аз як тараф, ва табақаи камбағал, аз тарафи дигар, хеле кам шуд. Танҳо 15 фоизи аҳолии ИМА дар сатҳи камбағалӣ қарор

дошт. Даромади оилаҳои камбағал дар як сол то 2000 доллари ташкил медод. Давлатҳои Ғарб мўйсафедон ва бекоронро ба таври ҳимоя гирифтанд.

Байни шаҳру деҳоти мамлакатҳои Ғарб фарқият кам монда буд. Дастовардҳои тамаддуни муосир - қубури об, қубури партовпарто, плиткаҳои газ, плиткаҳои барқӣ, мошинҳои ҷомашўии барқӣ, радио, телевизион, телефон, автомашина ва ғайра дастраси сокинони деҳот ҳам шуданд. Қисми зиёди аҳолӣ соҳиби биноҳои истиқоматии шахсӣ шуданд.

Корхонаҳои сершумори саноатӣ ва косибӣ барои истеъмоли ҳаррўза маҳсулоти сермасриф истеҳсол мекарданд. Дар ин ҷода онҳо барои аз худ кардани бозори истеъмолӣ бо ҳамдигар рақобат доштанд. Ин зуҳурот сифат ва миқдори маҳсулотро беҳтару зиёдтар мекард ва муштариён имконият доштанд, ки мувофиқи табъ ва зарурияти худ моли даркориашонро харидорӣ кунанд.

Барои беҳбудии рўзгори мардум, аз он ҷумла, соҳибхоназанҳо тамоми шароитҳо муҳайё карда шуданд. Дар ин давра истилоҳи "ҷомеаи истеъмолкунанда" нисбати мамлакатҳои Ғарб ҳарчи бештар истифода бурда мешуд. Дар он мамлакатҳо истеъмоли неъматҳои моддӣ мақсади ҳаётии одамон гардид. Ба одамон аз рўи он баҳо медодагӣ шуданд, ки онҳо оё сару либоси худро тез-тез иваз мекунанд, либоси мўди навтарин доранд ва аз кадом мағоза сару либос, хўрокворӣ ва ё ашёи дигари зарурӣ харидорӣ мекунанд - аз мағозаи молҳои арзон ва ё аз мағозаи молҳои қиммат (супермаркет).

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими "ҷомеаи истеъмолкунанда" тағйири таркиби хароҷоти оилаҳо барои истеъмол мебошад. Оилаҳо дар давлатҳои мутараққӣ ба хўрок маблағи кам сарф мекардагӣ шуданд. Масалан, ба ҳисоби миёна оилаи фаронсавӣ 5,6 фоиз ва оилаи англисӣ - каме зиёдтар аз 23 фоиз даромади худро ба хўрокворӣ сарф мекард. Дар айни замон хароҷоти оилаҳо ба хизматрасонӣ дар солҳои 60-ум 20,7 фоиз афзуд. Ин раванд рў ба болоравӣ буд.

Ёрии иҷтимоӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳими дигари "ҷомеаи истеъмолкунанда" мебошад. Дар давлатҳои Ғарб низоми давлатӣ ва ҷамъиятии ёрии иҷтимоӣ ташаккул ёфт. Инчунин соҳаҳои иҷтимоӣ - маориф, фарҳанг, нигоҳдории тандурустӣ, ёрӣ ба нафақахўрон, камбағалон, бекорон, серкўдакон ва гурўҳҳои дигари иҷтимоии камҳимоя беҳтар шуд. Суғуртаи иҷтимоӣ низ беҳбудӣ касб кард.

Чунин беҳбудии зиндагии мардум бо шарофати тараққиёти иқтисодӣ, навсозии истеҳсолот, истифода аз музаффариятҳои инқилоби илмию техникӣ ва рушди низоми сиёсии демократӣ ба даст омадааст.

**1. "Ҷомеаи истеъмолкунанда"-и Ғарбро бо далелҳо кушода диҳед.**
**2. Кадом ҷиҳатҳои "ҷомеаи истеъмолкунанда" ба шумо бештар маъқул шуд?**
**3. Ҷомеаи Ғарб бо кадом роҳҳо ба сатҳи баланди иқтисодӣ ва таъминоти иҷтимоӣ ноил гардид?**

**ФАЪОЛИЯТИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҳизбҳои сиёсии мамлакатҳои Ғарбро водор намуд, ки дар бораи ғояҳо ва мақсаду маромҳи низоми сиёсии давлатҳои худ фикру андеша кунанд. Дар натиҷаи шароити таърихии нав ва тағйирёбии сохти иҷтимоии ҷомеа ҷараёнҳои ғоявию сиёсии муҳофизакор (консервативӣ), озодандеш (либералӣ), сотсиалистӣ ва миллатгаро ба вуҷуд омаданд. Гарчанде чунин ҷараёнҳои ғоявию сиёсӣ дар мамлакатҳои Ғарб қаблан

ҳам буданд, дар марҳалаи нави таърихӣ онҳо мақсадҳои барномавии худро то як дараҷа тағйир дода, ба талаби замон мувофиқ карданд, вале на ҳамаи онҳо.

Ҳаракати Муқовимат, ки дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар мамлакатҳои аз тарафи Иттиҳоди давлатҳои фашистӣ ишғолкардашуда ба амал омада буд, ҷанбаи демократии ин ҷараёнҳоро пурзӯртару ғанитар кард. Дар баробари махсусияти ҳар яке аз ин ҷараёнҳои сиёсӣ дар фаъолияти аҳзоб ва ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ умумият низ ба назар мерасад. Аксарияти он нерӯҳои сиёсӣ амалӣ намудани ислоҳоти ҷомеаро зарур медонистанд. Дар ислоҳоти давлатҳои худ ислоҳоти иҷтимоиро дар ҷои аввал мегузоштанд. Он нерӯҳои сиёсие, ки ислоҳоти иҷтимоиро ба назари эътибор намегирифтанд, дар мубориза барои ҳокимият ҳатман шикаст мехӯрданд. Мо ин ҷиҳати фаъолияти нерӯҳои сиёсии ҷомеаро дар мавзӯъҳои алоҳидаи ба давлатҳои Ғарб бахшидашуда равшан мушоҳида хоҳем кард.

Эҳёи аҳзоби дар замони ҷанг фаъолияти худро қатъ ва ё сусткарда дар шароити осоишта бо рангу бори гуногун ба амал меомад. Масалан, эҳёи аҳзоби муҳофизакор дар зери таъсири идеологияи динӣ сурат мегирифт. Ин равиш табиист. Халқ, ки ваҳшонияти давраи ҷангро аз сар гузаронида буд, беш аз пеш ба дин муроҷиат мекардагӣ шуд. Нҷоти маънавии худро дар дин медид. Аз ин рӯ, дар Италия, Ҷумҳурии Федеролии Олмон ва як қатор давлатҳои дигар ҳизбу ҳаракатҳои масеҳӣ тавлид ёфта, ташаккул меёфтанд. Вале ин ҳизбу ҳаракатҳо натанҳо сирф динӣ, балки бо унсурҳои демократӣ ғанӣ гардонида шуда буданд. Ингуна ҳизбу ҳаракатҳои ҷамъиятӣ бо Ватикан робита доштанд. Ҳизбҳои масеҳӣ ғайр аз дар ду давлати дар боло номбаршуда дар Фаронса, Белгия, Австрия, Голландия ва баъзе давлатҳои дигар мақоми баланд дошта, дар давлатҳои худ борҳо ба сари ҳокимият омада буданд.

Дар ин давра аҳзоби озодандеши радикалии буржуазӣ дар байни омма таъсири кам дошта бошанд ҳам, то як дараҷа ақидаҳои сиёсии ҷомеаро ифода мекарданд. Чунин ҳизбҳо дар Италия, Англия ва Фаронса ҷои барои худ сазоворро ишғол карда буданд, яъне дар он мамлакатҳое, ки низоми сиёсии бисёрҳизбӣ вуҷуд дошт.

Низоми сиёсӣ дар ҳамон мамлакатҳое мустаҳкамтар буд, ки барои ҳокимият асосан 2 ҳизб мубориза мебурд, масалан, дар Британияи Кабир ва ИМА. Ҳамин тавр ҳам мешуд, ки дар баъзе давлатҳо ба ҳокимияти давлатӣ муддати дуру дароз танҳо як ҳизб соҳиб мешуд. Масалан, дар Италия ҳукумат дар тӯли даҳҳо сол дар ихтиёри Ҳизби Масеҳи-Демократӣ ва дар Шветсия бошад, дар дасти Ҳизби Сотсиал-Демократӣ буд.

Бояд гуфт, ки баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар низоми сиёсии як қатор мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Ҷанубӣ аҳзоби сотсиал-демократӣ мақоми баландро ишғол мекарданд. Ба он Британияи Кабир, Шветсия, Ҷумҳурии Федеролии Олмон, Австрия, Испания ва баъзе мамлакатҳои дигари Аврупоро мисол овардан мумкин аст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҷараёнҳои сиёсии баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба майдони фаъолият қадамниҳода аз ҳудудҳои миллӣ берун мебаромаданд. Ба шумо маълум аст, ки кайҳо боз Интернатсионали Сотсиалистӣ амал мекард. Ҳизбҳои зиёди сотсиалистии ҷаҳон аз давлатҳои гуногун ба он дохил буданд. Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ иттиҳоди байналхалқии ҳизбҳои озодандеш (либералӣ) ва муҳофизакор (консервативӣ) таъсис ёфтанд. Мутаассифона, гурӯҳҳою иттиҳодияҳои байналхалқие низ таъсис ёфтанд, ки дар сафҳои худ аслан созмонҳои ифротию сиёҳкор ва фашистони навбаромадро муттаҳид сохтанд.

**1.Шумо дар ҳаракати ҷамъиятию сиёсии баъдиҷангӣ кадом унсурҳои фарқкунандаро мушоҳида кардед?**
**2.Мувофиқи ҷараёнҳои сиёсӣ ба гурӯҳҳо тақсим шуда, оид ба арзишҳои миллӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо баҳс намоед.**

**ТАҒЙИРОТҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ.** Баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар сохти давлатии аксарияти мамлакатҳои Ғарб баъзе тағйиротҳо ба амал омаданд. Дар аксарияти мамлакатҳои Ғарб конститутсияҳои нав қабул карда шуданд ва ё ба онҳо тағйироту иловаҳо ворид гардиданд. Дар натиҷаи ин дар ин мамлакатҳо ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон такмил ёфтанд. Дар Италия Фаронса, Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва як қатор давлатҳои дигар конститутсияҳои нав қабул карда шуданд.

Конститутсияҳои нав принсипҳои асосии сохти давлатиро муқаррар карданд. Дар онҳо дар баробари озодиҳои сиёсӣ меъёрҳои нави ҳуқуқ ва озодиҳои шахс - ҳуқуқ ба меҳнат, корпартоӣ, таъминоти иҷтимоӣ, гирифтани маълумот, ҳуқуқҳои гражданӣ, сиёсӣ ва ғайра сабт гардиданд. Аз ин бармеояд, ки тамоили иҷтимоию сиёсии давлатҳои Ғарб то як андоза пурзӯртар гардидааст. Вале кадом тағйироте ки набошад, аслан дар доираи ҷомеаи демократӣ ва арзишҳои онҳо гуманитарӣ ба он амал бароварда мешуданд. Дар ин ҷода тағйиротҳое ба амал омаданд, ки онҳо давлатҳои демократии Ғарбро беш аз пеш ба манфиатҳои шахс ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ӯ мутобиқ намуданд.

**1.Дар мамлакатҳои Ғарб тағйиротҳои сохти давлатӣ барои чӣ зарур шуданд?**
**2.Исбот намоед, ки тағйиротҳо дар сохтори давлатӣ, ки дар конститутсияҳо инъикос гардиданд ба нафъи шаҳрванд равона карда шуда буданд.**

**АВРУПО ДАР ОҒОЗИ РОҲИ МУТТАҲИДШАВӢ.** Дар Аврупои Ғарбии баъдиҷангӣ дар ҳамкории байналхалқӣ ва байнидавлатӣ унсурҳои нави мусбат тавлид ёфтанд, ки яке аз муҳимтарини онҳо Шӯрои Аврупо мебошад.

Шӯрои Аврупо соли 1949 таъсис дода шуда, ба он дар аввал 23 давлати ин қитъа дохил шуд. Баъдтар теъдоди давлатҳои ин созмон ба 40 расид. Қароргоҳи Шӯрои Аврупо дар шаҳри Страсбурги Фаронса воқеъ гардидааст.

Шӯрои Аврупо дар асоси Оинномаи худ фаъолият карда, мақомоти роҳбарикунанда, аз он ҷумла раиси интихобӣ дорад.

Шӯрои Аврупо созмони байниҳукуматии маслиҳатии давлатҳои Аврупои Ғарбӣ аст. Мақсади он мусоидат ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ягонагии ин қисмати ҷаҳон мебошад. Алҳол ба Шӯрои Аврупо давлатҳои Аврупои Шарқӣ низ дохил шуда истодаанд.

Дар ҳайати Шӯро Ассамблеяи Парлумонии Аврупо (АСПА-ПАСЕ) мавҷуд аст, ки он аз намояндагони ваколатдор - вакилони парлумонҳои миллии давлатҳои аъзои Шӯро ва Комиссия оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон иборат аст.

АСПА мунтазам масъалаҳои рӯзмарраи муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро баррасӣ мекунад.

Мамлакатҳое ба Шӯрои Аврупо қабул карда мешаванд, ки нишондодҳои Оиннома ва қарорҳои қабулкардаи онро иҷро кунанд. Масалан, ҳукми қатлро аз кодексҳои ҷиноятӣ хориҷ намуда ва ҳуқуқи инсонро поймол накунанд.

**1.Моҳияти Шӯрои Аврупо ва сохторҳои онро баён намоед.**
**2.Шӯрои Аврупо ба кадом корҳо машғул аст?**

# §6. ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ БАЪДИ ҶАНГ

**НАТИҶАҲОИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОНӢ БАРОИ ИМА.** Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар ташаккули таърихӣ ва сарнавишти байналхалқии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таъсири ниҳоят калон дошт. Он узви фаъол ва бонуфузи Иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ буд ва дар ғалабаи таърихии ин иттиҳод бар фашизм нақши муҳим бозид. Барои таъмини ғалаба бар фашизм ва милитаризм қариб 400 ҳазор шаҳрвандони Амрико ҷонҳои худро аз даст доданд. ИМА хароҷоти зиёди ҳарбӣ ва кӯмак ба иттифоқчиён, қабл аз ҳама, ба Британияи Кабир, Фаронса ва Иттиҳоди Шӯравӣ сарф кардааст. Дар сохтори иқтисодӣ нақши соҳаҳои саноатӣ ва инфраструктураи он боло рафта, механизмҳои танзими давлатии иқтисод тақвият ёфтанд.

Ҳамзамон, тамоюлоти дигарро бояд ошкор кард, ки онҳо таъсири бештар ва дарозмуддат доштанд. Бар хилофи кишварҳои дигари Иттиҳоди зиддифашистӣ - Британияи Кабир, Фаронса ва алалхусус Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар рафти Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ талафоти бузурги ҷонию моддӣ додааст, талафоти Амрико ночиз буд. Масалан, талафоти инсонии Иттиҳоди Шӯравӣ зиёда аз 27 миллион нафар ва зарари моддии он баробари 128 млрд доллари амрикоӣ буд. Зиёда аз он, дар солҳои ҷанг бинобар омилҳои дохилӣ ва тақозои ҷабҳаҳои ҷанг ва кишварҳои аъзои Иттиҳоди зиддифашистӣ тақрибан тамоми соҳаҳои иқтисодии миллии Амрико, махсусан саноат рушди босуръат доштанд. Танҳо дар тӯли солҳои 1939-1943 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 2 баробар афзуд. Дар охири ҷанг ҳиссаи маҳсулоти дар ИМА истеҳсолкардашуда қариб 60 фоизи маҳсулоти саноати ҷаҳонро ташкил медод. ИМА ба давлати пурқудрати бузургтарини иқтисодии ҷаҳон мубаддал гардид. Тақрибан 61 фоизи флоти тиҷоратӣ ва авиатсияи граждании ҷаҳон низ ба ИМА рост меомад.

Дар замони ҷанг даромади софи ширкатҳои инҳисории кишвар 52 млрд долларро ташкил дод. ИМА 80 фоизи захираи тилло ва 60 фоизи нуқраи ҷаҳонро дар ихтиёри худ дошт. Маблаггузории хориҷии ширкатҳои амрикоӣ 16,8 млрд долларро ташкил кард. Кишварҳои бузурги Ғарб, ба хусус Британияи Кабир ва Фаронса, дар солҳои ҷанг аз ИМА қарзи зиёд гирифтанд. Онҳо ба кӯмаки молиявӣ ва иқтисодии ин давлати акнун абарқудрати ҷаҳон мӯҳтоҷ буданд.

Бар асари талаботи давраи ҷанг ва тамоюлоти ҷаҳонӣ ИМА дар муддати ниҳоят кӯтоҳи таърихӣ, яъне аз соли 1942 то соли 1945 мамлакати пурзӯри ҳарбӣ гардид. Шумораи аскарон ва афсарони нерӯҳои мусаллаҳи он қариб 12 миллионро ташкил дод. Дар тӯли ин солҳо 3863 киштии гуногуни ҳарбӣ сохта шуд, ки дар натиҷаи он флоти ҳарбии баҳрии ИМА аз ҷиҳати нерӯи умумии худ баробари ҷамъи флотҳои ҳарбии давлатҳои дигари бузург гардид.

Дар соли 1945 озмоиши бомуваффақияти силоҳи ҳастаӣ анҷом пазируфт ва ИМА соҳиби ягонаи ин силоҳ шуд. Шабакаи васеи пойгоҳҳои низомӣ ва ҳарбии баҳрӣ дар нуқтаҳои мухталифи ҷаҳон имконият фароҳам оварданд, ки марказҳо ва минтақаҳои аз назари стратегӣ муҳим таҳти назорат ва нуфузи сиёсии ИМА ва иттифоқчиёни он қарор бигиранд.

1. Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба ИМА чӣ фоида ва зарар овард?
2. Сиёсати дохилӣ ва хориҷии давраи ҷангии Амрикоро аз назари мубориза бар зидди фашизм таҳлил карда баҳо диҳед.

**АМРИКО ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ БАЪДИҶАНГӢ.** Мубаддалшавии ИМА ба давлати пуриктидори иктисодӣ ва ҳарбии ҷаҳон ҳамроҳ бо тамоюлоти дигар - рӯҳияи ғалаба бар фашизм, миссияи ҳифз ва густариши арзишҳои демократӣ, нақши бузурги фоидачӯӣ, ниёзи рӯзафзуни кишварҳои Ғарб ва Шарқ ба сармоя ва дастовардҳои иктисодӣ, илмӣ ва техникии ИМА - рӯҳияи бартарихоҳӣ ва бартариҷӯиро дар доираҳои васеъи мардум тақвият бахшид. Ин рӯҳияро яке аз ношироии маҷаллаи маъруфи "Тайм" ба таври возеҳ ифода намудааст. Ӯ даъво кард, ки "асри Амрико" дар таърихи ҷаҳон фаро расид. Ин рӯҳия дар пешбурди сиёсати дохилӣ ва хориҷии ИМА таъсири ҷиддӣ дошт.


*Расми 12.* ***Гарри Трумэн*** *(1884-1972).*

Дар солҳои аввали баъд аз ҷанг яке аз масъалаҳои муҳимтарини Амрико ғайриҳарбӣ гардонидани ҳаёти моддии мамлакат буд. Дар атрофи ин масъала байни гурӯҳҳои бонуфузи сиёсӣ -"консерваторони нав", ё "муҳофизакорони навин" ва "неолибералҳо" ё худ "озодандешҳои навин" мубориза сиёсӣ авҷ гирифт. Муҳофизакорони навин муҳолифи усули дахолати рӯзафзуни давлат ба иктисод буданд. Озодандешони навин бошанд, ҷонибдори шакли либералии (озоди) танзими иктисод буданд.

Президент Гарри Трумэн дар аввали ин баҳс ба озодандешони навин моил буд ва дар зери таъсири онҳо соли 1945 "Барномаи ислоҳоти иҷтимоӣ"-ро расман эълон дошт, ки онро худ "Роҳи адолат" номид. Ин сиёсат бахусус барои ҷанговарони собиқ ва коргарони аз кор озодшудаи корхонаҳои саноати ҳарбӣ аҳамияти хоса дошт.

Соли 1946 ҷумҳурихоҳон - рақибони сиёсии ҳизби президент дар ҳарду маҷлиси Конгресс аксариятро ба даст дароварданд ва ба дар амал татбиқ кардани ин сиёсат фаъолона муҳолифат намуданд. Конгресс ҳаҷми андозро кам ва хароҷоти давлатро ихтисор кард. Таҳти таъсири ҷумҳурихоҳон ва ба манзури тақвияти низоми сиёсию мавқеи ширкатҳои инҳисорӣ Г.Трумэн маҷбур шуд, ки ин сиёсатро тағйир бидиҳад. Зиёда аз он, дар соли 1947 «Қонуни Тафт-Хартли» қабул карда шуд, ки он ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иҷтимоии коргаронро нисбатан маҳдуд сохт.

Дар охири солҳои 40-ум дар Амрико руҳияи зиддикоммунистӣ авҷ гирифт, ки он бо номи сенатор аз Висконсин Ҷозеф Маккарти пайванди ногусастанӣ дошта, бо мафҳуми "маккартизм" маъруф аст. Ӯ изҳор дошт, ки 205 нафар коммунистон дар Департаменти давлатӣ (Вазорати корҳои хориҷӣ) кор мекунанд. Бо пешниҳоди ҷумҳурихоҳон таҳти раёсати Ҷ.Маккарти Комиссияи махсуси Сенат барои баррасии содиқати кормандони давлатӣ ва муайян намудани нуфузи коммунистон дар низоми сиёсӣ ва идораи давлатӣ ташкил шуд, ки бар асари фаъолияти он қисмате аз кормандон аз кор хориҷ гардиданд. Бо ҳамин сабаб вазъи ҷамъиятию сиёсии кишвар нисбатан ноором шуд. Дар ниҳояти кор,



*Расми 13. Сенатор* ***Д. Маккарти.***

Ҷ.Маккарти маҳкум ва маккартизм тадриҷан аз байн рафт.

Дар солҳои аввали баъди ҷанг иқдомоти муҳим барои таҳким ва такмили сохтори давлатӣ ва идораи давлатӣ амалӣ гардид. Соли 1947 дар идораи ниҳоят муҳими қудратӣ - Шӯрои Амнияти Миллӣ (ШАМ) ва Идораи Кашфи Марказӣ (ИКМ) таъсис дода шуданд ва Вазорати мудофиа ба худ шакли нихоӣ гирифт. Ин идораҳо дар коркард ва татбиқи стратегияи Амрико тадриҷан мақоми асосиро касб намуданд. Онҳо бештар ба стратегияи байналхалқии мамлакат нигаронида шуда буданд.

1. Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро баъди ҷанг дар кадом ҳолат дарёфтед?
2. "Маккартизм" чист?
3. Масъалаҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии баъдиҷангии Амрикоро баён намуда, ба онҳо баҳо диҳед.

**САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ИМА.** Дар сиёсати байналхалқии ИМА солҳои аввали баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ тағйироти куллӣ рух дод, ки он натиҷаи омилҳои зиёди дохилӣ ва хориҷӣ буданд. Тавре ки дар мавзӯи 1 ("Таваллуди низоми нави ҷаҳонӣ") зикр шуд, бар асари пирӯзии Иттиҳоди давлатҳои зиддифашистӣ тадриҷан низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии ИМА шакл гирифтанд. Дар ин низом на фақат рақибони қаблии ИМА - Олмон ва Ҷопон амалан нақш надоштанд, балки рақибони муқтадир ва муттаҳид - Британияи Кабир ва Фаронса аз қудрат ва нуфузи пешини худ маҳрум шуданд. ИМА худро пешсафи ҷоҳеии Ғарб эҳсос мекард ва шароити таърихиро барои таъмини манфиатҳои миллӣ, аз он ҷумла дарёфти манбаҳои ашёи хом, бозорҳои нави фурӯши мол ва ниҳишори "арзишҳои амрикоӣ" мусоид медонист. Вале дар натиҷаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Иттиҳоди Шӯравӣ низ дорои қудрати бузурги сиёсӣ ва низомӣ шуд. Ин кишвар дорои артиши бузург, қаламрави васеъ, низоми сиёсии боэътимод буд. Тақрибан нисфи Аврупоро ИМА минтақаи ҳаётан муҳими худ мешуморид ва таҳти нуфуз ва назорати худ дошт. Иттиҳоди Шӯравӣ эълон намуд, ки худро аз ҳар гуна хатари имконпазир аз самти Аврупо эмин нигоҳ дорад. Бо ин мақсад қудрат ва нуфузи худро дар Аврупои Шарқӣ мустаҳкам кард ва ба тақвияти нуфузи коммунистон дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, қабл аз ҳама, дар Фаронса ва Италия. ИМА аз ин ҳолат норозӣ ва дар ташвиш буд. Ҳамзамон, бинобар афзоиши рӯзафзуни нуфузи Иттиҳоди Шӯравӣ дар Осиёи Шарқӣ, бахусус дар Чин, Корея ва Ветнам шиддати

мухолифати ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ афзуд. Ин мухолифат бо зудӣ ба рақобати ҳамагонии рӯирости сиёсӣ, идеологӣ ва ҳарбӣ табдил ёфт, ки он "ҷанги сард" ном гирифт.

Оғози мухолифати иттифоқчиёни дирӯза ҳанӯз соли 1945 зоҳир шуда буд. Сафири ИМА дар Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷорҷ Кеннан мақолае нашр кард ва дар он доктринаи "боздории Иттиҳоди Шӯравӣ" ва коммунизмро пешниҳод карда, онро ҳаматарафа асоснок кард.

"Боздории коммунизм" ба назари сарварони ИМА дар ду минтақаи барои Амрико ҳаётӣ - Аврупо ва Осиёи Шарқӣ таъхирнопазир буд. Дар Аврупо, бахусус дар Аврупои Ғарбӣ, бар асари оқибатҳои ҷанг вазъи иқтисодӣ ва ниҳоятан иҷтимоии мардум ниҳоят вазнин буд ва низомҳои босуботи сиёсӣ ҳанӯз ташаккул наёфта буданд. Дар баъзе кишварҳо коммунистон ба ҳайати ҳукумат дохил буданд ва ИМА ҳарос дошт, ки дар ин минтақа нуфузи коммунизм афзоиш меёбад ва манфиатҳои ИМА-ро зери хатар қарор хоҳад дод. Барои пешгирии ин хатар ИМА ду барнома - "Барномаи Трумэн" ва "Барномаи Маршалл"-ро таҳия намуда, ба татбиқи онҳо шурӯъ кард.

1. Дар сиёсати хориҷии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баъд аз ҷанг кадом тағйирот ба амал омаданд?
2. Сиёсати "боздории Иттиҳоди Шӯравӣ"-ро шарҳ диҳед.
3. Дар мавзӯи рақобати ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ саҳифача тайёр намоед.

## "БАРНОМАИ ТРУМЭН" ВА "БАРНОМАИ МАРШАЛЛ"

"Барномаи Трумэн" кӯмаки фаврии молиявӣ ва мусоидати васеъ ба Юнон ва Туркияро дар назар дошт, ки ба пиндошти ИМА зери хатари коммунизм қарор доштанд. Ба ин кишварҳо ба маблағи 400 миллион доллар кӯмаки иқтисодӣ расонида шуд.



Расми 14. Плакате, ки он «Барномаи Маршалл»-ро тарғиб мекунад

"Барномаи Маршалл" васеътар ва муассиртар буд. Ташаббускори он собиқ сардори ситоди муштараки нерӯҳои мусаллаҳи ИМА дар даврони ҷанг ва Котиби давлатӣ дар Кабинети Гарри Трумэн - Ҷорҷ Маршалл таъкид намуд, ки роҳи беҳтарини таъмини манфиатҳои ИМА дар Аврупо кӯмак ва мусоидати васеъ ба кишварҳои Аврупои Ғарбӣ барои раҳоии онҳо "аз гуруснагӣ, фақр, яъсу ноумедӣ ва ҳарҷу марҷ" аст. Бо пешниҳоди ӯ 16 кишвари Аврупои Ғарбӣ ба таҳияи барномаи эҳёи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ даст заданд, ки маблағи зарурии он ҳудуди 17 миллиард доллар муайян гардид. Ин барнома аз ҷониби Ҷорҷ Маршалл ҳамаҷониба асоснок карда шуд ва онро Конгресси ИМА тасдиқ кард. Баъд

таъкид кард, ки "Барномаи Маршалл" аз иқдомоти ниҳоят муҳим ва бомуваффақияти сиёсати хориҷии ИМА-и баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ буд.

Бо ташаббус ва роҳбарии ИМА соли 1949 Созмони Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) таъсис гардид, ки он воситаи асосии фишор ва муқовимат ба Иттиҳоди Шӯравӣ ва иттифоқчиёни он дар Аврупои Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ шуд.

Ҳамзамон, рақобат бо Иттиҳоди Шӯравӣ ва иттифоқчиёни сиёсии он дар Осиёи Шарқӣ вазъият шиддат гирифта, соли 1950 ба ҷанги Корея оварда расонид.

Хуллас, солҳои аввали баъдиҷангӣ дар ташаккули таърихии ИМА давраи ниҳоят муҳим, вале мураккаб мебошад. Дар ин давра он дар ҷаҳон аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ ба мақоми аввал соҳиб шуд.

**1. Сабабҳои пайдоиши барномаҳои Трумэн ва Маршалл дар чӣ зоҳир гардиданд?**
**2. Моҳияти "Барномаи Трумэн" ва "Барномаи Маршалл"-ро кушода диҳед.**

## 1. ҚОНУНИ МАККАРТИ. 23 СЕНТЯБРИ СОЛИ 1950
### Иқтибосҳо

§ 2. Аз маълумотҳое, ки комитетҳои гуногуни Сенат ва Палатаи намояндагон пешниҳод намудаанд, Конгресс ба хулоса омад, ки:

1) Ҳаракати коммунистӣ дар арсаи ҷаҳон вуҷуд дорад, ки аз рӯи сарчашмаҳояш, рушду нумӯъ ва фаъолияти ҷории худ инқилобӣ мебошад ...

§ 12. (а) Бо ҳамин қонун комитет тасдиқ карда мешавад, ки он "Комитет оид ба назорат аз болои фаъолияти вайронкорӣ" ном дорад ва он аз панҷ аъзо иборат аст, ки онҳоро Президент бо маслиҳати Сенат таъйин мекунад, - на зиёдтар аз се аъзои Комитет ба як ҳизби сиёсӣ тааллуқ дошта метавонад. Ду аъзои Комитет ба мӯҳлати як сол, ду нафар ба мӯҳлати ду сол ва як нафар ба мӯҳлати се сол таъйин карда мешавад, вале ҷойгиршавии онҳо ҳар кадом ба мӯҳлати се сол таъйин карда мешаванд. Яке аз аъзои Комитетро Президент ба сифати Раиси Комитет таъйин менамояд.

(д) Ба ӯҳдаи Комитет вогузор карда шудааст, ки:

1) аз рӯи аризаи вазири адлия ... ё ҳар кадом муассисаи дигар ... муайян кунад, ки оё ин ва ё он ташкилот "ташкилоти коммунистии амалкунанда" ё "ташкилоти ҷабҳаи коммунистӣ" аст ё не...

2) аз рӯи аризаи вазири адлия ... ё ҳар як кас... муайян мекунад, ки оё ин ва ё он шахс узви ин ва ё он ташкилоти амалкунандаи коммунистӣ ва ба қайд гирифта шудааст, ё ки аз ҷониби Комитет такозо карда шудааст, ки мутобиқи моддаи 7 қонуни мазкур аз қайд гузарад".

## 2. "БАРНОМАИ МАРШАЛ"
### Иқтибосҳо

Фасли 104 (а). Аз тариқи ҳамин қонун агентии ҳукуматӣ тасдиқ карда мешавад, ки он "Маъмурият оид ба ҳамкории иқтисодӣ" ё ки "Маъмурият" номгузорӣ мешавад. Идораи асосии Маъмурият дар округи Колумбия ҷойгир аст. Маъмурият аз ҷониби сардор оид ба ҳамкории иқтисодӣ роҳбарӣ карда мешавад...Сардор бо маслиҳати Сенат аз ҷониби Президент таъйин карда мешавад. Барои фаъолияти худ сардор дар як сол дар ҳаҷми 20.000 доллар

маош мегирад. Сардор дар назди Президент масъул аст ва аз ҷиҳати мақоми худ ба роҳбари ҳар кадом вазорат баробар аст…

(1)Сардор ва Котиби давлатӣ муттасил ва пурра ба ҳамдигар дар бораи амалҳои худ ахборот дода меистанд, аз он ҷумла дар бораи он амалҳои дар назардоштаи ҳардуи онҳо, ки моҳиятан ба соҳаи фаъолияти яке аз онҳо дахл дорад.

(2)Дар мавриде, ки агар Котиби давлатӣ ба хулоса биёяд, ки ин ва ё он амали эҳтимолӣ ё худ даст кашидан аз он аз ҷониби сардор ба мақсадҳои сиёсати хориҷии Иёлоти Муттаҳидаи Америко муҳолиф аст, ӯ бояд нуктаи назари хешро ба сардор иброз дорад ва агар баъди баррасии якҷоя муҳолифат бартараф карда нашавад, пас масъала барои ҳалли ниҳоӣ ба Президент ҳавола карда мешавад.

1. Аз рӯи саналҳо хонандагон кори амалӣ иҷро намоянд. Ин корро мумкин аст дар гурӯҳҳои хурди хонандагон ташкил кард?

*Ш.Имомов*

# § 7. ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ДАР РОҲИ РУШДУ НУМӮЪ

## ТАҲАВВУЛОТИ СОЛҲОИ 1953-1960.

**ҲАЁТИ СИЁСӢ.** Дар соли 1952 нокомии нисбии ҳукумат дар татбиқи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ маълум шуд. Бахусус, дар амалӣ намудани баъзе нуктаҳои барномаи "роҳи адолат". Бинобар котеъона ва пайгирона амал намудани ҳукумат ва муҳолифати шадиди ҷумҳурихоҳон муваффақияти назаррасе ба даст наомад. Дар сиёсати хориҷӣ низ дастовардҳои дилхоҳ надошт. Дуруст аст, ки ИМА пурқувваттарин ва бонуфузтарин давлати дунё буд. Вале Кабинети Гарри Трумэн ба ақибнишинии Иттиҳоди Шӯравӣ ва пирӯзӣ дар Ҷанги Корея муваффақ нашуд. Дар натиҷа маҳбубияти ҳукумат хеле коҳиш ёфт. Аз ин вазъият ҷумҳурихоҳон ба нафъи худ устокорона истифода бурданд. Ҳизби Ҷумҳурихоҳон муддати тӯлонӣ - қариб 20 сол аз мақоми олии кишвар маҳрум буд ва ба симои наве, ки ҷаззоб ва барои мардум маҳбуб бошад, ниёз дошт. Аз ин хотир, ба шахсияти маъруф ва маҳбуб фармондеҳи кулли нерӯҳои ИМА ва Британия Кабир дар Аврупои солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ генерал Дуайт Эйзенхауэр рӯй овард ва ба ӯ роҳбарии Ҳизби Ҷумҳурихоҳонро пешниҳод



*Расми 15. **Дуайт Эйзенхауэр** (1890-1965).*

намуд. Генерал ин пешниҳодро қабул кард ва дар интихоботи президентии моҳи ноябри соли 1952 ғолиб баромад.

**СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ Д. ЭЙЗЕНХАУЭР.** Баъди пирӯзӣ Д. Эйзенхауэр сиёсати "консерватизми рӯ ба тараққӣ" ва "ҷумҳуриҳоҳии муосир"-ро эълон дошт. Ба андешаи ӯ мазмуни асли ин сиёсат "консерватизм" ("муҳофизаткор") дар низоми молия ва "либерализм (озодандешӣ) нисбати одамон" буд. Ба иборати дигар гӯем, ҳукумати нав талош дошт, ки механизмҳои маъруфи консерватизм - аз қабили маҳдуд сохтани хароҷоти давлат, кам кардани ҳаҷми андоз ва маблағгузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва ғайра пеш аз ҳама, озодии фаъолияти иҷтимоӣ ва дастгирии соҳаҳои иҷтимоиро бо меъёрҳои либералии он омезиш диҳад.

Татбиқи минбаъдаи ин сиёсат ба рушди иқтисодии Амрико мусоидат намуд. Дар ин давра "мавҷи сеюм"-и муттаҳидшавии ширкатҳои бузург ва пахнсозӣ сурат гирифт, ки дар натиҷаи ин соҳаҳои гуногуни истеҳсолот дар ҳадамот таҳти назорати ширкатҳои пахнсозии холдингӣ қарор гирифтанд. Ин ширкатҳо ба сафарбаркунии захираҳои зиёди соҳаҳои гуногуни иқтисод, ҳадамот ва инфраструктура мусоидат намуданд.

Омилҳои дигари рушди иқтисодӣ татбиқи барномаи васеъи хонасозӣ, истифодаи васеътари захираҳои истифоданашудаи дохилӣ, муҳоҷирати руҷафзун аз манотиқи серпуфус ба манотиқи нисбатан камодам ва дорои захираҳои бузург, алалхусус, ба Техас, Аризона ва Калифорния, болоравии сатҳи дониш ва тахассуси коргарон ва хизматчиён, афзоиши нисбатан босуръати ҳаҷми маоши тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ, рушди босуръати маблағгузориҳои хориҷӣ ва ғайра буданд. Дар натиҷа ҳаҷми маҳсулоти миллӣ аз 300 млрд доллари соли 1950 дар соли 1960 ба 500 млрд доллар расид.

**ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ.** Дар солҳои 1953-1960 таҳаввулоти муҳими иҷтимоӣ рух дод. Бар асари тамоюлоти нави рушди иҷтимоӣ таркиби иҷтимоии кишвар ҷиддан тағйир ёфт. Шумораи коргарону хизматчиёни баландихтисос ва соҳибмаълумот дар ҳадамоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ - менеҷерҳо, кормандони идора, дӯкондорон, муҳандисон, омӯзгорону устодон, зиёиёни соҳаҳои гуногун ва ғайра нисбати коргарону кормандони дигари соҳаи истеҳсолот бештар шуд. Дар асоси онҳо "табақаи сеюм" ташаккул ёфт, ки он гурӯҳи бузургтарин ва сершумортарини ҷомеаи Амрико гардид.

Дар натиҷаи татбиқи барномаи васеи хонасозӣ, бунёди роҳҳо ва василаҳои дигари инфраструктураи муосир, ҳамчунин муҳоҷирати дохилӣ ва афзоиши демографӣ таҳаввулоти муҳими иҷтимоӣ - маишӣ рух доданд. Сатҳи зиндагии тақрибии тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ баланд шуд. Онҳо соҳиби хонаҳои ҳозиразамон ва воситаҳои имрӯзаи маишат шуданд. Мошини шахсӣ яке аз унсурҳои муҳими стандарти амрикоии зиндагӣ шуд. Бахусус нақши телевизион дар зиндагии амрикоён афзуд. Соли 1960 тақрибан 75 фоизи хонаводаҳои амрикоӣ соҳиби телевизор буданд. Тавассути телевизион барномаҳои маъруфи умумимиллӣ, стандартҳои умумии зиндагӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, ҳадафҳои сиёсӣ, технологияҳои интихоботӣ ва таблиғотӣ амалӣ шуданд, ки мазмуни мухталиф ва ҳатто мутазод доштанд.

**ҲОЛАТИ МАЪНАВӢ ВА ФАРҲАНГ.** Бар асари ин равандҳо ва тамоюлот ваҳдати иҷтимоӣ таҳким ёфт, вале ҳамзамон рӯҳияи конформистӣ инкишофи бештарро касб кард. Қолабҳои умумӣ ҳукмрон шуданд ва рангоранги ю тановвуи

ичтимоию фарҳангӣ нисбатан коҳиш ёфт. Ин раванд сабабгори эътироз ва ҳатто исёни нерӯҳои эчодкори асил шуд, ки якрангӣ ва яксониро нуқсони чиддӣ ва ҳатто хатарнок медонистанд. Дар ин росто навъҳои нави эчод ва ҳунар зуҳур намуданд. Дар ин давра рок-н-ролл ташаккул ёфт ва "шоҳи" он - Элвис Пресли маҳбуби чавонон гардид. Бояд зикр кард, ки ин эътироз падидаҳои ба ҳам зид ва ҳатто манфиро низ ба бор овард. Масалан, дар эътироз ба қоидаҳои шадид ва хушки нигориш баъзе нависандагон-"битникҳо"-сабки нигоришеро пешниҳод намуданд, ки дар он қоидаҳои маъмули забон ва имло риоя намегардиданд. Ва ё бар хилофи ратсионализми берӯх ташвики падидаҳои ғайриратсионалӣ, мистика, эҳсосотӣ, аз он чумла эротикӣ тадричан авч гирифт, ки баъдан дар фарҳанги ичтимоии Амрико омили дарозмудлат шуд.



Расми 16. **Елвис Пресли.**

Мушкилии чиддии ичтимоии ИМА таъмини баробарҳуқуқии сиёсӣ ва шаҳрвандии сиёҳпӯстон буд. Дар ин давра меъёрҳои маҳдудияти сиёҳпӯстон тадричан рафъ шуданд, вале баробарҳуқуқии пурраи сиёҳпӯстон таъмин нашуд ва муборизаи онҳо дар солҳои 60-ум ба авчи худ расид.

Ҳамин тариқ, солҳои 1953-1970 давроми таҳаввулоти муҳим дар ташаккули таърихи ИМА-и нимаи дуюми асри XX мебошад.

**1. Хусусиятҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ичтимоии солҳои 1953-1970-и Амрикоро баён намоед?**
**2. Дар фарҳанги индавраинаи ИМА чӣ дигаргуниҳо ба амал омаданд?**

**"УФУҚҲОИ НАВ"-И ПРЕЗИДЕНТ ЧОН КЕННЕДИ** Дар охири солҳои 50-ум зарурати таҳаввулоти амиқтар ва фарогир муайян шуд. Аксари амрикоиён тадричан чонибдори он шуданд, ки қудрати рӯзафзуни идораи давлатӣ барои ҳалли мушкилот ва ниёзҳои иқтисодӣ, таъмини суботи ичтимоӣ, рушди соҳаи маориф, тандурустӣ, таъминоти ичтимоӣ, илм ва фарҳанг ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Таҳаввулоти байналмилалӣ, дастовардҳои навини илми ва техникӣ, қабл аз ҳама, парвози муваффақи нахустини кайҳонии Иттиҳоди Шӯравӣ ба мадори фазо дар соли 1957 низ тақозогари "диди нав" ва "уфуқҳои нав" буданд. Ин рукн ва ниёзи возеҳи ИМА аз чониби роҳбари чавони Ҳизби Демократӣ-Чон Кеннеди ба хубӣ дарк гардид ва дар маъракаи интихоботии соли 1960 фаъолона истифода бурда шуд. Ӯ таъкид дошт, ки бояд ба даҳаи нав котеъона ворид шуд, "зеро уфуқҳои нав наздик мост ва бар мост, ки онҳоро чустучӯ ва мавриди истифода қарор диҳем". Ин дарки ниёзи асосии кишвар ва мардум якчоя бо равшании баён, ҳунари натиқӣ, бартарии дадилу бӯҳрон, чавонӣ, чозибият ва ғайра пирӯзии ӯро дар интихоботи президентӣ таъмин намуданд.

Оғози президентии Чон Кеннеди ба даврони таҳаввулоти муҳими дохилӣ ва байналхалқӣ рост омад. Мушкилоти иқтисодӣ иқдоми чиддӣ ва амиқро тақозо мекард. Бахусус, тағйири сохтори иқтисодӣ ва, пеш аз ҳама, боло рафтани нақши



*Расми 17. Ҷон Фитсҷералд Кеннеди (1917-1963).*

соҳаҳои нав ва бунёди саноати ҳастаӣ, кимиёвӣ, мошинасозӣ, электроника, энергетика ва оғози инқилоби илмию техникӣ дар баробари ҳукумат вазифаи нав ва бузургро гузоштанд, ки ҳалли онҳо дидгоҳи нави сиёсиро тақозо дошт. Ҳукумат самти асосии фаъолияти иқтисодии давлат гардид. Дар ин давра давлат ба тараққии босуръати илм ва маориф таваҷҷӯҳи хоса дошт. Агар дар соли 1950 маблаггузории тамоми соҳаҳои илм 3 млрд долларро ташкил дода бошад, пас дар соли 1968 ҳаҷми маблаггузорӣ дар ин соҳа ба 25 млрд доллар расид. Шумораи донишҷӯён дар соли 1970 ба 7,3 милион, теъдоди аспирантҳо ба 816 ҳазор ва шумораи профессорон ва устодони донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва коллеҷҳои олӣ ба беш аз 800 ҳазор нафар расид. Истеҳсолот хислати бештар ва бештари аклонӣ касб кард. Дар истеҳсолот ҳиссаи кормандони муҳандисию техникӣ ва коргарони баландихтисос дар соли 1968 ба 47,1 фоиз расид. Иқдомоти ҳукумат дар ин арсаҳо сабабгори татбиқи муваффақонаи дастовардҳои инқилоби илмию-техникӣ гардиданд. Ҳаҷми истеҳсолот байни солҳои 60-ум 52 фоиз афзуд, ки ин нисбат ба даҳсолаи пешин бештар буд.

Бо ин ҳама ҳадафи бузургтар ва бартарии сиёсати дохилии ҳукумати нав беҳбудии вазъи иҷтимоии тамоми амрикоиён эълон шуд. Дар чаҳорчӯбаи сиёсати нави иҷтимоӣ ҳадди ақали маош зиёд шуд. Давлат таъкид намуд, ки сатҳи маош вобаста ба рушди иқтисод, ки суръати инкишофи солонаи он ҳудуди 5 фоиз пешбинӣ шуда буд, баланд хоҳад шуд. Суғуртаи бекорӣ ва маблаггузории иҷтимоӣ хеле афзуд. Сохтмони манзил вусъат ёфт. Давлат ба соҳаҳои асосӣ ва муҳимтарини инфраструктураи иҷтимоӣ - илм, маориф, тандурустӣ, коммуналӣ, хизматрасонӣ ва аҳбороту матбуот диққати ҷиддӣ дод.

Сарфи назар аз ин ҳанӯз аз оғози солҳои 60-ум вазъи ҷамъиятию сиёсии ИМА мӯътадилу ором набуд. Моҳи ноябри соли 1963 президент Ҷон Кеннеди дар шаҳри Даллас – маркази иёлати Техас мавриди сӯйқасд қарор гирифт ва ба қатл расид. Баъди марги ӯ тибқи Қонуни асосии ИМА ва муқарраротӣ қонунӣ муовини президент - Линдон Ҷонсон роҳбарии кишварро ба дӯш гирифт. Ӯ дар интихоботи соли 1964 бар рақиби сиёсии худ аз Ҳизби Ҷумҳурияхоҳон Барри Голдуотер ғолиб баромад.

**?**

1. Моҳияти "уфуқҳои нав"-и президент Ҷ. Кеннедиро кушода диҳед?
2. Дар бораи пешрафти иҷтимоии замони президентии Ҷ. Кеннеди далелҳо биёред?
3. Кадом соҳаи ҳаёти ҷомеаи Амрикоро бештар тараққиёфта дарёфтед? Барои исбот далелҳо биёред?

**БАРНОМАИ БУНЁДИ "ҶОМЕАИ БУЗУРГ"-И ЛИНДОН ҶОНСОН.** Линдон Ҷонсон барномаи бунёди "ҷомеаи бузург"-ро эълон намуд, ки идомаи мантиқии барномаи "уфуқҳои нав" буд. Вале ӯ бо ҷиддият ва қатъият амал кард. Бо дастури Л. Ҷонсон ҳудуди 80 лоиҳаи қонун ва асноди қонун, ҳамчун барномаҳои хос тахия ва тасдиқ шуданд. Ӯ "ҷанг бо фақру бенавоӣ"-ро эълон намуд ва дар солҳои таъмини иҷтимоии мардум талоши фаъол дошт. Бо пофишории Л. Ҷонсон мусоидати давлат ба маориф, тандурустӣ,хизматрасонӣ ва умуман ба соҳаи иҷтимоӣ васеъ шуд. Дар даврони президентии Л. Ҷонсон таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандии сиёҳпӯстон бо сафедпӯстон масъалаи муҳими сиёсӣ гардид. Муборизаи сиёҳпӯстон хислати ҷунбиши васеъ ва муташаккилро гирифт, ки дар роҳбарии он шахси маъруфи Амрико Мартин Лютер Кинг қарор дошт.

Тахти таъсири ин ҷунбиш Қонуннома (Билл) дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ қабул шуд, ки аз санадҳои муҳимтарини ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои демократӣ дар сал соли охир буд. Мутобиқи он мамнӯияти нажодӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бекор гардид. Дар соли 1965 Қонуни нави интихобот қабул шуд, ки



*Расми 18.* ***Мартин Лютер Кинг*** *ҳангоми баромад дар Вашингтон баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ.*

тибқи он ҳукумати марказӣ ҳақ дошт номзадҳои сиёҳпӯстро дар он манотиқе, ки ҳукумати маҳаллӣ монеъ мешуд, сабт намояд. Дар соли 1968 маҳдудият нисбати сиёҳпӯстон дар масъалаи манзил низ расман рафъ шуд. Вале татбиқи ин барномаи давлат бо мушкилот ҷараён дошт, ки асоситарини онҳо мухолифати гурӯҳҳои ростгаро ва нажодпараст буд. Дар ҷараёни ин рақобат ва мухолифат Мартин Лютер Кинг баҳори соли 1968 аз дасти қотили нажодпараст ба ҳалокат расид.

Бо вуҷуди талошу кӯшиш давлат дар татбиқи барномаи "ҷомеаи бузург" ҳавасмандӣ, субот ва пайгирии зарурӣ нишон надод ва қисмате аз иқдомоти он нотамом ва ҳатто бесамар буданд. Натиҷаи он коҳиши нуфуз ва эътибори сиёсии Линдон Ҷонсон буд.



*Расми 19. Астронавти ИМА* ***Эдвин Олдрин*** *ба Моҳ қадам мегузорад.*

Тағйирот ва тамоилоти номатлуб ва ҳатто манфӣ дар пешбарии сиёсати хориҷӣ возеҳтар буд.

Дар охири солҳои 60-ум нокомӣ дар татбиқи барномаи "ҷомеаи бузург" ва ҳадафҳои геополитикии ИМА возеҳ шуд, ки ин зуҳурот сабабгори таҳаввулоти муҳим дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар гардид. Вале дар тадқиқи Кайҳон муваффақият ба даст овард. Киштии кайҳонии ИМА «Аполлон-11» 20 июли соли 1969 бо астронавтҳо ба Моҳ парвоз кард.

**1. Моҳияти барномаи "ҷомеаи бузург"-и Линдон Ҷонсонро баён кунед.**
**2. Дар ИМА дар соҳаҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ чӣ тағйиротҳо ба амал омаданд?**
**3. Оё дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандии сиёҳпӯстони Америко иттилоъ доред?**

**СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО**Дар сиёсати хориҷӣ низ тағйироти муайян рух дод. Ҳукумат дар муносибат ба Иттиҳоди Шӯравӣ ва давлатҳои дигари сотсиалистӣ доктринаи "бархӯрди мувофиқ"-ро пешниҳод намуд, ки тибқи он ИМА бояд қодир ба посух додан ба амали мутақобил нисбати ҳар тағйир ва таҳаввул дар равобити байналхалқӣ ва ба хусус кишварҳои сотсиалистӣ бошад. Ин доктрина истифодаи васеътари воситаҳои ғайриҷангӣ ва ғайринизомиро дар назар дошт, вале дар ҷараёни татбиқи он мусобиқаи таблиғотӣ ва мусаллаҳшавии бошитоб, алалхусус, мусобиқаи мушакӣ авҷ гирифт. Баъди шикасти режими Батиста ва барқарории низоми нав дар Куба таҳти роҳбарии Фидел Кастро равобити ИМА бо ин давлат вайрон шуд ва зиддияти онҳо шиддат ёфт. Дар чунин вазъият дар Куба мушакҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҷойгир карда шуданд, ки онҳоро ИМА хатари ҷиддӣ барои амнияти худ ҳисобида, Кубаро ба муҳосира гирифт. Бӯҳрони шадиди сиёсии байнлахалқӣ ва бӯҳрони "баҳри Кариб" рух дод, ки ҷаҳонро дар остонаи ҷанги нави ҷаҳонӣ қарор дод. Дар натиҷаи музокироту машваратҳои тӯлонӣ ва тезу тунд ин бӯҳрон бартараф карда шуд. Иттиҳоди Шӯравӣ мушакҳои худро аз Куба ва ИМА аз Туркия бароварданд. Ин муросое буд, ки ҷанги сеюми ҷаҳониро пешгирӣ кард. Баъди он зуҳуроти аввалини нармии нисбии равобити ИМА ва Иттиҳоди Шӯравӣ падид омад, ки намунаи равшани он имзои Аҳдномаи манъи озмоиши силоҳи ҳастаӣ дар кайҳон, фазо ва об байни ИМА, Иттиҳоди Шӯравӣ ва Британияи Кабир дар соли 1963 буд.

Идораи Линдон Ҷонсон рақобат ва мусобиқаи силоҳро бо Иттиҳоди Шӯравӣ вусъат бахшид. Ин мусобиқа бахусус дар соҳаи мушаксозӣ ва фатҳи кайҳон ба авҷи аълои худ расид ва шумораи мушакҳои тарафҳо ба маротиба афзуд. Дар натиҷа шиддати рақобат ва вазъи байналхалқӣ ба сатҳи хатарнок расид.

ИМА фаъолона ба низоъҳои минтақавӣ дохил шуд, ки намунаи возеҳи он Ҷанги Ветнам буд. Ин кишвар баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба ду бахш тақсим шуд. Дар Шимол низоми коммунисӣ тахти сарварии Хо Ши Мин таъсис ёфт ва дар Ҷануб режими рӯ ба ҷониби Ғарб. Чун Фаронса аз пуштибонии режими Ветнами Ҷанубӣ, ки тахти фишори нерӯҳои мухолиф буд ва рӯз то рӯз заиф мешуд, оҷиз монд, ИМА ҳамчун сарвари Ғарб вориди саҳна шуда, бар зидди нерӯҳои озодихоҳи харду Ветнам ба ҷанг даромад, ки он барои Амрико 58.000 қурбонӣ ва 150 млрд доллар зарар овард ва албатта қурбониҳо ва зарарҳои Ветнам бамаротиба бештар буданд. Ҷанги Ветнам норозигиро дар дохили кишвар барангехт ва эътибори байналхалқии ИМА-ро нисбатан коҳиш дод.

Дар бӯҳрони Шарқи Наздик ИМА нақши мутазод ва ҳатто манфӣ дошт. Ӯ ин минтақаро барои худ хаётан муҳим эълон кард ва бо режимҳои кӯҳнапараст (консервативӣ)-и он равобити наздик барқарор намуд, бо он режимҳое, ки дар низои Арабу Исроил аслан ҷонибдори сиёсати таҷовузкоронаи Исроил буданд ва дар идомаи ин бӯҳрон масъулияти муайян доштанд.

Дар соли 1965 таҷовузи ИМА ба Ҷумҳурии Доминикан сурат гирифт ва сиёсати дахолат дар корҳои дохилии кишварҳои Америкаи Лотинӣ шиддат ёфт.

**?**

**1. Тамоюли асосӣ ва мазмуни сиёсати хориҷии Амрикоро муайян сохта, ба он баҳо диҳед.**
**2. Онҳо ба муносибати ИМА бо ИҶШС чиҳо гуфт метавонед?**
**3. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико кадом режимҳои иртиҷоии ҷаҳонро пуштибонӣ мекард?**

## § 8. БРИТАНИЯИ КАБИР БАЪД АЗ ҶАНГ ВА ҲУКМРОНИИ ДУ ҲИЗБИ СИЁСӢ

**ЗАИФШАВИИ ИМПЕРИЯИ БРИТАНИЯИ КАБИР.** Гарчанде баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Британия Кабир мақоми роҳбари умумиҷаҳониро аз даст дода, аз ҷои якум ба ҷои дуюм фуромада, ҷои якумро ба ИМА дода бошад ҳам, он ҳамчун империяи мустамликавӣ ҳанӯз арзи вуҷуд дошт. Вале дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, робита ва таъсири он ба мустамликаҳо рӯ ба таназзул ниҳод. Ин ҳолати Англия аз бисёр ҷиҳат ба иқтидори иқтисодӣ ва ҳарбии он вобаста буд. Аз ин рӯ, баъди анҷоми ҷанг ҳукумати У. Черчил ба татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ даст зад. Чораи аввалини ӯ татбиқи "Қонун дар бораи милликунонии саноати ангишт" буд.

Ба азнавбарқароркунии хоҷагии халқи Англия "Нақшаи Маршалл"-и амрикоӣ ёрии калон расонид. Дар солҳои 1948-1950 Англия аз ИМА 2 млрд 350 млн доллар ёрӣ дар шакли харгуна маҳсулот, таҷҳизот ва ғайра ва 337 млн доллар вомбарг гирифт.

Дар натиҷаи ёрии ИМА ва тадбирҳои ҳукумати К. Эттли Англия аз ҳолати харобии баъдиҷангӣ баромада бошад ҳам, проблемаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии он ҳанӯз ниҳоят бисёр буданд.

Яке аз омилҳое, ки дар зери таъсири бевоситаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ пурзӯр шуд, ҳаракати миллию озодихоҳии мустамликаҳо ва халқҳои тобеъ мебошад

Ҷанг то дараҷае шуури миллӣ ва майлу хоҳиши халкҳои мустамликаҳоро барои истиқлолияти давлатӣ зиёд кард. Ин зуҳурот дар мустамликаҳои империяи Британияи Кабир махсусан равшан ба назар мерасид.

Баъд аз ҷанг Ҳиндустон, Бирма ва Сейлон истиқлолият эълон карданд. Маъмурияти мустамликавии Англия барои дар ҳолати мустамликавӣ нигоҳ доштани ин мамлакатҳо муттасил ва сол то сол мушкилӣ мекашид, яъне заифии Британияи Кабир натанҳо дар иқтисод, балки дар сиёсати мустамликадорӣ ҳам инъкос меёфт.

1. Тавассути донишҳои аз таърихи умумӣ дар синфҳои 7,8 ва 9 ба даст овардаатон мустамликаҳои Британияи Кабирро аз харитаи сиёсии ҷаҳон нишон диҳед.
2. Сабабҳои болоравии ҳаракати миллию озодихоҳиро дар мамлакатҳои мустамлика ва тобеъи Англия ва озодшавии баъзеи онҳоро баён кунед. Дар ин бора бо ҳамдарсонатон табодули назар кунед.
3. Кадом омили барои империяи Британияи Кабир манфӣ дар зери таъсири Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба миён омад?

**ҲУКУМАТИ КОРГАРӢ (ЛЕЙБОРИСТӢ).** Интихобот ба Палатаи ҷамоаҳо, ки 5 майи соли 1945 баргузор гардид, чунин натиҷа дод:

- Ҳизби Коргарӣ (Лейбористӣ) - 392 ваколатнома ба даст овард.
- Ҳизби Муҳофизакор (Консервативӣ) - 189 ваколатнома ба даст овард.
- Ҳизби Коммунистӣ - 2 ваколатнома ба даст овард.

Дар натиҷаи интихоботи парлумонии мазкур аз соли 1945 то соли 1951 дар Англия ҳокимият дар дасти Ҳизби Коргарӣ (Лейбористӣ) буд. Ба ҳукумат роҳбари ин ҳизб К. Эттли роҳбарӣ мекард.

**Сиёсати дохилӣ.** Баъди ба сари қудрат омада, ҳукумати К. Эттли ба мушкилоти ҷиддии сиёсӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ дучор шуд. Он мувофиқи "нақшаи Маршалл" аз ИМА ёрии зарурӣ гирифта бошад ҳам, лекин ба он тамоми мушкилоти дохилии мамлакат ҳал нашуд. Барои ҳамин роҳи ягона дурусту боэътимод ислоҳоти иқтисодӣ буд. Ба ин кор ҳанӯз то ба сари қудрат омадани К. Эттли сарвазири собиқи Англия У. Черчилл даст зада, саноати ангиштро миллӣ кунонид.

Ҳукумати К. Эттли тасмим гирифт, ки дар Англия "сотсиализми демократӣ" месозад. Яъне ӯ афзалиятро на ба сармоядории хусусӣ, балки ба сармоядории инҳисории давлатӣ дод. Дар ниҳояти кор он натиҷаи дилхоҳ надод.



Ислохоти лейбористон сохаи иҷтимоиро низ дар бар гирифт. Ҳукумати К. Эттли қонуни зиддикоргарии иртиҷоии соли 1927-ро бекор кард. Қонуни нав дар бораи суғуртаи иҷтимоӣ ва тандурустиро ҷорӣ намуд. Ҳукумат маблағро барои татбиқи барномаи иҷтимоӣ тавассути зиёд кардани андозҳо гун кард.Дар натиҷаи ин сиёсат маблаги аз пардохти андозҳо ҷамъшуда аз 896 млн. ф.ст. арафи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар соли 1952 ба 4,2 млрд ф.ст. расид.



*Расми 20. Президенти ИМА* ***Ҷ.Кеннеди*** *ва нахуствазири Британияи Кабир* ***Г.Макмиллан.***

Сарфи назар аз натиҷаҳои мусбати ислохоти иқтисодӣ ва иҷтимоии лейбористон аҳволи иҷтимоии халқ баланд нашуд. Маоши воқеии заҳматкашон нисбат ба арафаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ қариб 20 фоиз кам буд.

**Сиёсати хориҷӣ.** Сиёсати хориҷии Англия ба сиёсати хориҷии аксарияти мамлакати абарқудрати замон монанд буд.Ин сиёсат "ҷанги сард" ва сиёсати хориҷӣ "аз тариқи истифодаи қувва" мебошад. Англия яке аз мамлакатҳои фаъолтарини паймони НАТО буд.

Лейбористон дар Юнон аз нав барқарор карда шудани мутлақиятро дастгирӣ карданд. Барои аз нав бунёд шудани Олмони мусаллаҳ хайрхоҳ буданд. Ҷанги зидди Кореяи Шимолии Кореяи Ҷанубӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро тарафдорӣ намуданд.

Англия ҳамчун империяи мустамликавӣ дар мустамликаҳои худ бар зидди ҳаракати миллию озодихоҳӣ мубориза мебурд. Дар ин кор аз истифодаи аслиҳа парҳез намекард. Бо ҳамин восита муваққатан бошад ҳам, Уганда, Малай, Нигерия, Кения, Танганика ва баъзе мустамликаҳои дигарро дар тобеияти худ нигоҳ медошт.

**?**

1. Чаро Англия сиёсати хориҷии худро ба сиёсати хориҷии давлатҳои дигари мустамликадори ҷаҳон мувофиқ мекард?
2. Бигӯед, ки оё баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ сиёсати хориҷии Британияи Кабир тағйир ёфт? Ин супоришро бо далелҳо аз маводи ин мавзӯъ ва маводи дар синфи 9 омӯхтаатон иҷро намоед.

**ҲУКМРОНИИ МУҲОФИЗАКОРОН (КОНСЕРВАТОРОН).** Дар интихоботи навбатии парлумонии моҳи феврали соли 1950 баргузоргардида Ҳизби Муҳофизакор овозҳои бештари интихобкунандагонро ба даст оварда, дар Палатаи ҷамоаҳо мавқеи худро мустаҳкамтар кард. Дар натиҷа мавқеи Ҳизби Либералӣ сусттар шуд. Ба ин бештар вазъи вазнини зиндагии мардум сабаб шуд. Соли 1951 дар соҳаҳои молия, озуқа ва сӯзишворӣ бӯҳрон ба амал омад, ки ин обрӯи лейбористонро боз ҳам пасттар кард. Дар шароити баамаломада ҳукумати лейбористӣ ба Палатаи ҷамоаҳо ҳамкорӣ карда наметавонист, чунки дар он аксарияти ваколатномаҳоро надошт. Барои ҳамин онро пароканда карда, 25 октябри соли 1951 интихоботи ғайринавбатии парлумонӣ гузаронид, ки дар натиҷа Ҳизби Муҳофизакор (Консервативӣ) ғолиб баромад. Ба Ҳукумати Ҳизби

Мухофизкор аз нав У. Черчилл роҳбарӣ кард.

Аз соли ба сари кудрат омадани Ҳизби Муҳофизакор ва аз нав роҳбари ҳукумати Англия таъйин карда шудани У. Черчилл марҳалаи дуру дарози ҳукмронии ин ҳизб дар Англия оғоз шуд.

**Ҳукуматҳои Ҳизби Муҳофизакор (Консервативӣ):**

- Солҳои 1951-1955 - бо сардории У. Черчилл.
- Солҳои 1955-1957 - бо сардории А. Иден.
- Солҳои 1957-1963 - бо сардории Г. Макмиллан.
- Солҳои 1963-1964 - бо сардори А. Дуглас-Хюм.
- Солҳои 1964-1970 - бо сардории Г. Вилсон.

**Сиёсати дохилӣ.** Вазифаҳои ҳукумати У. Черчилл маълум буд: баровардани мамлакат аз бӯҳрони иқтисодӣ. Чӣ тавре ки дар боло ишора рафт, ҳукумати коргарӣ (лейбористӣ) мамлакатро аз бӯҳрони иқтисодии давраи ҷанг тавассути милликунонии моликияти хусусӣ бароварданӣ буд. Сиёсати иқтисодии муҳофизкорон бошад, баръакси ҳамин сиёсат сурат гирифт: ғайримилликунонии моликияти умумихалқӣ, яъне баргардонидани ин моликият ба моликияти хусусӣ ва дигар секторҳои ғайридавлатӣ. Ҳукуматҳои минбаъдаи муҳофизакорон низ аз ин сиёсат он қадар дур нарафтанд.

## ЧОРАҲОИ ИҚТИСОДИИ МУҲОФИЗАКОРОН

1. Ғайридавлатигардонии саноати пӯлодгӯдозӣ ва нақлиёти автомобилии мусофиркашонӣ.
2. Тахия ва татбиқи барномаи молиявие, ки маҳдуд кардани воридоти хориҷиро дар назар дошт.
3. Кам кардани хароҷот барои нигаҳдории тандурустӣ, маориф, сохтмони манзил ва суғуртаи иҷтимоӣ.

Дар натиҷаи ислоҳоти иқтисодии муҳофизакорон ва беҳтар шудани низоми нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ ба озуқа ва ашёи хом содироти маҳсулоти саноатии Англия оҳиста-оҳиста афзудан гирифт. Аз ҷумла, дар соҳаҳои электротехникӣ, электроэнергетика, истеҳсоли автомобил, тайёра, нерӯи ҳастаӣ, кимиё, истеҳсоли маҳсулоти истеъмолӣ ва аслиҳа зиёд шуд.

## РУШДИ САНОАТИ АНГЛИЯ ДАР СОЛҲОИ 1951-1961

(дар нисбати соли 1953)

| Англия дар нисбати мамлакатҳои сармоядорӣ ва Аврупои Ғарбӣ | Соли 1951 | Соли 1952 | Соли 1954 | Соли 1955 | Соли 1956 | Соли 1957 | Соли 1958 | Соли 1959 | Соли 1960 | Соли 1961 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи ҷаҳони сармоядорӣ: | 91 | 98 | 101 | 112 | 117 | 121 | 118 | 130 | 130 | 143 |
| Аврупои Ғарбӣ | 94 | 95 | 109 | 119 | 125 | 131 | 133 | 142 | 155 | 163 |
| Англия | 90 | 95 | 106 | 112 | 113 | 115 | 113 | 120 | 128 | 130 |

Новейшая история. Курс лекций. М., Высшая школа, 1977, сах. 320

Агар дар нисбати соли 1954, яъне баъди се соли дар сари ҳокимият будани муҳофизкорон афзоиши маҳсулот ҳамагӣ 6 фоизро ташкил карда бошад, пас дар 7 соли минбаъда ин рақам то ба 30 фоиз афзудааст, яъне болоравии ҳаҷми истеҳсол ҳар сол ба ҳисоби миёна 3, 75 фоизро ташкил кардааст.

Болоравии истеҳсолоти саноатӣ дар соҳаҳои дигари иқтисод ба вазъи иҷтимоӣ ва, пеш аз ҳама, ба музди меҳнати мардум таъсири мусбат расонид. Маҳз бо ҳамин сабаб дар ҳар интихоботи навбатии парлумонӣ ба Палатаи ҷамоаҳо ва зинаҳои дигари ҳокимияти намояндагӣ Ҳизби Муҳофизакор ғалаба ба даст оварда, умри ҳокимияти худро дар Англия дарозтар мекард.

**Сиёсати хориҷӣ.** Дар сиёсати хориҷии худ муҳофизкорони Англия ба ИМА ҳамфикр буданд. Британияи Кабир бар зидди ҳаракати миллию озодхоҳии мустамликаҳо мубориза мебурд ва ҳукумати Ҳизби Муҳофизакор бар зидди мустамликаҳои Британия ҷанг мекард, то ки ҳаракати миллию озодхоҳиро дар он мулкҳо фурӯ нишонад. Чунин ҷангро ба муқобили халқи мустамликаҳои худ -- Малай, Гана ва Кения мебурд. Ҳукумати муҳофизакорон мехост, ки доминионҳои (мулкҳои тобеи) Канада, Австралия ва Зеландияи Нав дар сиёсати хориҷӣ ва дохилии худ истиқлолият ба даст дароранд.

Дар замони ҳукмронии муҳофизакорон Англия узви паймони ҳарбии СЕАТО ва Муоҳидаи Бағдод шуд. Барои аз нав эҳё кардани нерӯҳои ҳарбии Олмон фаъолона иштирок кард.

Сарфи назар аз пешравиҳои иқтисодӣ мавқеи Англия ва ширкатҳои англисии дар мустамликаҳо фаъолиятдошта дар натиҷаи фишори пурзӯри инҳисорҳои Амрико заиф шуда, ҷои худро ба онҳо мелоданд.

Дар сиёсати хориҷии Англия иттифоқи он бо Фаронса ба назар мерасид. Барои исботи ин далел метавон воқеаи моҳҳои октябр-ноябри соли 1956-и Шарқӣ Наздикро ба хотир овард. Англия бо ҳамроҳии Фаронса ва Исроил бар зидди Миср ҷанг карда, хостанд, ки минтақаи назди канали Суэтсро аз ин давлат кашида гиранд. Вале ин игво шикаст хӯрд ва дар натиҷаи он ҳукумати А. Иден ба истеъфо рафта, ҷои онро ҳукумати дигари муҳофизакорон бо сардории Г. Макмиллан гирифт.

### НОМАИ РАИСИ ШӮРОИ ВАЗИРОНИ ИҶШС БА НАХУСТВАЗИРИ БРИТАНИЯИ КАБИР

*Иқтибосҳо*

... Иҷлосияи махсуси фавқулоддаи Ассамблеи Кулл (Иҷлосияи Кулли Созмони Милали Муттаҳид дар назар дошта шудааст. - Шарҳи Т. Зиёев) дар бораи таъҷилан бас кардани амалиётҳои ҳарбӣ ва аз қаламрави Миср баровардани нерӯҳои ҳарбии хориҷӣ қарор қабул кард. Вале инро ба инобат нагирифта, Англия, Фаронса ва Исроил амалиётҳои ҳарбии худро пурзӯртар карда, гулӯлаборонкунии ваҳшиёнаи шаҳру деҳоти Мисрро давом медиҳанд, дар қаламрави Миср қӯшунҳои зудамалро фуроварда, мавзеъҳои аҳолинишини онро ба хок яксон намуда ва аҳолии осиштаро қатл мекунанд...

...Дар амал феълан ҷанги ваҳшиёнаю истилогарона бар зидди халқи араб бо мақсади барҳам задани истиқлолияти миллии давлатҳои Шарқи Наздик ва Миёна ва барқарор намудани режими ғуломдории мустамликавии аз тарафи халқҳо радкардашуда суръат мегирад...

Мо умедворем, ки дар ин лаҳзаи хатарнок Шумо ақлу заковати худро ба кор мебаред ва аз ин вазъият хулосаи даркорӣ мебароред.

1.Муайян кунед, ки оё дар сиёсати хориҷии ҳизбҳои коргарӣ ва муҳофизакорон игоҳ мокандӣ ва ё тафовуте дида мешавад?
2.Талафоти Англия дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар бораи чӣ шаҳодат медиҳад? Оё худаш яккаю танҳо оқибатҳои ҷангро бартараф карда метавонист?
3.Заифшавии империяи Британияи Кабирро дар чӣ мебинед?
4.Чаро баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ баъзе мустамликаҳои Британияи Кабир истиқлолият ба даст оварданд?
5.Тафовути сиёсати хориҷии Ҳизби Муҳофизакор ва Ҳизби Коргариро муайян намоед.
6.Ба фикри Шумо, чаро дар Англия Ҳизби Муҳофизакор муддати тӯлонӣ дар сари ҳокимият монд? Ба гурӯҳҳо тақсим шуда, дар ин бора бо ҳамдигар баҳс кунед.

# § 9. ФАРОНСА АЗ МАҶЛИСИ МУАССИСОН ТО ИСТЕЪФОИ ШАРЛ ДЕ ГОЛЛ

**ЭҲЁИ НИЗОМИ СИЁСӢ.** Мо акнун давраи баъдиҷангии Фаронсаро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Аз ин мавзӯъ шумо дар бораи ташаккулёбии ҷумҳуриҳои Чорум ва Панҷум ва рушди сиёсию иқтисодӣ ва аҳволи иҷтимоии халқи Фаронса дар солҳои 1945-1970 маълумот хоҳед гирифт.



*Расми 21. Шарл де Голл (1890-1970).*

Ҳангоми истилои фашистӣ ва тобеияти Фаронса ба Олмони гитлерӣ ҳизбҳои сиёсӣ фаъолият карда наметавонистанд ва ё он ҳизбҳое фаъолият доштанд, ки бо сабаби ҳамкорӣ бо истилогарон дар назди халқ обрӯяшон рехта буд. Имконияти таъсиси ҳизбҳои нави сиёсӣ танҳо дар охирҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ фароҳам омад. Дар ин марҳала баъзе ҳизбҳои дар ҳолати пинҳонкорибуда ба фаъолияти ошкоро бармада бошанд ҳам, ё камшумор буданд ва ё ҳанӯз муташаккил набуданд. Ингуна ҳизбҳо ё пароканда шуда, аъзои онҳо ҳизбҳои нав ташкил мекарданд ва ё бо ҳизбҳои навтаъсис ҳамроҳ мешуданд. Баъзе роҳбарони нерӯҳои Муқовимат, ки аъзо ва ё роҳбарони нерӯҳои сиёсии зиддифашистӣ буданд, дар хориҷи кишвар сукунат доштанд. Онҳо баъди анҷоми истилои Фаронса ба ватан баргаштанд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои 1945-1946 дар Фаронса ҳизбҳои нави сиёсӣ таъсис ёфтанд ва ё ҳизбҳои қаблан вуҷуддошта аз нав эҳё шуда, ба низоми сиёсии Фаронса ворид гардиданд.

Шарл де Голл, ки дар Ҳаракати Муқовимати Фаронса мақоми сазовор дошт, ба ягон ҳизбу гурӯҳҳои сиёсӣ ҳамроҳ нашуд. Ҳаводорони ӯ бо номи "Иттиҳоди ҷонибдорони Де Голл" ҳаракати ҷамъиятию сиёсӣ ташкил намуданд.

1. Чаро мо дар ин ҷо ба ҳизбҳои сиёсӣ аҳамияти калон додаем?
2. Шарл де Голл кӣ буд ва чаро ӯро халқи Фаронса ҳурмату эҳтиром мекард?
3. Ҳаракати Муқовиматро шарҳу эзоҳ диҳед. Дар ин кор шумо ба донишҳоятон, ки дар синфи 9-ум ба даст овардед, такя намоед.

Дар Ҷумҳурии Фаронсаи ҳамонвақта аз генерал Шарл де Голл дида шахси маъруфтар набуд. Биноан, роҳбарии Ҳукумати Муваққатии баъдиҷангӣ ба ӯҳдаи ӯ вогузор карда шуд. Ҳукумати Де Голл бояд оқибатҳои ҷангро бартараф карда, шароит муҳайё менамуд, ки Фаронса ба замони осоишта ба таври мутамаддин ворид шавад. Ҳукумати Муваққатии Шарл де Голл кайфияти зиддифашистӣ ва демократихоҳии халқи Фаронсаро ифода мекард. Тадбирҳои андешидаи ин ҳукумат дар ҳамин бора далолат мекунанд.

**ТАДБИРҲОИ ҲУКУМАТИ МУВАҚҚАТӢ**

- Музди меҳнат, нафақа ва ёрдампулии оилаҳои серфарзандро баланд кард
- Озодиҳои демократиро аз нав ҷорӣ намуд
- Хиёнаткорони фашистӣ ва хайрхоҳони онҳо аз дастгоҳи давлатӣ пеш карда шуданд.
- Роҳбарони ҳукумати фашистии Фаронса - Лавал ба қатл ва Петен ба ҳабси якумра маҳкум карда шуданд
- Шахтаҳои ангишт ва заводҳои автомобилбарории "Рено" ва баъзе корхонаҳои дигар милликунонида шуданд
- Ҳамкорӣ бо мамлакатҳои Иттиҳоди зиддифашистӣ ба роҳ монда шуд
- Ҷидду ҷаҳд ба харҷ дод, ки ҳавзаи Саар, соҳили чапи дарёи Рейн ва вилояти Рейнро аз Олмон ба даст дарорад.
- Моҳи октябри соли 1945 ба Маҷлиси Муассисон интихобот гузаронида шуд
- Маҷлиси Муассисон лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Фаронсаро тайёр кард

1. Ба фикри шумо Ҳукумати Муваққатӣ ва Маҷлиси Муассисон бояд боз кадом чораҳои заруриро меандешиданд?
2. Моҳият ва вазифаҳои Маҷлиси Муассисонро дар шароити ҳамонвақтаи Фаронса муайян намоед.

**ТАВЛИДИ ҶУМҲУРИИ ЧОРУМ.** 5 майи соли 1946 барои қабули Конститутсияи аз тарафи Маҷлиси Муассисон пешниҳодшуда ҳамапурсӣ баргузор гардид, вале ба ҷонибдории он аз нисф камтари аҳолии дорои ҳуқуқи интихоботӣ овоз дод. Аз ин рӯ, лоиҳаи мазкур қабул нашуд. Баъди ин Маҷлиси Муассисон пароканда карда шуд. Интихобот ба Маҷлиси нави Муассисон 2 июни соли 1946 баргузор гардид. Маҷлиси Муассисони нав лоиҳаи дигари Конститутсияи Фаронсаро 13 октябри соли 1946 пешниҳод намуд, ки он аз тарафи аксарияти шаҳрвандони дар раъйпурсӣ иштироккарда қабул карда шуд. Конститутсияи нав дар Фаронса ҷумҳурии парлумонӣ ва озодиҳои демократӣ эълон кард. Фаронса бо ҳамроҳии мустамликаҳои худ "Иттифоқи Фаронса"-ро ташкил намуд. Мувофиқи ин Конститутсия парлумони Фаронса иборат аз ду палата ташкил ёфт:

Конститусияи соли 1946 Конститусияи Чоруми Ҷумҳурии Фаронса буд.

**КОНСТИТУТСИЯИ СОЛИ 1946-И ҶУМҲУРИИ ФАРОНСА**

*Иқтибосҳо*

Баъди он, ки халқи озод бар режиме талаба кард, ки барои гулом гардонидан ва паст задани шахсияти инсон кӯшиш ба харҷ дода буданд, халқи Фаронса боз эълон медорад, ки ҳар як инсон сарфи назар аз фарқияти нажод, дин ва эътиқод ҳуқуқи дахлнопазирии муқаддас дорад. Он аз нав ботантана ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро, ки Эъломияи ҳуқуқи соли 1789 мунаввар гардонидааст, принсипҳои асосие, ки қонунҳои Ҷумҳурӣ эътироф мекунанд,тасдиқ менамояд. Вай инчунин ҳамчун принсипҳои махсусан дар замони мо зарури иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии зеринро эълон менамояд:

Қонун ба зан дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқи бо мардон баробарро кафолат медиҳад.

Ҳар касе, ки барои фаъолияти марбут бо озодӣ таъқиб карда мешавад, ҳуқуқи дар қаламрави Ҷумҳурӣ доштани гурезгоҳро дорад.

Ҳар кас вазифадор аст кор кунад ва ҳуқуқ дорад вазифаро ишғол намояд. Ҳеҷ кас дар шуғли худ бо сабаби пайдоиш, ақида ё ки эътиқоди динии худ маҳдуд карда намешавад.

Ҳар кас метавонад ҳуқуқ ва манфиатҳои худро тавассути иттифоқҳои касаба ҳифз намояд ва иттифоқи касабаро интихоб карда, ба он дохил шавад...

Мувофиқи Конститутсияи Чорум ҳамон сол ба Маҷлиси Миллӣ интихобот баргузор гардид, ки дар натиҷа ҳайати бисёрҳизбии 447-нафараи вакилон интихоб шуд.

**Шумораи ваколатномаҳои ҳизбҳо**

- Ҳизби Коммунистии Фаронса - 182 ваколатнома
- Ҳаракати Халқӣ - Ҷумҳуриявӣ - 164 ваколатнома
- Ҳизби Сотсиалистии Фаронса - 101 ваколатнома

Чӣ тавре ки мебинед, ягон ҳизб аз нисф зиёди ваколатномаҳои Маҷлиси Миллиро ба даст оварда натавонист. Аз ин рӯ, Ҳукумати Фаронса дар асоси намояндагони ҳар се ҳизб таъсис дода шуд. Моҳи маи соли 1947 коммунистон аз ҳайати ҳукумат бароварда шуданд, чунки гӯё онҳо корпартоии коргарони заводҳои "Рено"-ро дастгирӣ карда бошанд. Баъди ин ҳам ҳукумати эътилофӣ ташкил дода шуд. Ба ҳар ҳол ҳукумат ноустувор буд. Барои ҳамин дар зарфи 12 соли оянда 15 ҳайати кабинети вазирони Фаронса иваз шудааст.

Баъди қабули Конститусияи Фаронса сохт ва мазмуни сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Чорум то як дараҷа тағйир ёфт: 1) Империализми Фаронса дигар судхур будани худро аз даст дод; 2) Баъди ҷанг сармоядории давлатию инҳисорӣ босуръат тараққӣ кард. Инҳисоршавии истеҳсолот ва сармоя барои омезиш ёфтани сармояи калон бо давлат асос гузошт; 3) Дар мамлакат усули "ба барномадорорӣ"-и иқтисод ҷорӣ карда шуд. "Ба барномадорорӣ"-и иқтисод ҳамаи корхонаҳои сектори давлатиро фаро гирифт.

Ҳукумат ва соҳибони инҳисорҳо дар байни худ қарордодҳо ба имзо мерасониданд, ки мувофиқи онҳо супоришҳои барномавӣ барои корхонаҳои калон муайян карда мешуданд. Ин усули танзими давлатӣ ба корхонаҳои хусусӣ

додани қарзҳои давлатии имтиёзнок оид ба андозҳо, супоришҳои калон, асъори хориҷӣ ва ғайраро дар назар дошт. "Ба барномадорорӣ" моҳияти маслиҳатӣ дошт. Сарфи назар аз ин он рушди иқтисодии Фаронсаро тезонид.

Дар солҳои 1946-1958 бозсозии иқтисодии Фаронса ба амал омад. Соҳаҳои нави саноат, масалан, истеҳсоли газ, атом (ҳастаӣ), электроника тавлид ёфтанд. Ин пешравиҳо дар натиҷаи дахолати давлат ба иқтисод ва ёрии хориҷӣ ба даст оварда шуданд.

**1. Ба фикри шумо боз кадом роҳу усулҳои рушди иқтисодии Фаронса истифода бурда нашуданд?**
**2. Оё баъди қабули Конститутсия дар Фаронса ягон дигаргунӣ ба амал омад?**
**3. Моҳияти "ба барномадорорӣ"-и иқтисоди Фаронсаро баён намоед.**

**КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ПАНҶУМ.** Чӣ тавре ки дар боло гуфта шуд, ҳукуматҳои бисёрҳизбии Ҷумҳурии Фаронса ноустувор буданд ва аз ҳамин сабаб тез-тез иваз мешуданд. Соли 1958 ҳукумати нав ба бӯҳрони навбатӣ гирифтор шуда, ба истеъфо рафт. Маҷлиси Миллӣ 1 июни соли 1958 генерал Шарл де Голлро сарвазир таъйин намуд. Ба ҳукумати нав намояндагони якчанд ҳизби сиёсӣ дохил шуданд, яъне ин ҳукумат ҳам эътилофӣ буд. 2 июн Маҷлиси Миллӣ ба Де Голл ваколатҳои фавқулодда дод. Ӯ аз ваколатҳои ба ӯ додашуда истифода бурда, Маҷлиси Миллиро пароканда кард. Ин воқеаҳо ба мавҷудияти Ҷумҳурии Чорум хотима гузоштанд.

Шарл де Голл аввал ҳокимияти иҷроияро мустаҳкам карда, баъд бо супориши ӯ комиссияи махсусе лоиҳаи конститусияи нави Фаронсаро таҳия кард. 28 сентябри соли 1958 райъпурсии умумихалқӣ тавассути 72,25 фоиз райъи халқ, яъне 17,7 милиён нафар шаҳрвандон конститутсияи нав қабул карда шуд. Ба муқобили лоиҳа танҳо 4,6 милион нафар шаҳрвандон овоз доданд.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Панҷум ваколатҳои президенти ҷумҳурӣ ва ҳукумат хеле васеъ гардида ва ваколатҳои қонунгузории Маҷлиси Миллӣ маҳдуд карда шуданд. Ҳуқуқ ва озодиҳое, ки Конститусияи соли 1946 кафолат дода буд, дар ин конститутсия низ инъикос гардида буданд. Вале конститутсияи нав ба президент ҳуқуқҳои фавқулодда дод. Ӯ на танҳо сардори давлат, балки сарфармондеҳи олии артиш ва сардори ҳукумат ҳам буд. Ӯ нахуствазир, вазирон ва дигар амалдорони баландмақоми мамлакатро таъйин ва ё аз вазифа сабукдӯш мекард. Президент ба мӯҳлати 7 сол интихоб мешуд.

Парлумон мақоми қонунгузории худро нигоҳ дошта, аз ду палата - Маҷлиси Миллӣ ва Сенат иборат буд.

Баъди қабули Конститутсия 1 октябри соли 1958 ҷонибдорони Де Голл бо номи "Иттифоқ баҳри ҳифзи ҷумҳурӣ" (ИБҲҶ)-ро таъсис намуданд. Мувофиқи қонуни 7 октябри соли 1958 дар мамлакат низоми интихоботии можаритарӣ ҷорӣ карда шуд. Интихоботи президенти 21 декабри соли 1958 ба генерал Шарл де Голл ғолибият овард. Де Голл ба вазифаи нахуствазири мамлакат яке аз роҳбарони Иттиҳод баҳри Ҳифзи Ҷумҳурӣ--И. Деброро таъйин намуд.

**КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ФАРОНСА ВА ИТТИФОҚ**
**(5 октябри соли 1958)**
***Иқтибосҳо***

**Моддаи 77.** Дар Иттифоқ, ки тавассути Конститутсияи мазкур таъсис дода мешавад, давлатҳо ҳуқуқи худмухторӣ доранд. Онҳо худидорашаванда ва демократӣ буда, корҳои худро озодона пеш мебаранд...

**Моддаи 78.** Ба соҳаи салоҳияти Иттифоқ сиёсати хориҷӣ, мудофиа, низоми пулӣ, сиёсати муштараки иқтисодӣ ва молиявӣ, инчунин истифодаи ашёи хоми стратегӣ дохиланд...

**Моддаи 80.** Президенти Ҷумҳурӣ президенти Иттифоқ буда ва онро намояндагӣ мекунад.

1. Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Панҷуми Фаронса магар ваколатҳои президенти мамлакат аз ҳад зиёд нест?
2. Аз рӯи моводи додашуда муайян кунед, ки оё конститутсияҳои ҷумҳуриҳои Чорум ва Панҷуми Фаронса аз ҳамдигар ягон тафовуте доранд.

**СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ПРЕЗИДЕНТ ШАРЛ ДЕ ГОЛЛ.** Мо дар инъикоси сиёсати хориҷии Фаронсаи давраи президентии Шарл де Голл он чизро ба назар мегирем, ки ин давлат алҳол империяи мустамликавӣ буд. Аксарияти мустамликаҳои Фаронса дар китъаи Африқо буданд. Президент де Голл дар масъалаи тақдири онҳо вокеъбинона рафтор мекард. Соли 1960 дар ин китъа 14 мустамликаи Фаронса истиқлолият ба даст овард. Вале президент Шарл де Голл на ҳамаи мустамликаҳои Фаронсаро аз даст доданӣ буд.

Ҳанӯз аз охирҳои соли 1954 шӯриши мусаллаҳонаи халқи араби Алҷазоир бар зидди мустамликадорони Фаронса сар зад. Он вақт ҳукуматдорони Фаронса барои пахши ин шӯриш артиши калон фиристониданд. Дар натиҷа ҷанги зидди Фаронсаи халқи Алҷазоир вусъат ёфт.

Президент Шарл де Голл ниҳоят моҳи сентябри соли 1959 эътироф кард, ки халқи Алҷазоир ҳуқуқи худмуайянкунӣ дорад. Вале ҷанги Фаронса бар зидди ҳаракати миллию озодихоҳии халқи Алҷазоир баъди ин ҳам қатъ нагардида, боз қариб се соли дигар идома ёфт. Танҳо моҳи марти соли 1962 барои бас кардани ҷанги Фаронсаю Алҷазоир ва додани истиқлолият ба ин мустамлика карордод ба имзо расид. Президент де Голл муқобили дар НАТО мондани Фаронса буд. Барои ҳамин аз соли 1959 сар карда бахри амалӣ шудани мақсади худ шурӯъ намуд. Баъди қариб 7 сол-моҳи феврали соли 1966 ӯ аз ин паймони ҳарбӣ баромадани Фаронсаро эълон кард.

Шарл Де Голл аз қолабҳои идеологии зарарнок баромада, ақида баён кард, ки мо бояд ба мамлакатҳои Аврупои Шаркӣ ва, пеш аз ҳама, бо Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамкорӣ кунем. Ин буд, ки ба ИҶШС бо ташрифи давлатӣ сафар карда, моҳи июни соли 1966 дар бораи васеъ намудани ҳамкорӣ бо ин давлат аҳднома баст. Де Голл дар баробари ин иқдом таҷовузи Амрикоро дар Ҳиндучин маҳкум кард.

Бо таклифи президент Шарл де Голл аз 23 март то 3 апрели соли 1960 ташрифи Раиси Шӯрои Вазирони ИҶШС Н.С. Хрущев ба Фаронса доир гардид. Роҳбарони Фаронса ва ИҶШС аҳду паймон карданд, ки муносибатҳои тарафайн беҳтар ва самаранок карда хоҳанд шуд.

1. Чаро Шарл де Голл ҳуқуқи истиқлолияти Алҷазоирро эътироф кард?
2. Ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбати сиёсати хориҷии де Голлро муайян кунед?

**ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ.** Маҷлиси Муассисони соли 1946 интихобшуда дар баробари таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Фаронса барои беҳбудии вазъияти зиндагии халқ ғамхорӣ зоҳир мекард. Ба манфиати халқ қонунҳо қабул кард, ки онҳо дар маҷмӯъ масъалаҳои зёрини иҷтимоиро фаро гирифта буданд.

**ҚОНУНҲОИ МАҶЛИСИ МУАССИСОН ОИД БА БЕҲДОШТИ ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ**

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ба музди меҳнати мардон баробар кардани музди меҳнати занон. | Суғуртаи иҷтимоӣ. | Таъсиси комитетҳои истеҳсолӣ ва ба онҳо додани мақоми назорат аз болои фаъолияти соҳибкорӣ. | Зиёд кардани рухсатии меҳнатии навраснон. | Ба низом даровардани пардохти нафақа ба маъюбони ҷанг, ҳифзи саломати кӯдакон ва кушодани беморхонаҳои давлатӣ. | Таъмини иҷтимоии кишоварзони пиронсол. | Додани нафақа ба кишоварзон. | Расонидани ёрӣ ба оилаҳои ҷавони кишоварзон. | |

Ин қонунҳо имконият фароҳам оварданд, ки вазъи зиндагии табақаҳои гуногуни заҳматкаши аҳолӣ ва махсусан камбизоат ва ҷавонон то як дараҷа беҳтар карда шавад.

Дар солҳои 60-ум азнавмусаллаҳшавии техникию технологии саноат, сохтмон, нақлиёт, электроэнергетика ва соҳаҳои дигари иқтисоди Фаронса ба охир расид. Ин буд, ки аз рӯи суръати тараққиёти иқтисод он дар ин давра танҳо аз Ҷопон ақиб мемонд. Фаронса аз ҳамаи қарзҳои хориҷию дохилӣ халос шуда, худ ба давлати қарздиҳанда табдил ёфт.

Пешрафти иқтисодии Фаронса ба беҳбудии аҳволи зиндагии мардум сабаб шуд. Шароити манзил, ёрии иҷтимоӣ ва шароити кори аҳли заҳмат беҳбудӣ касб кард.

1. Ба фикри шумо кадом соҳаҳои иҷтимоӣ аз мадди назари Маҷлиси Муассисон, Ҳукумат ва Президенти Фаронса Шарл де Голл берун мондааст?
2. Чорабиниҳои Маҷлиси Муассисон баҳри беҳбуди иҷтимоии халқро омӯхта, аз он хулоса бароред.

**ИСТЕЪФОИ ШАРЛ ДЕ ГОЛЛ.** Де Голл сиёсати ислоҳтхоҳонаи дохилии худро давом дода, ният дошт, ки дар мамлакат ислоҳоти маъмурӣ ҳам ба амал барорад. Ин корро дар замоне амалӣ карданӣ буд, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии ӯ аз тарафи ҳизбҳои оппозитсионӣ ва махсусан аз тарафи ҳизбҳои чапгаро ба муқобилияти шадид гирифтор шуда буд. Рақибонаш ӯро барои он ҳам муттаҳам мекарданд, ки мамлакатро аз тариқи усули тоталитарӣ идора мекунад.

Соли 1968 баъди дар интихоботи пеш аз мӯҳлат баргузоргардидаи парлумонӣ ғалаба кардан ҷабҳаи чапгаро фишор ва танқиди президент Шарл де Голлро боз ҳам пурзӯртар кард. Вале ӯ дар чунин лаҳзаи хассос ақибнишинӣ карданӣ набуд.

Бо пешниҳоди Шарл де Голл 27 апрели соли 1969 масъалаи ислоҳоти идораи

маҳаллӣ ва ислоҳоти Сенатро ба ҳамапурсии умумихалқӣ гузошт. Дар баробари ин президент эълон дошт, ки агар пешниҳоди ӯ нагузарад, ба истеъфо меравад. Ҷамъбасти ҳамапурсӣ нишон дод, ки 52, 41 фоизи дар райъпурсӣ иштироккардагон пешниҳоди де Голлро рад кардаанд. Худи ҳамон рӯз ӯ истеъфои худро аз мансаби Президенти Ҷумҳурии Фаронса эълон кард. Моҳи июни ҳамон сол номзади "Иттиҳод баҳри ҳифзи Ҷумҳурӣ" Ж. Помпиду президенти нави Фаронса интихоб гардид.

**1. Де Голлро рақибонаш барои чӣ танқид мекарданд?**
**2. Шарл де Голл кай ва чӣ тавр ба истеъфо рафт?**
**3. Дар бораи раъйпурсии пешниҳодкардаи Шарл де Голл фикри худро баён созед. Бигӯед, ки чаро интихобкунандагон пешниҳоди президентро рад карданд?**

## § 10. ОЛМОН ВА ИТАЛИЯ: ЭҲЁИ НАВ

Мавзӯи мазкур аз он ҷиҳат муҳим аст, ки Олмон ва Италия дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар Иттиҳоди давлатҳои фашистӣ ба мақоми аввал соҳиб буданд. Вале дар марҳалаи охирини ҷанг Италия аз иттиҳод бо Олмон баромад. Ҳатто бар зидди он ҷанг эълон кард. Баъд аз ҷанг ба ин давлатҳо зарур буд, ки аз мероси фашистӣ даст кашанд. Эҳёи низоми сиёсӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ масъалаҳои асосии Олмон ва Италияи баъдиҷангӣ буданд.



*Расми 22. **Маршал Б.Л. Монгомери** (Британияи Кабир), **маршал Г.Жуков** (ИҶШС), ва генерал **Кёниг** (Фаронса) **Дуайт Эйзенхауэр** дар маросими таъсиси Комиссияи назоратӣ (соли 1945).*

### ОЛМОН ДАР СОЛҲОИ 1945-1949

Баъди торумори фашистони гитлерӣ Олмон ба минтақаҳои маъмурияти ҳарбии ИМА, Фаронса, Англия ва ИҶШС тақсим карда шуд. Мақсади иттифоқчиён аз барҳам задани натсизм ва милитаризми Олмон ва демократикунонии он иборат буд. Давлатҳои Ғарб ва Иттиҳоди Шӯравӣ дар аввал бо ҳамин роҳ рафтанд. Маъмурияти минтақаҳои ҳарбӣ мурофиаҳои судии зидди ҷинояткорони фашистиро оғоз карданд. Дар минтақаҳои ишғолӣ ҳизбҳои сиёсӣ таъсис ёфтанд. Калонтарини онҳо Иттиҳоди Христианӣ-Демократӣ (ИХД) ва Ҳизби Сотсиал-Демократи Олмон (ҲСДО) буданд. Ин ҳизбҳо дар интихоботи музофотҳо ширкат варзида, ИХД дар 6 музофот ва ҲСДО дар 5 музофоти Олмон ғолиб баромад. Ҳамин тариқ, Олмон ба маҷрои ҳаёти осоишта ворид мегардид.

Вале ин ҳолат дар Олмон дуру дароз давом накард. Баъди оғози "ҷанги сард" ва ба "нақшаи Маршалл" ворид кардани Олмон нияти ҳамчун давлати ягона нигоҳ доштани он фаромӯш шуд.

**САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО**

- Соли 1947 бо номи "Бизония" минтақаҳои амрикоӣ ва англисӣ бо ҳам муттаҳид шуданд.
- Соли 1948 ба "Бизония" минтақаҳои фаронсавии "Тризония" ҳамроҳ гардид.
- 28 июни соли 1946 дар Олмони Ғарбӣ ислоҳоти пулӣ гузаронида шуд.
- Соли 1949 истеҳсолоти саноатии Олмон ба сатҳи тоҷангӣ расид.
- Соли 1949 Шӯрои Парлумонии Олмон таъсис ёфт.
- 8 май соли 1949 лоиҳаи Конститутсияи ҶФО аз тарафи Шӯрои парлумонӣ тасдиқ карда шуд.

?

1. Ба фикри шумо чаро ИМА, Фаронса ва Англия минтақаҳои ишғолии худро муттаҳид сохтанд?
2. Дар бораи омилҳое, ки ба муттаҳидшавии Олмон халал расониданд, фикри худро баён доред.

**ТАЪСИСИ ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАЛИИ ОЛМОН.** Дар асоси лоиҳаи Конститутсияи аз тарафи Шӯрои парлумонии Олмон тасдиқкардашуда 14 августи соли 1949 интихоботи Бундестаги Олмони Ғарбӣ баргузор гардид. Дар Бундестаг Иттифоқи Христианҳои Демократ 141 ҷой, Ҳизби Сотсиал-Демократӣ 132 ҷой, Ҳизби Озоди Демократӣ 32 ҷой ва Ҳизби Коммунистӣ 15 ҷой гирифтанд.

7 сентябри соли 1949 Маҷлиси якҷояи Бундестаг (палатаи поёнӣ) ва Бундесрат (палатаи болоӣ) Конститутсияи Ҷумҳурии Федералии Олмонро қабул кард ва президенти ҶФО-ро интихоб намуд. Канслери ҶФО Конрад Аденауэр таъйин гардид. Ӯ дар ин вазифа то соли 1963 кор кард.




*Расми 23. Минтақаҳои ишғолии Берлин*

**ТАЪСИСИ ҶУМҲУРИИ ИТАЛИЯ.** Баъд аз сарнагун карда шудани Б. Муссолини ҳукумати Италия дар дасти Ҷабҳаи Миллӣ буд. Раиси Шӯрои Вазирони Италия генерал Бадолио Де Гаспари таъйин шуд. Аз соли 1944 сар карда ҳукумати Италия эътилофӣ буда, аз намояндагони ҳизбҳое иборат буд, ки дар Ҳаракати Муқовимат иштирок карданд.

2 июни соли 1946 оид ба сохти сиёсии Италия - мутлақият ва ё ҷумҳурӣ раъйпурсӣ баргузор гардид. Ҷонибдорони ҷумҳурӣ ғалаба карданд. Дар як вақт ба Маҷлиси Муассисон интихобот ҳам доир гардид. Вакилон аз Ҳизби Христианӣ-Демократӣ, Ҳизби Сотсиалистӣ ва Ҳизби Коммунистӣ лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Италияро тахия намуданд, ки онро 22 декабри соли 1947 Маҷлиси



*Расми 24. Италия баъд аз анҷоми ҷанг.*



*Расми 25.* ***Алчидо де Гаспари*** *(1881-1954)*

Муассисон тасдиқ кард.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Федералии Олмон ва Ҷумҳурии Италия таъсис ёфтанд.

Олмони Шарқӣ 7 октябри соли 1949 Ҷумҳурии Демократии Олмон эълон карда шуд.

**1. КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ИТАЛИЯ**
**(22 декабри соли 1947)**

***Иқтибос***

**Моддаи 1. Италия - Ҷумҳурии демократиест, ки ба меҳнат асос ёфтааст. Истиқлолият ба халқ тааллуқ дорад...**

**2. МАҚОМИ ИШҒОЛӢ БАРОИ ОЛМОНИ ҒАРБӢ**
**(21 сентябри соли 1949)**

***Иқтибосҳо***

**а) халъи силоҳ ва ғайринизомӣ кунониздан, аз он ҷумла соҳаи илмҳое, ки ба онҳо робита доранд...**

**б) назорат ба Рур...**

**в) Робитаҳои хориҷӣ, аз он ҷумла карорлодҳои байналхалқие, ки худи Олмон ва ё аз номи он ба имзо расидаанд...**

**ж) назорат аз болои тиҷорати хориҷӣ ва мубодилаи асъор**

**и) назорат аз болои муомила ба шахсоне, ки қаблан аз ҷониби трибуналҳои ишғолӣ ва ҳукуматдорони ишғолӣ маҳкум карда шудаанд...**

1. Чаро ЧФО ба зери таъсири мамлакатҳои Ғарб ворид шуд?
2. Низоми бисёрҳизбии интихоботи парламенти ЧФО-ро таҳлил намоед.

## РУШДИ ИҚТИСОДИИ ҶФО ВА ИТАЛИЯ

**ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРОЛИИ ОЛМОН.** Рушди иқтисодии Ҷумҳурии Федералии Олмонро "мӯъҷизаи Олмон" ҳам меноманд. Ин мӯъҷиза чанд сабаб дошт: 1) кам будани хароҷоти ҳарбӣ; 2) ба мустамликаҳо харҷ накардани маблағ; 3) ба ҶФО омадани садҳо ҳазор муҳоҷирони хориҷӣ баҳри ёфтани қути лоямут; 4) дар

солҳои 50-ум дарома,ди миллӣ маблағи калонро ташкил намуд. Ин омилҳо ба рушди босуръати иқтисоди ҶФО сабаб шуданд.

Қисми зиёди маҳсулоти истеҳсолкардаи баландсифат ба хориҷа бароварда мешуд. Даромад аз фурӯши ин маҳсулот имконият дод, ки қарзҳои дохилию хориҷии ҶФО пурра пардохта шаванд. Дар Бонки миллӣ захираи калони тилло ва асъор ғун шуд.

Пешрафти иқтисодии ҶФО дар натиҷаи дасткашӣ аз идораи марказонидашудаи иқтисодӣ ва назорати он ва ҷорӣ намудани назарияи либерализми рақобати озоди хоҷагии бозорӣ, ки муаллифи он иқтисодчии маъруфи немис В. Ойкон буд, низ ба даст оварда шудааст. Мувофиқи ин назария давлат бевосита ба танзими муносибатҳои хоҷагидорӣ машғул нашуда, танҳо шаклу усул ва қоидаҳоеро муқаррар менамояд, ки хоҷагидории хусусӣ дар асоси онҳо кор мекунад.



*Расми 26. **Вилли Брандт**, канслери Ҷумҳурии Федералии Олмон.*

Дар баробари ин барои он ки низоми рақобат амал кунад, унсурҳои зерин заруранд:

- Бозори кушода.
- Кафолати дастрас будани бозор ба хоҷагидорон.
- Моликияти хусусӣ.
- Муомилоти устувори асъор.
- Десентрализатсияи ба нақшадорорӣ.
- Масъулияти пурраи хоҷагидорон, ки ба зиммаи дигарон бор кардани таваккалро истисно мекунад.
- Сиёсати доимии иқтисодӣ дар мамлакат.

Принсипҳое, ки ном бурда шуданд, бояд бо сиёсати пурзӯри иҷтимоии давлат пурра карда шаванд, то ки пеши роҳи беадолатии иҷтимоии дар натиҷаи муносибатҳои бозоргонӣ баамаломада гирифта шавад.

**ҶУМҲУРИИ ИТАЛИЯ.** Иқтисоди Ҷумҳурии Италия низ дар солҳои 1950-1970 бо суръати том тараққӣ кард. Дастовардҳои иқтисодии индавринаи Италияро "мӯъҷизаи Италия" номидаанд, ки беҳуда нест. Италия дар тӯли ду даҳсола аз ҷиҳати суръати афзоиши иқтисодӣ дар ҷаҳон ба ҷои якум баромад. Сабабҳои асосии ин пешрафт аз назорати тоталитарӣ халос шудани иқтисод, ташаккули сектори калони давлатӣ, ташаккули низоми давлатии танзими иқтисод ва дар истеҳсолоти саноатӣ татбиқ карда шудани технологияи навтарин мебошанд.

Дар баробари ин, иқтисоди Шимол, хусусан саноати он нисбат ба Ҷануб бештар тараққӣ кард. Вале Ҷануб бошад, мисли пештара минтақаи кишоварзӣ мондан гирифт, гарчанде ки он ҳам пеш рафта буд.

Чӣ тавре ки мушоҳида кардед, ҶФО ва Ҷумҳурии Италия аз ҷиҳати иқтисодӣ қадами бузурге ба пеш гузоштанд. Чунин иқтисод вазъи иҷтимоии ҷомеаро дар ин мамлакатҳо ба сӯи беҳбудӣ бурд.

**1. Сабабҳои пешрафти иқтисодии Ҷумҳурии Федералии Олмонро номбар карда, онҳоро шарҳ диҳед.**
**2. Чаро пешрафти босуръати иқтисодии Ҷумҳурии Федералии Олмон ва Ҷумҳурии Италияро "мӯъҷизаи Олмон" ва "мӯъҷизаи Италия" номидаанд?**

**ҲАРАКАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРОЛИИ ОЛМОН.** Ҳукумати К. Аденауэр барои аз нав мусаллаҳ кардани ҶФО тадбирҳои мушаххас андешид. Соли 1956 ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ҷорӣ карда шуд. Баъди ду сол Бундестаг "Қонун дар бораи бо аслиҳаи ҳозиразамон мусаллаҳ кардани Бундесвер" (номи артиши ҶФО)-ро дастгирӣ намуд. Генералҳои никорталаб тақозо мекарданд, ки Бундесвер бо аслиҳаи ҳастаӣ мусаллаҳ карда шавад.

Аҳли ҷамоатчиёни пешқадам ва ҷавонони ҶФО бар зидди нақшаҳои никорталабон баромаданд.

**ТАЛАБНОМАИ ОЛИМОН, КОРМАНДОНИ САНЪАТ ВА МАОРИФИ ҶФО БА БУНДЕСТАГ ВА ХАЛҚИ НЕМИС**

(Июни соли 1956)

Ба аъзоёни Бундестаг!

Ба халқи немис!

Дар лаҳзаи охирин мо бори дигар вакилони Бундестаг ва тамоми халқи немисро огоҳ менамоем, ки дар сурати қабули қонун дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ:

1. Дар пеши роҳи муттаҳидшавии халқи немис дар шароити сулҳ ва озодӣ монеаи бузург эҷод карда мешавад.

2. Ҷавонони немис дар сурати сар задани ин ҷанг бар хилофи ақли солим маҷбур мешаванд, ки бародарони немиси худро парронанд.

3. Дар муносибатҳои байналхалқӣ оғоз ёфтани пастшавии шиддати вазъият қатъ мегардад ва музокирот барои яроқпартоӣ мушкил мешавад.

4. Бо ҳамин хавфи ҷанги сеюми ҷаҳонӣ меафзояд.

5. Ислоҳоти иҷтимоӣ ниҳоят зарур аст ва талабот барои рушди фарҳанг қурбони мусаллаҳшавии бошитоб гардонида мешавад.

(Дар зери ин талабнома 33 нафар олимони маъруф, арбобони санъат ва маорифи ҶФО имзо гузоштаанд).

Сарфи назар аз мусаллаҳшавии бошитоб аҳволи иҷтимоӣ дар ҶФО мӯътадил буд. Дар натиҷаи болоравии иқтисод даромади корхонаҳо ва воридот ба буҷети давлат афзуд. Музди меҳнати заҳматкашон ва хизматчиёни давлатӣ, нафақапулӣ ва маблағгузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ зиёд шуд.

**ҲАРАКАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ИТАЛИЯ.** Дар Ҷумҳурии Италия ҳаракати иҷтимоӣ баҳри беҳбудии зиндагӣ нисбат ба ҶФО фаъолонатар сурат мегирифт. Ин ҳаракат аз тариқи корпартоиҳо ба амал меомад. Соли 1959 дар корпартоиҳо зиёда аз 5 миллион нафар одамон ширкат варзиданд. Иштирокчиёни ин ҳаракат беҳтар кардани таъминоти моддӣ, аз нав дида баромадани шартномаҳои дастаҷамъӣ, беҳтар кардани шароити манзил ва фароғатро талаб мекарданд.

Оғози солҳои 60-ум ба коргарон муяссар шуд, ки ба гузашти соҳибкорон ноил шаванд. Ба соҳибкорон шартномаҳои нави меҳнатӣ баста шуданд, ки дар

онхо баланд кардани музди меҳнат ва кам кардани рӯзи корӣ дар назар дошта шуда буд.

Дар нимаи дуюми солҳои 60-ум ҳаракати иҷтимоӣ бо қувваи нав авҷ гирифт. Дар он то 18 милион нафар кормандони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Италия ширкат варзиданд. Он дар зери шиориислоҳоти низоми нафақа сурат гирифт. Дар натиҷа парлумони Италия маҷбур шуд, ки дар бораи таъминоти иҷтимоии мардум қонуни нав қабул кунад.

**ВАРАҚАИ РОҲБАРИЯТИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРГАРОНИ ФИЛИЗГАРИ ГАМБУРГ**

(24 октябри соли 1956.)

Мо, коргарони филизгари Шлезвиг-Голштейн, ба соҳибкорон се талаби боадолатона пешниҳод менамоем:

1. Зиёд кардани ёрдампулӣ аз рӯи касалмандӣ.
2. Зиёд кардани мӯҳлати рухсатиҳо.
3. Пардохти пули зиёдтари рухсатиҳо.

Иҷрои ин талабот нерӯи кории моро аз пештара дида бештар муҳофизат мекунад ва нигоҳ медорад...

Мо намехоҳем, ки худамонро аз ҳисоби соҳибкорон табобат кунем, лекин тоқатнопазир он аст, ки ҳангоми касалмандӣ аз тарси гум кардани қисми музди меҳнат маҷбур ҳастем, ки корро давом бидиҳем...

?

1. Кадом иқдоми ҳукумати К. Аденауэрро аҳли илму фарҳанг бо эътироз пешвоз гирифтанд? Чаро?
2. Мазмуни мӯҳтавои талабномаи намояндагони аҳли илму фарҳанги ҶФО-ро баён кунед.
3. Дар бораи ҳаракати фаъолони иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Италия далелҳо биёред.
4. Дар варақаи иттифоқи касабаи коргарони филизгари Гамбург кадом ҷиҳатҳои адолат ва ахлоқи инсонӣ инъикос гардидаанд?
5. Мавзӯъ ба шумо чӣ таассурот бахшид?

## § 11. МАМЛАКАТҲОИ АМЕРИКАИ ЛОТИНӢ

**ВАЗЪИ УМУМИИ ИҚТИСОДИЮ СИЁСӢ.** Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ талабот ба маҳсулоти хӯрокворӣ ва ашёи хоми мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ калон буд. Саноати онҳо маҳз бо ҳамин сабаб то як дараҷа пеш рафт. Баъд аз ҷанг бошад, ба ин мамлакатҳо лозим буд, ки истеҳсолоти саноатию кишоварзии худро ба талаботи шароити замони осоишта ва рақобат бо ширкатҳои инҳисории хориҷӣ ва, пеш аз ҳама, бо ширкатҳои Амрико мутобиқ кунанд. Бе ислоҳоти иқтисодӣ ба ин мақсад ноил шудан имконнопазир буд.

Сарфи назар аз пешрафти саноати худ мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ дар солҳои аввали баъд аз ҷанг ҳанӯз ба рақобати ширкатҳои хориҷӣ тобовар набуданд. Кишоварзӣ бошад, дар ҳолати боз ҳам вазнинтар қарор дошт. Мардуми зиёд бекор ва безамин, сатҳи пасти зиндагии мардуми деҳот ва

технологияи пастсифату каммахсул аз нишонахои асосии акибмондагии ин сохаи иктисоди мамлакатхои Америкаи Лотинӣ буданд. Бинобар, кишоварзӣ ба ислоҳот на камтар аз саноат эхтиёҷ дошт.

Ислоҳоти иктисодиро дар мамлакатхои Америкаи Лотинӣ дар шароите ба амал баровардан лозим омад, ки ИМА ва ширкатҳои инҳисории он барои ишғоли мавкеи бештар ба мамлакатҳои ин минтака саросемавор ворид мешуданд. Амрико аз он низ дар ташвиш буд, ки хатари ба ин мамлакатхо сар даровардани Иттиҳоди Шӯравӣ ба миён омадааст.

Соли 1948 Амрико ба мамлакатхои Америкаи Лотинӣ дар бораи амнияти дастаҷамъӣ карордод ба имзо расонид. Ҳуди хамон сол бо ташаббус ва иштироки фаъолонаи ИМА Созмони Давлатҳои Америка таъсис ёфт. Амрико артишҳои ин мамлакатхоро мусаллаҳ намуда, барои онхо кадрҳои ҳарбӣ низ тайёр кард.

Соли 1961 президенти ИМА Ҷ. Кеннеди роҳи нави ҳамкориро бо мамлакатҳои ин минтака пешниҳод кард, ки он "Иттиҳод баҳри рушду нумӯъ" ном гирифтааст. Амрико дар асоси ин барнома ба мамлакатхои Америкаи Лотинӣ ёрии зарурӣ расонид, то ки онхо аз акибмонии иктисодӣ бароянд. Ёрии мазкур, пеш аз хама, барои баланд бардоштани сатхи зиндагии мардуми мамлакатхои Америкаи Лотинӣ нигаронида шуда буд.

МАБЛАҒГУЗОРИИ ИМА ДАР АМЕРИКАИ ЛОТИНӢ БАЪД АЗ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН (ба хисоби млн. доллар)

| Мамлакатхо | с. 1945 | с. 1950 | с. 1952 | с. 1955 | с. 1956 |
|---|---|---|---|---|---|
| Аргентина | 202 | 356 | 398 | 447 | 470 |
| Бразилия | 373 | 644 | 1013 | 1115 | 1209 |
| Чили | 485 | 540 | 623 | 639 | 677 |
| Колумбия | 189 | 193 | 232 | 174 | 289 |
| Куба | 553 | 642 | 686 | 736 | 774 |
| Мексика | 316 | 415 | 490 | 607 | 675 |
| Перу | 131 | 154 | 242 | 305 | 354 |
| Венесуэла | 444 | 998 | 1174 | 1428 | 1817 |
| Америкаи Марказӣ Ҷумхурии Доминикан ва Гаити | 312 | 431 | 455 | 563 | 610 |
| Мамлакатхои бокимонда | 50 | 86 | 103 | 119 | 138 |
| Ҳамагӣ | 3005 | 4445 | 5443 | 6238 | 7008 |

Хрестоматия по новейшей истории Т.III. М., 1961 г., сах. 559

Вазъи баъдиҷангии аксарияти мамлакатхои Америкаи Лотинӣ ҳанӯз мӯътадил ва устувор набуд. Аз ин ҳолат ҳарбиёни баъзеи ин мамлакатхо истифода бурда, даст ба табаддулот мезаданд.

1. Баъд аз анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ мамлакатхои Америкаи Лотинӣ дар кадом ҳолат қарор доштанд?
2. Сабаб ва мақсадҳои ба мамлакатхои Америкаи Лотинӣ сар даровардани сармояи хориҷиро муайян кунед.
3. Бо далелҳо исбот кунед, ки баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар Америкаи Лотинӣ кадом давлат мақоми ҳукмрон дошт?
4. Аз ҷадвали маблағгузории Амрико ба давлатхои Америкаи Лотинӣ хулоса бароред.

**АРГЕНТИНА.** Ҳанӯз соли 1943 дар зери роҳбарии Перон "Гурӯҳи афсарони муттаҳид" табаддулоти ҳарбӣ ба амал баровард. Ба Перон муяссар шуд, ки дар




*Расми 27. Гирдиҳамоӣ барои дастгирии Перон дар назди бинои Парлумон дар Буэнос-Айрес.*

заминаи шиорҳои оммафаҳми истиқлолияти иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ ҳаракати оммавии миллиро ташкил бидиҳад. Барномаи пешниҳодкардаи Перонро буржуазия ва қисме аз аҳли заҳмати Аргентина дастгирӣ намуданд. Ин буд, ки моҳи феврали соли 1946 Перон бо 55 фоизи овозҳо дар интихоботи президентӣ ғолиб баромад. Ӯ дар ин вазифа то соли 1955 фаъолият намуд.

Дар солҳои аввали ҳукмронии худ Перон тавассути ислоҳоти иқтисодӣ Аргентинаро аз мамлакати қарздор ба мамлакати қарздиҳанда табдил дод. Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ аз Аргентина қариб 4 млрд песо қарздор буданд. Сарфи назар аз ин, Ҳукумати Перон ба истиқлолияти пурраи иқтисодии Аргентина ноил шуда натавонист.

Дар солҳои 1952-1955 Перон барои дар Аргентина маҳдудкунии фаъолияти ширкатҳои хориҷӣ чораҳои мушаххас андешид. Масалан, захираи асъори мамлакатро барои харида гирифтани моликияти хориҷиён сарф кард. Дар натиҷаи ин тадбир ҳолати молиявии мамлакат рӯ ба таназзул ниҳод. Барои ҳамин Перон маҷбур шуд, ки дар Аргентина ба сармояи хориҷӣ гузашт кунад.

Соли 1955 дар заминаи норозигии оммавӣ аз ҳукмронии Перон табаддулоти ҳарбӣ ба амал омад. Дар натиҷаи он ба Ҳукумати Муваққатӣ Арамбуру роҳбарӣ намуда, мамлакатро қариб 2 сол бе президент идора кард. Бар зидди ин ҳукумат ҳаракати корпартоӣ ба амал омад. Арамбуру инро ба ҳукумати худ хатаронок шуморида, 27 июни соли 1957 дар мамлакат вазъи фавқулода эълон кард.



*Расми 28.* ***Перон Хуан Доминго*** *(1895-1974).*

Дар интихоботи президентии соли 1958 роҳбари Ҳизби Иттиҳоди Шаҳрвандии Радикалӣ Артуро Фрондиси голиб баромад. Ӯ дар мамлакат ислоҳоти пешқадамро ба амал баровард. Ҳукумати Фрондиси дар асоси барномаи махсуси солимгардонии иқтисодиёти Аргентина бо Хазинаи Байналхалқии Асъор ҳамкорӣ кард. Ин буд, ки бо маблағгузории ИМА дар соҳаи истеҳсоли нафт низ имкониятҳои васеътар фароҳам омад. Вале моҳи марти соли 1962 ҳарбиён ҳукумати Фрондисиро аз ҳокимият маҳрум сохта, раиси Сенат Гидоро ба сари қудрат овардand.

Соли 1963 интихоботи президентӣ баргузор гардид, ки дар он намояндаи Иттиҳоди Радикалии Шаҳрвандии Халқ Артуро Илиа голиб баромад, вале баъди 2 сол ин ҳукумат низ аз тарафи ҳарбиён барҳам зада шуд. Табаддулотчиён дар мамлакат диктатураи ҳарбӣ ҷорӣ намуда, Онганиро президенти муваққатӣ таъйин карданд.

Чӣ тавре ки мушоҳида кардед, дар тӯли 25 соли баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Аргентина давраи мураккаби аз демократия ба диктатура ва аз диктатура ба демократия рӯй овардaнро аз сар мегузаронид. Чунин ҷараён ёфтани ҳаёти сиёсӣ ба ҳолати иқтисодӣ ва иҷтимоии Аргентина таъсири манфӣ расонид.

КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ АРГЕНТИНА
11 МАРТИ С. 1949 БА ҶОИ КОНСТИТУТСИЯИ СОЛИ 1853
ҚАБУЛ КАРДА ШУДААСТ.

*Иқтибосҳо*

**Моддаи 75.** Ҳокимияти иҷроия дар давлат аз тарафи шаҳрванде ба амал бароварда мешавад, ки унвони "Президенти Миллии Аргентина"-ро дорад …

**Моддаи 77.** Барои ба вазифаи Президент ва ё ноиби президенти миллат интихоб шудан шахс бояд зодаи Аргентина, мансуби калисои румӣ-католикии апостол бошад ва ба ҳамаи талаботи дигаре, ки нисбати номзадҳо ба сенаторӣ муқаррар карда шудаанд, ҷавобгӯй бошад (яъне синну солаш на камтар аз 30-сола ва 10 соли охир дар вазифаҳои шаҳрвандӣ кор карда бошад).

**Моддаи 78.** Президент ва ноиби президент дар ин вазифаҳо дар тӯли 6 сол буда, аз нав интихоб шуда метавонанд...

?

1. Дар бораи президент Перон маълумот диҳед.
2. Президент Перон чӣ тавр аз ҳокимият маҳрум карда шуд?
3. Сабабҳои дар Аргентина тез-тез ба амал омадани табаддулоти ҳарбиро муайян кунед.
4. Кадом шахс дар Аргентина президенти мамлакат интихоб шуда метавонист?

**МЕКСИКА.** Ислохоти иктисодии президент Мигел Алимен (солхои 1946-1952) ба баланд бардоштани некӯахволии халки Мексика нею ба ширкатхои инхисории хоричӣ фоида меовард. Ин буд, ки дар интихоботи оядан президентии мамлакат шикаст хӯрда, ба ин вазифа Адолфо Руис Кортинеси интихоб шуд.

Президент Адолфо Кортинеси (1952-1958) кайфияти зиддимпериалистии оммаи васеъи халки Мексикаро ба назар гирифта, чидду чахд ба харч дод, ки дар идораи давлат ва сиёсати хоричӣ мустакилона амал кунад. Масалан, бо супориши ӯ дар конфронси мамлакатхои Америка, ки соли 1957 дар шахри Буэнос-Айрес баругзор гардид, намояндагони Мексика аз ширкатхои инхисории хоричӣ такозо карданд, ки конунхои Мексикаро риоя кунанд.

Сарфи назар аз баъзе мушкилихо иктисоди Мексика дар солхои 50-ум пеш рафт. Дар огози солхои 60-ум хачми истехсоли махсулоти миллӣ 2,1 баробар, аз он чумла махсулоти саноатӣ 2,4 баробар ва кишоварзӣ аз ин хам зиёдтар - 3 баробар зиёд шуд.

Хукумати президент Лопес Матеос (1958-1964) ба васеъкунии сектори давлатии иктисод диккати калон дод. Ин кор бо роххои милликунонии пурраи баъзе корхонаю сохахои саноат ва аз чониби давлат харида гирифтани зиёда аз 50 фоизи сахмияхои корхонахои ширкатхои хусусии дохилию хоричӣ, аз он чумла, дар саноати электротехникӣ, металлургӣ ва саноати синамо ба амал бароварда мешуд. Кисми зиёди ширкатхои саноатӣ бо чунин усул милликунонидашуда ба ширкатхои инхисории Амрико тааллук дошт. Ин хукумат ислохоти аграрӣ хам ба амал баровард. Дар натичаи он кишоварзон кариб 16 милиён гектар замин гирифтанд.

Густаво Ордос, ки дар интихоботи президентии соли 1964 голиб баромад, аслан Мексикаро мисли Матеос идора мекард.

1. Оё иктисоди Мексика сохибистиклолии мамлакатро таъмин карда метавонист?
2. Президентони Мексика дар рушди иктисодӣ кадом рохро интихоб карда буданд?
3. Дар бораи чорахои иктисодии президент Лопес Матеос маълумот дихед.

**БРАЗИЛИЯ.** Баъди Чанги дуюми чахонӣ тобеияти Бразилия ба ИМА афзуд. Амрико чои робитахои каблан бо мамлакатхои Аврупо доштаи Бразилияро ишгол намуд. Ракобати вай бо мамлакатхои дигари дар ин кишвар маблаггузор огоз ёфт. Дар ин ракобат ширкатхои инхисории Амрико голиб баромада, аз Бразилия даромади калон ба даст медароварданд. Ба иктисоди Бразилия бештар сар даровардани ширкатхои инхисории Амрико хачми содироти махсулоти кишоварзӣ, филизӣ ва чӯбу тахтаро зиёд кард. Чадвали зерин дар ин бора шаходат медихад:

НОМГӮЙИ МОЛХОИ СОДИРОТИ БРАЗИЛИЯ ДАР СОЛХОИ 1953-1956
(Ба хисоби фоиз нисбати арзиши умумӣ)

| МОЛХО | 1953 | 1954 | 1955 | 1956 |
|---|---|---|---|---|
| Кахва | 63 | 61 | 59 | 69 |
| Пахта | 7 | 14 | 9 | 6 |
| Какао | 5 | 9 | 8 | 4 |
| Маъдани охан | 2 | 2 | 2 | 2 |
| Чӯби санавбар | 3 | 2 | 4 | 2 |

Экономическое положение стран Азии, Африки и Латинской Америки в 1956 г. М., 1957, стр. 336

**Ҳаёти сиёсии Бразилияи баъдиҷангӣ.** Ҳукумати Варгас маҳбусони сиёсиро авф карда, инчунин озодиҳои демократиро васеъ намуд. Дар натиҷаи ин шаҳрвандони синашон ба 18 расида ҳуқуқи интихоботӣ гирифтанд. Дар мамлакат низоми сиёсии бисёрҳизбӣ ба вуҷуд омад. Вале 20 октябри соли 1945 генералҳо Г. Монтейро ва Э. Дутра табаддулоти давлатӣ ба амал бароварданд. Ж. Варгас ба истеъфо рафт. Моҳи декабри ҳамон сол дар интихоботи президентӣ Энрико Дутра ғолиб баромад. Дар солҳои ҳукмронии Дутра вобастагии Бразилия ба ИМА боз ҳам зиёдтар шуд. Соли 1951 Варгас аз нав президент интихоб шуда, бар зидди боигарии миллии Бразилияро ғорат кардани ширкатҳои хориҷӣ чораҳои таъсирбахш андешид. Вале дар ин роҳ ӯро на ҳамаи мардуми Бразилия дастгирӣ карданд. Нерӯҳои иртиҷоӣ аз Варгас талаб карданд, ки ба истеъфо равад. Ӯ ба нафъи миллат нақшаи муросо бо ин нерӯҳоро пешниҳод кард, вале онро қабул накарданд. Баъди ин Варгас мактуби васиятӣ навишта, худкушӣ кард. Дар ин мактуб дар бораи боигариҳои миллии Бразилияро ғорат кардани ширкатҳои хориҷӣ далелҳои боэътимод оварда шуда буданд.

Моҳи апрели соли 1955 Ж. Кубичек президенти Бразилия интихоб шуд. Ба ҳукумати ӯ муяссар шуд, ки вазъи сиёсии мамлакатро каме мӯътадил гардонад. Барои пешрафти иқтисодӣ нақшаи 5-солаи саноатикунонии мамлакат қабул гардид. Барои идораи самараноки кишвар ва минтақаҳои дигари мамлакатро фаро гирифтани рушди иқтисодӣ пойтахти мамлкатро аз Рио-де-Жанейро ба даруntари Бразилия - ба шаҳри Бразилия кӯчонид.

Дар солҳои 60-ум Ж. Куадрос, Ж. Гуларт, У Бранок ва А. Силва пайиҳам президенти Бразилия буданд. Ҳар кадоми онҳо дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ мушкилиҳои зиёд доштанд. Бештари ин мушкилиҳо бо ҳарбиён, нерӯҳои рӯ ба Амрико ва ширкатҳои дар Бразилия фаъолиятдоштаи Амрико алоқаманд буданд.

1. Аз ҷадвали "Нисбати молҳои содиротии Бразилия дар солҳои 1953-1956" ба кадом хулоса омадед?
2. Оид ба вазъи иқтисодӣ ва сиёсии баъдиҷангии Бразилия [illegible] баҳо диҳед.

**ЧИЛИ.** Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ иқтисоди Чили чун иқтисоди мамлакатҳои дигари Америкаи Лотинӣ бо сабабе, ки дар боло такрор ёфт, пеш мерафт. Вале баъд аз ҷанг харидорони хориҷии молҳои истеҳсоли Чили кам шуданд. Дар натиҷаи ин шумораи бекорон афзуд. Бенавоии оммавӣ мардуми заҳматкашро ба кӯчаҳо баровард. Корпартоиҳои оммавӣ ба амал омаданд. Дар чунин шароит моҳи сентябри соли 1946 интихоботи навбатии президенти Чилӣ баргузор гардид. Нерӯҳои оппозитсионӣ, аз он ҷумла ҳизбҳои чапгаро барои дар интихоботи мазкур ғолиб баромадан дар Иттиҳоди Демократӣ муттаҳид шуда, Гонсалес Виделаро номзади ягонаи худ ба мансаби президенти Чили пешниҳод намуданд. Ӯ дар ин интихобот ғолиб баромад.

Г. Видела ҳукумати эътилофӣ ташкил кард, ки дар ҳайати он намояндагони ҳизбҳои чапгаро, аз он ҷумла коммунистон ҳам буданд. Г. Видела дар зери таъсири бевоситаи коммунистон кӯшиш ба харҷ дод, ки Чилиро аз бӯҳрони иқтисодӣ бо роҳу воситаҳои сотсиалистӣ барорад. Лекин онҳо натиҷаи дилхоҳ надоданд.

Дар интихоботи президентии солҳои 1952, 1958 ва 1964 мувофиқан К. Ибанес, Х. Александри ва Э. Фрей ғолиб баромаданд. Дар интихоботи номбурда Салвадор

Аленде пайваста номзади умумии ҳизбҳои чапгаро буд. Ислоҳоте, ки ин президентҳо амалӣ мегардониданд, самарнок набуданд. Ин буд, ки бӯҳрони иқтисодии баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ огозёфта дар тӯли солҳои 50-ум ва 60-ум ҳам давом кард. Барои ҳамин, ҳар бори навбатие, ки дар интихобот намояндаи нерӯҳои ростгаро голиб мебаромад, дар интихоботи оянда номзади нерӯҳои чапгаро С. Аленде овози бештар мегирифт.



*Расми 29. Соли 1970 дар интихоботи президентии Чили* ***Салвадор Аленде*** *голиб баромад*

Нерӯҳои чапгаро ба интихоботи навбатии президентии соли 1970 тайёрии пухта диданд. Онҳо дар иттиҳоди "Ягонагии Халқ" муттаҳид шуданд. Ҳамин тариқ, интихоботи 4 сентябри соли 1970 баргузоргардида ба номзади иттиҳоди интихоботии "Ягонагии Халқ", раиси Ҳизби Сотсиалистии Чили С. Аленде голибият оварда, ба мӯҳлати 6 сол ӯро ба вазифаи президенти Чили соҳиб гардонид. Вале ӯ дар ин вазифа зиёдтар аз 3 сол кор кард.

?

1. Ҳолати умумии баъдиҷангии мамлакатҳои Америкаи Лотиниро чӣ хел дарёфтед?
2. Президентҳои Аргентина барои истиқлолияти иқтисодии кишвар аз кадом воситаҳо истифода мебурданд?
3. Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии президентҳои Мексика далелҳо оварда, аз онҳо хулоса бароред.
4. Дар бораи Бразилияро идора кардани президентон Варгас ва Кубичек нақл кунед.
5. Мақсади асосии "Лигаи Миллии Бразилия" аз чӣ иборат буд?
6. Ба иқтисоди мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ маблағгузории ширкатҳои ИМА дар бораи чӣ шаҳодат медиҳад?
7. Вазъи иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоии баъдиҷангии Чилиро таҳлил карда бигӯед, ки чӣ он аз мамлакатҳои дигари Америкаи Лотинӣ фарқ дошт?
8. Чаро баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ нерӯҳои сиёсии чапгарои Чили ба мавқеи баланди сиёсӣ ноил шуда, оқибат дар интихоботи президентии соли 1970 голиб баромаданд?

# БОБИ III. НИЗОМИ ҶАҲОНИИ СОТСИАЛИЗМ

## § 12. ТАВЛИДИ НИЗОМИИ ҶАҲОНИИ СОТСИАЛИЗМ

**ТАЪСИСИ ДАВЛАТҲОИ НАВИ СОТСИАЛИСТӢ.** Ҷанги якуми ҷаҳонӣ яке аз сабабҳои тавлиди Давлати Шӯравӣ гардид. Дар зери таъсири бевоситаи ин давлат Муғулистон ҳам бо роҳи сохтмони сотсиалистӣ дохил шуд. Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҷуғрофияи давлатҳои сотсиалистиро васеъ кард. Ба ин зуҳурот мақоми озодибахши Артиши Сурхи Иттиҳоди Шӯравӣ ва нерӯҳои ватанпарвари давлатҳои гирифтори таҷовузи фашизм ва милитаризм низ омилҳои ҳалкунанда буданд. Нерӯҳои ватанпарвари ин давлатҳо дар ҷабҳаҳои халқӣ муттаҳид гардида, бо ёрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳокимият соҳиб шуданд. Ин мубориза дар марҳалаи аввал моҳияти халқӣ - демократӣ дошт. Нерӯҳои инқилобӣ баъди ғалаба дар мамлакатҳои худ арзишҳои демократиро ҷорӣ намуданд. Вале баъд бо ҷидду ҷаҳди Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин мамлакатҳо ҳизбҳои марксистӣ-ленинӣ ба сари қудрат омаданд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои 1945-1949 низоми ҷаҳонии сотсиализм тавлид ёфт. Ба он ғайр аз ИҶШС ва Ҷумҳурии Халқии Муғулистон, Ҷумҳурии Демократии Олмон, Ҷумҳурии Сотсиалистии Чехословакия, Ҷумҳурии Халқии Полша, Ҷумҳурии Халқии Венгрия, Ҷумҳурии Сотсиалистии Руминия, Ҷумҳурии Халқии Булғория, Ҷумҳурии Федеративии Сотсиалистии Югославия, Ҷумҳурии Халқии Албания, Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея ва Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам дохил шуданд. Баъди чанде аввал Ҷумҳурии Куба ва сипас Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Лаос низ роҳи сотсиалистии тараққиётро интихоб намуданд.




1. Кадом омилҳо сабабгори тавлиди низоми ҷаҳонии сотсиализм шуданд?
2. Аз харита давлатҳои сотсиалистиро нишон диҳед. Муайян кунед, ки онҳо дар кадом қитъаҳои олам воқеъ гардидаанд.
3. Оё давлатҳои сотсиалистӣ ягон нишонаи хос доштанд?

**ХУСУСИЯТҲОИ УМУМИИ СОХТМОНИ СОТСИАЛИЗМ.** Хусусиятҳои умумии сохтмони сотисализм дар мамлакатҳои сотсиалистӣ чунин буданд:

## ДАР НИЗОМИ СИЁСӢ

– идеологияи ҳукмрон будани марксизм-ленинизм;

– муқаррар намудани низоми сиёсии яккахизбӣ (ҳизби марксистӣ);

– таъсиси ёфтани ҷабҳаҳои халқӣ, ки ба онҳо дар зери роҳбарии ҳизбҳои коммунистӣ ва ё коргарию сотсиалистӣ намояндагони ҳизбу созмонҳое дохил буданд, ки дар замони ҷанг бар зидди фашизм мубориза мебурданд;

– ҳокимият пурра дар дасти мақомоти иҷроия ва дастгоҳи ҳизбӣ омезиш ёфта буд;

– ин низоми сиёсиро мақомоти амнияти давлатӣ пурра мекард;

– беэътиноӣ ба риоя карда шудани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, гарчанде ки зоҳиран онҳо дар санадҳои расмии ин давлатҳо инъикос ёфта буданд;

– ба ҷои "демократияи халқӣ" сохта шудани сотсиализми тоталитарӣ;

– маҳдуд будани ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ.

## ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДӢ

Давлатҳое, ки ба сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ шурӯъ карданд, аз ҷиҳати рушди иқтисодии худ дар сатҳи гуногуни тараққиёт истода буданд. Чун дар ИҶШС мамлакатҳои сотсиалистии дигар низ сиёсати иқтисодии худро аз индустрикунонии мамлакат оғоз карданд. Ғайр аз ИҶШС, Чехословакия ва Ҷумҳурии Демократия Олмон дигар мамлкатҳои сотсиалистӣ аграрӣ ва ё аграрию саноатӣ буданд. Сиёсати иқтисодии давлатҳои сотсиалистӣ бо дар назардошти ҳамин хусусият муайян карда шуд, ки унсурҳои асосии он чунинанд:

– ҷамъиятӣ кунонидани воситаҳои истеҳсолот;

– барҳам задании моликияти хусусии шаҳрвандҳо;

– индустрикунонии сотсиалистии мамлакат;

– ислоҳоти аграрии сотсиалистӣ, ки он иборат аз тақсимкунии нави замин оғоз ёфта, баъд ба коллективонии хоҷагии қишлоқ анҷом ёфт;

– марказонида шудани идораи иқтисод, фарҳанг ва хизматрасонӣ дар мамлакат;

– маҳдуд карда шудани муносибатҳои бозоргонии хусусӣ;

– татбиқи пурраи усули фармонфармоии низоми тақсимоти неъматҳои моддӣ;

– планӣ будани иқтисодиёт;

– муқаррар карда шудани танҳо ду намуди моликияти сотсиалистӣ-давлатию умумихалқӣ ва кооперативӣ.

Оё чунин низоми сиёсию иқтисодӣ самаранок буда метавонист? Дар назди иқтисоди мамлакатҳои сотсиалистӣ ду роҳи пешрафт истода буд - экстенсивӣ (афзудани маҳсулот аз ҳисоби васеъ кардани истеҳсолот сохтани корхонаҳои нав) ва роҳи интенсивӣ (самаранок гардонидани иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ва баъд сохтани иқтидорҳои нав). Роҳи якумро аксарияти мамлакатҳои Аврупо, аз он ҷумла чандин мамлакати бо роҳи сотсиалистӣ даромада аллакай тай карда, аз имкониятҳои он истифода бурда буданд. Бе мавҷудияти бозор ва рақобати истеҳсолкунандагон интихоб кардани роҳи интенсивӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

Давлатҳои "демократияи халқӣ"-и Аврупо бо роҳи аллакай тайшудаи феълан камсамар -экстенсивӣ даромаданд. Онҳо бо роҳи интенсивӣ даромада ҳам наметавонистанд, чунки дар ин роҳ соҳибкории озод, ташаббуси шахс, моликияти хусусӣ ва рақобати озод дар бозор намерасид. Ин буд, ки сохтмони сотсиализм дар мамлакатҳои сотсиалистии ҷаҳон нимкора монда, он ба бӯҳрони шадиди сиёсию иқтисодӣ рӯ ба рӯ шуд.

**СОТСИАЛИЗМИ ТОТАЛИТАРӢ.** Баъди аз унсурҳои фашистӣ ва хиёнаткор тоза кардани мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар идораи давлатҳои сотсиалистии навтаъсиси Аврупо ва Осиё унсурҳои сотсиалистӣ (коммунистӣ) ворид карда шуданд. Ба халқ ҳуқуқи умумии интихоботӣ дода шуд. Дар ҷомеа низоми сиёсии бисёрҳизбӣ (на дар ҳамаи мамлакатҳои сотсиалистӣ) ҷорӣ гардид. Мардум аз озодиҳои дигари демократӣ баҳравар гардонида шуданд. Вале ин низом умри дароз надид. Нерӯҳои коммунистимаоб охиста-охиста ба ҳокимияти мутлақи давлатӣ соҳиб шуда, аз арзишҳои демократӣ даст кашиданд ва дар мамлакатҳои худ низоми давлатдории тоталитариро ҷорӣ карданд.

Режимҳои сотсиалистии тоталитарӣ фаъолияти созмонҳои сиёсии ғайримарксистиро манъ ва аъзоёни онҳоро ба таъқиботи шадид гирифтор карданд. Дар ин давлатҳо дар идораи давлатӣ танҳо як ҳизб монд, ки он ҳам ҳизби марксистӣ буд. Ин ҳизб моликияти хусусиро бар воситаҳои истеҳсолот бекор карда, онро умумихалқӣ эълон дошт. Аз иқтисоди бозоргонӣ даст кашида, ба ҷои он иқтисоди планӣ ва аз як марказ идорашавандаро ҷорӣ намуд. Дар як қисми мамлакатҳои сотсиалистӣ шахсони собиқ доро бо роҳҳои гуногун нест карда шуда, дар давлатҳои дигар аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, масалан, аз ҳуқуқи интихоб кардану интихоб шудан ба мақомоти ҳокимияти намояндагӣ маҳрум карда шуданд. Мақсади олии ҳизби марксистӣ дар давлатҳои низоми сотсиалистӣ сохтани ҷомеаи коммунистӣ буд. Дастгоҳи ҳизбию давлатӣ, мактабу маориф ва илму фарҳанги ҷомеа барои тарбияи одамони ба ғояҳои коммунистӣ содиқ равона карда шуда буданд.




**1. Кадом зуҳуроти сиёсӣ ва иқтисодии давлатҳои низоми сотсиалистиро қабул надоред ва барои чӣ? Оиди давлатҳои демократии Ғарб низ фикри худро баён кунед.**
**2. Дар бораи сотсиализми тоталитарӣ далелҳо биёред. Фикри худро дар бораи ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандони давлатҳои сотсиалистии тоталитарӣ баён кунед.**

**ҲАМКОРИИ ДАВЛАТҲОИ СОТСИАЛИСТӢ.** Низоми ҷаҳонии сотсиализм умумияти нави таърихии давлатдорӣ буд. Дар заминаи идеологияи марксистӣ ва мақсади сохтмони ҷомеаи коммунистӣ муносибатҳои байни давлатҳои сотсиалистӣ сурат гирифтанд. Ҳар як давлати бо роҳи сотсиалистӣ воридшуда ҳамон замон бо давлатҳои сотсиалистӣ ва, пеш аз ҳама, бо Иттиҳоди Шӯравӣ созишномаҳои сиёсию иқтисодӣ мебаст. Дар созишномаҳои онҳо дар баробари изҳори садоқат ба ғояҳои коммунистӣ ва масъалаҳои мустаҳкам кардани низоми ҷаҳонии сотсиализм, таъмини сулҳ ва амнияти халқҳо, мубориза бар зидди таҷовузкорон, мустаҳкам кардани робитаҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ, риояи

принсипҳои баробарии тарафҳо, эҳтироми тарафайн ва истиклолият ва дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар барин унсурҳои муносибатҳои байни давлатҳои сотсиалистӣ инъикос ёфта буданд. Дар муносибатҳои байни давлатҳои сотсиалистӣ ҳамкории иқтисодӣ ҷои намоёнро ишғол менамуд.

25 январи соли 1949 дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ, Булғория, Венгрия, Руминия, Полша ва Чехословакия "Шӯрои Ёрии Байниҳамдигарии Иқтисодӣ" (ШЁБИ) таъсис дода шуд. Ба ин созмони ҳамгироии иқтисодии сотсиалистӣ моҳи феврали соли 1949 - Албания, моҳи сентябри соли 1950 ҶДО, моҳи июни соли 1962 Муғулистон ва моҳи июли соли 1972 Куба ҳам дохил шуданд. ШЁБИ аз 10 давлати сотсиалистӣ иборат буд.

Дар натиҷаи фаъолияти ин созмон иқтисоди давлатҳои сотсиалистӣ то як дараҷа пеш рафт. Дар доираи ШЁБИ дар байни давлатҳои сотсиалистӣ тақсимоти байналхалқии меҳнат ба амал бароварда шуд. Мувофиқи он ҳар як давлати сотсиалистӣ аз рӯи истеҳсоли молҳои алоҳида махсус гардонида шуд. Натиҷаи ҳамкории иқтисодӣ буд, ки ба давлатҳои сотсиалистии Аврупо лӯлаи интиқоли гази "Дружба" ("Дӯстӣ") ва низоми ягонаи баркии "Мир" ("Сулҳ") хизмат мекарданд, асбобҳои электронии истеҳсоли ҶДО, автобусҳои венгерии "Икарус" ва автомашинаҳои азамати боркаши "КамАЗ"-у "БелАЗ"-и Шӯравиро дар ҳамаи мамлакатҳои сотсиалистӣ дидан мумкин буд.

Ҳамкории давлатҳои сотсиалистӣ соҳаҳои ҳизбӣ, сиёсӣ, сиёсати байналхалқӣ ва илму фарҳангро низ дар бар мегирифт.

**?**

1. **Ҳамкорӣ дар байни мамлакатҳои сотсиалистӣ барои чӣ зарур буд?**
2. **Ҷиҳатҳои мусбату манфии байниҳамдигарии муносибатҳои давлатҳои низоми ҷаҳонии сотсиалистиро баён намоед.**

**ОҒОЗИ БӮҲРОНИ НИЗОМИ ҶАҲОНИИ СОТСИАЛИЗМ.** Сохтмони сотсиализм ба гардани халқи бештари давлатҳои ба ин роҳ воридшуда зӯран бор карда шуда буд. Барои ҳамин аз соли 1956 сар карда дар давлатҳои алоҳидаи ин низом радкунии ошкорои роҳу усулҳои рушди сотсиалистию коммунистӣ дар шакли намудҳои гуногун зуҳур ёфтан гирифт. Як қисми ин мухолифатҳо бо сабаби он рӯй медоданд, ки дар муносибат бо давлатҳои сотисалистӣ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун муаллим ва бародари калонӣ баромад карда, ба ҳукуматҳо ва ҳизбҳои марксистии давлатҳои сотсиалистӣ нишон медод, ки онҳо дар ин ва ё он масъалаи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ бояд чӣ хел рафтор кунанд. Агар мабодо ягон давлати сотсиалистӣ аз хати кашидаи Маскав берун мебаромад, ҳамоно он аз тарафи роҳбарони ҲКИШ ва Иттиҳоди Шӯравӣ ба танқиди шадид гирифта мешуд. Чунин рафтор вайрон карда шудани меъёрҳои ленинии ҳаёти партиявӣ қаламдод карда мешуд.

Соли 1956 Раиси Шӯрои Вазирони Венгрия Имре Над таъйин гардид. Ӯ дар мамлакат низоми бисёрҳизбиро ҷорӣ намуд. Дар натиҷаи ин иқлом аҳволи Ҳизби Коммунистии Венгрия ҳамчун ҳизби ҳукмрон вазнин шуд, яъне ҳокимияти мутлақ аз дасти он рафт. Ҳукумати нав ҳатто баромадани Венгрияро аз Созмони Паймони Варшава эълон кард. Дар ҷавоб давлатҳои аъзои Паймони Варшава бо сардории ИҶШС ба Венгрия қӯшун дароварда, аз тариқи табаддулоти ҳарбӣ Ҳизби Коммунистии Венгрия ва Янош Кадарро аз нав ба сари ҳокимият оварда, нерӯҳои зиддисотсиалистӣ ва зиддикоммунистиро торумор карданд.

21 августи соли 1968 дар зери роҳбарии Иттиҳоди Шӯравӣ қӯшунҳои давлатҳои аъзои Паймони Варшава барои он ба Чехословакия дароварда шуданд, ки халқи ин давлати сотсиалистӣ мехост бо роҳи Ғарб равад. Чехословакия ҳамин тавр бо ярок дар оилаи давлатҳои низоми ҷаҳонии сотсиалистӣ нигоҳ дошта шуд.

Дар солҳои 60-ум дар байни Иосип Броз Тито (Югославия) ва Анварҳоҷа (Албания), аз як тараф, ва роҳбарони Иттиҳоди Шӯравӣ, аз тарафи дигар муносибатҳо тезу тунд шуданд. Югославия ва Албания мехостанд, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии мустақили худро дошта бошанд. Ин иқдоми роҳбарони Югославия ва Албания ба роҳбарони ҲКИШ ва Давлати Шӯравӣ маъқул нашуд. Дар худи ҳамин давра ва дар ҳамин масъала муносибат дар байни Иттиҳоди Шӯравӣ ва Руминия ҳам то як дараҷа вайрон шуд.

Аз охирҳои солҳои 50-ум ва оғози солҳои 60-ум Ҷумҳурии Халқии Чин бо роҳи ислоҳоти иқтисодӣ дохил шуд, ки он бо номи "Инқилоби маданӣ" ё худ "Ҷаҳиши бузург" машҳур аст. Дар ин замина муносибатҳои байни ИҶШС ва ҶХЧ тезу тунд шуданд ва ҳатто соли 1969 бо баҳонаи ҷазираи Даманск бархӯрди ҳарбии ин ду давлати сотсиалистӣ ба амал омад. Чин мехост, ки муносибатҳояш бо ИҶШС баробарҳуқуқ бошанд ва модели сотсиализмро барои Чин худи роҳбарони ҳизбию давлатии Чин интихоб кунанд.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ низ мухолифони сиёсати дохилию хориҷии ҲКИШ ва сохти состиалистӣ меафзуданд, ки онҳоро "десидент" меномиданд.

**?**

1. **Сабабҳои таъсиси давлатҳои нави сотсиалистиро дар чӣ мебинед?**
2. **Дар давлатҳои сотсиалистӣ кадом идеология ва аҳзоби сиёсӣ ҳукмрон буданд?**
3. **Дар бораи ШЁБИ чиҳо медонед?**
4. **Кадом нишонаҳои давлатҳои сотсиалистиро медонед?**
5. **Дар бораи низоми иқтисодии давлатҳои сотсиалистӣ чиҳо медонед?**
6. **Сабабҳои оғози бӯҳрони сиёсиро дар давлатҳои низоми ҷаҳонии сотсиалистӣ муайян кунед. Оё мумкин буд, ки мухолифатҳои дар байни давлатҳои сотсиалистӣ ба миёномада ба таври осоишта бартараф карда шаванд?**

## § 13. ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ ДАР СОЛҲОИ ОХИРИНИ АҲДИ СТАЛИН



*Расми 30. Манзараи азнавбарқароркунии ДнепроГЭС.*

### ОҚИБАТҲОИ ҶАНГ

Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба охир расид. Он барои халқи Шӯравӣ фоҷиабор буд. Иттиҳоди Шӯравӣ дар байни давлатҳои ишти-рокчии Ҷанги дуюми ҷа-ҳонӣ талафоти аз ҳама зиёди ҷонӣ ва моддӣ дод. Артиши Олмони гитлерӣ ва иттифокчиёни Олмон, нерӯҳои таъқибкунии онҳо дар Иттиҳоди Шӯравӣ

хазорон шаҳру деҳот, фабрикаву заводҳо ва иншоотҳои дигари хочагии халқро ба хок яксон карданд.

Ҳатто шахтаю роҳҳои оҳанро аз кор баровардаид, клубу театрҳо, осорхонаю китобхонаҳо, мактабу бемористонҳо ва гайраҳоро горат ва валангор карданд.

Фашистон нисбат ба одамони шӯравӣ ваҳшиёна рафтор мекарданд. Дар қаламрави истилои худ тартиботи фашистӣ-зӯроварӣ ва терроррo ҷорӣ намуданд. Мардуми осоиштаро бо ҳар сабабу баҳона дастгир намуда, қатл мекарданд, ба лагерҳои консентратсионӣ фиристонида, дар оташдонҳо месӯзонданд. Онҳо ба пиронсолон, занҳо ва кӯдакон раҳм намекарданд.

### САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

- Талафоти ҷонӣ - 27 млн. нафар
- Маъюбони ҷанг - 2,6 млн нафар
- Заводу фабрикаҳои аз кор баровардашуда -- 31. 850 адад
- Роҳҳои оҳани аз кор баровардашуда -- 65.000 км.
- Шаҳрҳои ба хок яксоншуда - 1710 адад
- Деҳаҳои ба хок яксоншуда - 70,000 адад
- Камшавии майдони кишту кор - 36,8 млн. га
- Шахтаҳои аз кор баровардашуда - 1135 адад
- Осорхонаҳои ғорату валангоршуда - 427 адад
- Китобхонаҳои горату валангоршуда - 43.000 адад

?

1. Истилогарони фашистӣ дар қаламрави ишғолкардашон ба одамони шӯравӣ чӣ тавр муносибат мекарданд?
2. Рақамҳои дар боло нисбати оқибатҳои Ҷанги Бузурги Ватании халқи шӯравӣ овардашударо таҳлил намоед.

**АЗНАВБАРҚАРОРКУНИИ ИҚТИСОД.** Самтҳои афзалиятнок дар марҳалаи баъдиҷангии рушди иқтисоди ИҶШС-ро оқибатҳои харобиовари Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дурнамои Давлати Шӯравӣ муайян намуданд, ки аз ҷузъҳои зерин иборат буданд: а) бозсозии саноат мувофиқи замони осоишта; б) эҳё намудани саноати дар замони ҷанг харобгардида; в) сохтмони нав. Ин ҷузъҳо бо ҳамдигар робитаи зич доштанд.

Азнавбарқароркунии хочагии халқи мамлакат ҳанӯз дар охири ҷанг оғоз ёфта буд. Соли 1943 бо номи "Дар бораи чораҳои таъхирнопазири азнавбарқароркунии хочагии халқ дар ноҳияҳое, ки аз истилои фашистӣ озод карда шудаанд" қарори махсуси ҳизбию давлатӣ қабул карда шуд. Дар солҳои 1943-1945 ба халқи шӯравӣ муяссар шуд, ки дар ноҳияҳои аз истилогарон озодкардашуда аз се як ҳиссаи саноати азкормондаро барқарор намоянд. Ба ин кор мардуми минтақаҳои шарқии мамлакат, аз он ҷумла Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон низ сафарбар карда шуданд.

### САНАҲО, ВОҚЕАҲО, ДАЛЕЛҲО

- Соли 1945 - ҳаҷми истеҳсоли саноати ИҶШС нисбат ба соли 1940 8 фоиз афзуд.
- Соли 1946 - ғайриҳарбигардонии иқтисоди мамлакат анҷом ёфт.

• Соли 1947: – а) низоми карточкагии таъмини озуқа бекор карда шуд.
б) ислоҳоти асъори шӯравӣ ба амал бароварда шуд;
в) рӯзи кории 8-соата ҷорӣ гардида, кори изофа аз меъёр бекор карда шуд;
г) репатриатсия (баргардонидан)-и халқи шӯравӣ аз хориҷа (5,5 млн. нафар) ва аз навоҳии шарқии мамлакат баргардонидани гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ анҷом пазируфт.

1. Барои гузаштан ба ҳаёти осоишта дар ИҶШС кадом тағйиротҳоро кардан лозим буд?
2. Аз мақолаи "Саноат, деҳот, заводҳо" хулоса бароред, ки оё баъд аз ҷанг дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии Мамлакати Шӯравӣ ягон беҳбудӣ дида мешавад?

**ҲАЁТИ СИЁСӢ.** Ҷанг ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Иттиҳоди Шӯравӣ гояи демократиро ворид намуд. Он фазои сиёсиро дар ИҶШС, ки солҳои 30-юм ташаккул ёфта буд, тағйир дод. Ҷанг "пардаи оҳанин", ки ИҶШС-ро иҳота карда буд, то андозае рахна кард. Иштирокчиёни лашкаркашии озодибахш дар Аврупо, ки дар он қариб 10 млн нафар одамони шӯравӣ дар тан либоси низомӣ ширкат доштанд, фарқи байни таблиғоти шӯравӣ ва ҳаёти воқеиро дар мамлакатҳои Аврупо бо чашмони худ диданд. Баъди ғалаба мардуми озодидӯсти Шӯравӣ умед доштанд ки фишори давлат ба халқ камтар мешавад, махсусан дар Прибалтика, Украинаи Ғарбӣ ва Белоруссияи Ғарбӣ. Ҳатто дар доираҳои роҳбарикунандаи ҳизбию давлатии шӯравӣ ҳам заруратӣ тағйиротҳои сиёсиро дарк менамуданд. Вале ҳанӯз нерӯҳои зиддидемократӣ хеле зиёд ва мавқеи онҳо пурзӯр буд, хусусан дар байни дастгоҳи ҳизбии ҲКИШ ва генералҳои Артиши Шӯравӣ.

Сарфи назар аз кайфияти зиёиёни озодандеш аксарияти кулли аҳолии мамлакат бар он ақида буданд, ки ғалаба дар ҷанг ғалабаи Сталин ва низоми сотсиалистӣ аст, ки Сталин ба он роҳбарӣ мекунад. Ҳамин хел ба назар мерасид, ки режими шӯравӣ гӯё баъзе унсурҳои демократиро ба низоми сиёсии мамлакат ворид мекарда бошад. Моҳи сентябри соли 1945 дар мамлакат ҳолати фавқулодда бекор ва Кумитаи Давлатии Мудофиа парокanda карда шуд. Моҳи марти соли 1946 Шӯрои Комиссарони Халқи ИҶШС бо Шӯрои Вазирони ИҶШС табдил дода шуд. Ҳамон сол интихобот ба Шӯрои Олии ИҶШС, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва шӯроҳои маҳаллӣ доир гардид. Дар натиҷа ҳайати вакилони халқи дар солҳои ҷанг боқимонда нав карда шуд. Мувофиқи тақозои Конститутсияи ИҶШС интихоботи пинҳонии судҳо ва машваратчиёни халқӣ доир гардиданд. Ба ин навгониҳо нигоҳ накарда дар ИҶШС ҳокимият мисли пештара дар ихтиёри ҲКИШ ва роҳбарони аввали он буд.

Анҷумани охирини ВКП (б) 13 сол қабл аз ин доир гардида буд. Моҳи октябри соли 1952 Анҷумани XIX ВКП (б) баргузор гардид. Мувофиқи қарори ин анҷуман ВКП (б) ба ҲКИШ табдил дода шуд.

Дар баробари ин навгониҳо таъқиботи сиёсии мардуми шӯравӣ қатъ нагардида, он ба марҳалаи нав дохил шуд. Таъқиботи асирони ҳарбӣ, ки аз Олмон ва лагерҳои консентратсионии фашистӣ ба Ватан баргаштанд, шаҳодати равшани ин гуфтаҳост.